**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 336.12(575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

**РАСУЛОВ ҶОВИД ҚУРБОНОВИЧ**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАҲО

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

бароu дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти худудӣ

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Умаров Хоҷамаҳмад**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ** 3

**МУҚАДДИМА.** 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР МИНТАҚА** 16

1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа 16

1.2. Рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа 32

1.3.Таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа 51

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА ҲОЛАТИ ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** 65

2.1. Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон 65

2.2. Баҳои нишондиҳандаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатии Хатлон 85

**БОБИ 3. САМТҲОИ БАЛАНД БАРДОРИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН** 104

3.1. Танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа дар шароити муосир 104

3.2. Истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа 123

3.3. Модели баҳои самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон 139

**ХУЛОСА** 153

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО** 154

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** 157

**ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** 173

## НОМГУЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ГМО – Организмҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда

ГМП – Маҳсулотҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда

ТУТ – Ташкилоти умумҷаҳонии тандурустӣ

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА– Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КАС – Комплекси агросаноатӣ

МУД – Маҳсулоти умумии дохилӣ

МУК – Маҳсулоти умумии кишоварзӣ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ПМТ– Пойгоҳи моддӣ-техникӣ

РБИ – Рушди босуботи иқтисодӣ

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

СИИ- Самаранокии иқтисодии истифодаи...

СҲН – Сатҳи ҳифзи номиналӣ

СМР ҶТ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТБО- Таъмини бехатарии озуқаворӣ

ФАО – Ташкилоти байналмилалии кишоварзӣ ва озуқаворӣ

ФА – Фонди асосӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҲРУ– Ҳадафҳои рушди устувор

«Йе OGT», «Non-GMO» – Маҳсулотҳои бидуни компонентҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта сохташуда

CHNS – Тадқиқоти саломатӣ ва ғизои Чин

| | | |
|---|---|---|
| млн. | – | миллион |
| млрд. | – | миллиард |
| $км^2$ | – | километри мураббаъ |
| $м^2$ | – | метри мураббаъ |
| $м^3$ | – | метри мукааб |
| га | – | гектар |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ барои ҳамаи кишварҳои дунё, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, он бо хусусиятҳои хоси минтақавии рушди минтақаҳо фарқ менамояд. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мекунанд, ки дар даврони муосир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои калидӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад ва дар ин замина даҳ сол қабл дар Иҷлосияи 63-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуда, доир ба чанд самти муҳим, аз ҷумла мушкилоти тағйирёбии иқлим дар сайёра, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, зарурати истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обию энергетикӣ, инчунин расидан ба истиқлолияти энергетикӣ андешаронӣ намуда, ин самтҳро ҳамчун чор самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ арзёбӣ карданд.

Илова бар ин, «...Машваратҳои миллӣ аз рӯи рӯзномаи ҲРУ имкон доданд афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар СМР-2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шаванд. Ба чунин афзалиятҳо: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (6) таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; (9) пешгирии низои эҳтимолӣ; (10) амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ шомиланд.» [13, С.5].

Ҳамзамон, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ( 26.01.21.) ба Маҷлиси олии кишвар қайд намуданд, ки «...бо назардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза моро лозим аст, ки чунон кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода

бошем ва нагузорем, ки мардуми мо аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд.» [9, С.19].

Аз таҳлили ҳамаҷониба бармеояд, ки сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият на танҳо ҳамчун як самти соҳаи иқтисод, балки ҳамчун воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографӣ ташаккул ёфтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини аҳолии минтақаҳо бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва расидан ба худтаъминкунӣ бо ғизо равона гардида, ин омилҳо нақши калидӣ дар таъмини суботи иҷтимоӣ мебозанд. Дар шароити афзоиши аҳолӣ ва маҳдуд будани захираҳои заминӣ, рушди соҳаи аграрӣ ҳамчун омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аҳаммияти стратегӣ касб мекунад.

Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла замин, об ва иқлим, яке аз рукнҳои асосии сиёсати аграрӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, масъалаи беҳдошти вазъи экологӣ низ ҷойгоҳи муҳим дорад, зеро фаъолияти ғайрисамараноки кишоварзӣ метавонад боиси таназзули захираҳои табиӣ гардад. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ҳанӯз 22.12.2016 ба Маҷлиси Олии кишвар қайд намуда буданд, ки «...бо дарназардошти захираву иқтидорҳои кишвар барои бамаротиб афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти соҳа ҳанӯз имкониятҳои зиёд мавҷуданд.» [11, С.15].

Аз ин лиҳоз, таҳкими сиёсати аграрӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани сатҳи маърифати аграрии аҳолӣ ва дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ метавонад ба ҳалли ин масъалаҳои мубрам мусоидат намуда, рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин намояд.

Тибқи таҳлилҳо дар давоми 25 соли охир, яъне солҳои 1998–2023, шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар 4,6 млн нафар зиёд гардида,

суръати баландтарини афзоиш асосан дар вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст ва бинобар пешгӯиҳои коршиносон ин раванд то соли 2030 ба 12 млн. нафар расида, ба сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, истифодаи самараноки иқтидорҳои захиравӣ-табиӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавии таъмини бехатарии озуқаворӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, махсусгардонии хоҷагиҳо, ҷорӣ кардани техникаву технологияҳои муосири парвариши зироатҳо маҳсуб ёфта, мавзуи мубрами рӯзмарра дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъмини бехатарии озуқаворӣ аз ҷониби иқтисодчиёни ватанӣ, ба мисли И.А. Асроров [120], Т.Б. Ғаниев [51, 52], Қ.Қ. Давлатов [57, 71, 139], Ҳ.Р. Исайнов [60, 61, 71, 115], Р.Р. Қудратов [62, 63, 64, 136], Ҳ.А. Одинаев [106, 107], Ҷ.С. Пиризода [70, 71, 102], И.С. Ашуров [44, 119, 134, 137], З.Ш. Шарифов [144], И.Ҳ. Самандаров [100], Ҳ.Б. Раҳматзода [145], Д.Д. Match Бобоҷонов [118], О.М. Алиев [39], Ҷ.Ҳ. Тағоев [71, 132], И.С. Фасеҳзода [75, 98, 99, 105], Э.Н. Шералиев [95, 122] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳанӯз дар корҳои олимони иқтисодшинос, аз он ҷумла мактаби классикӣ, ба мисли К. Маркс [67], Д. Рикардо, А. Смит [74] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Баъзе ҷанбаҳои танзими давлатии бозори озуқаворӣи минтақавӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизои босифат дар корҳои олимони рус, ба мисли Костяев А.И., Тимофеев М.У. [89], Кузнетсов, В.В. [65], Лескин В.Н., Шветсов А.Н. [66], Павленко, Н.Е. [69], Руденко С.И. [77] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ, истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ дар

корҳои илмии олимони рус, ба мисли Л.И. Абалкин [39], А.И. Алтухов [40, 41, 42], Е.Н. Борисенко [48], П.Т. Бурдюков [49], С.С. Волкова [50], А.В. Гордеев [55, 56] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф, новобаста аз корҳои зиёд дар ин самт таҳқиқгардида, баъзе ҷанбаҳои самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа, аз ҷумла истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, баҳои таъмини сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва меъёри физиологии озуқаворӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ набуда, дар он омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ дар рушди минтақа на он қадар ба назар гирифта шудааст. Ҳалли масоилҳои дар боло зикргардида, зарурати аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақа, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкурро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатӣ ва минтақавии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мутобиқат намуда, ба татбиқи амалии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 ва дигар барномаҳои давлатии рушди минтақавӣ ва соҳавӣ мутобиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-услубии масоили самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва коркарди тавсияҳои илман асоснокгардида оиди таъмини амнияти озуқаворӣ дар манотиқи вилояти Хатлон маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ба мақсади ҳалли мушкилоти дар самти комёб шудан ба ҳадафи асосии рисолаи илмӣ муаллиф чунин вазифагузориҳо намудааст:

- таҳкими муқаррароти назаривию услубӣ доир ба СИИ иқтидори захиравӣ-табиии минтақавӣ дар қаринаи ТБО аҳолии минтақа;

- муайянкунии махсусиятҳо, усулҳо ва принсипҳои асосии ТБО бо назардошти ташаккули рушди бозори озуқаворӣи минтақавӣ;

- баҳодиҳии механизми экологӣ ва иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа бо назардошти муайянкунии самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ;

- коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа ва таҳияи модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бо назардошти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** - ин раванди самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаи Хатлон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот -** фарогири маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиест, ки дар раванди истифодаи иқтидорҳои захиравӣ-табиии минтақаҳо ба мақсади таъмини бехатарии озуқавории аҳолии онҳо, аз ҷумла дар вилояти Хатлон зуҳур мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки дар сурати самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа равона мегардад. Илова бар ин, самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки ба баланд бардоштани талаботи рӯзафзуни аҳолии кишвар нигаронида шудааст. Аз ин хотир, таъмини бехатарии иқтисодӣ дар маҷмуъ бе ҳалли масъалаи бехатарии озуқаворӣ ғайриимкон мебошад.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони иқтисодшиноси ватанӣ ва хориҷӣ оид ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунҳо, ки танзими муносибатҳои истеҳсолӣ-хоҷагидориро дар соҳаи кишоварзӣ, барномаҳои давлатии таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва кластерҳои минтақавӣ, дар асосии истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ки барои шароити минтақаҳои агросаноатии мо мувофиқ мебошад, ташкил медиҳад. **Асосҳои методологии таҳқиқотро** баҳои самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар асоси он таъмини бехатарии озуқаворӣ бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва экологии рушди минтақа ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин: усули монографӣ, оморӣ, математикӣ-иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шудааст. Истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахши баҳои самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин менамояд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи илмии таҳқиқот санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон, маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ҳифзи муҳити зисти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои минтақаи Хатлон истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2024 иҷро шудааст.

**Навгониҳои таҳқиқоти илмӣ** дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-услубии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва коркарди тавсияҳои илман асоснокгардида оиди таъмини амнияти озуқаворӣ дар манотиқи вилояти Хатлон маҳсуб меёбад. Ба унсурҳои асосии навгонии рисолаи илмӣ чунин нуктаҳо мансуб дониста мешаванд:

– дар асоси арзёбии ҷанбаҳои назариявии мафҳуми мавриди таҳқиқ қарордошта, таърифи мукаммали мафҳуми иқтидори захиравӣ-табиӣ пешниҳод шудааст, ки мувофиқи он иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун ҷузъи калидии маҷмуи захираҳои табиии минтақа арзёбӣ шудааст, ки давлат ва мақомоти минтақавии он барои ТБО аҳолии минтақа истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ҷавобгӯйи талаботро барои тамоми фосилаи вақти барояш муқарраршуда тарҳрезӣ, назорат, идораю танзим менамояд;

– тибқи таҳлилу баррасиҳо хусусиятҳои хос муайян, принсипҳои корбарӣ муқаррар ва тарзҳои баҳо додани СИИ нерӯъҳои табиӣ-захиравӣ аниқ карда шуда, дараҷаи таъсироти онҳо ба ТБО тавассути меъёрҳои мавҷуда арзёбӣ гардидаанд;

– механизми экологӣ-иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа бо назардошти муайянкунии самтҳои асосии дастгирии давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ баҳодиҳӣ шудааст, ки масоили калидии он баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа ба мақсади ТБО аҳолии минтақаи мавриди таҳқиқ бо назардошти риояи ҳадафҳои РБИ мебошад;

- оид ба такмили самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа пешниҳодҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок коркард шуда, ҳамзамон модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар заминаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон таҳия гардидааст, ки ба истифодаи оқилонаи заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ, беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсоли маҳсулотҳои аз

нигоҳи экологӣ тоза ва ҷалби бештари сармояҳои хориҷӣ, дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа нигаронида шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- тақвияти муқаррароти назариявӣ оиди мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ» ҳамчун як унсури муҳими рушди иқтисодиёти минтақа ба мақсади бо маводи озуқаворӣи худӣ таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳидаи он дар пасманзари беҳсозии вазъи иҷтимоии зиндагии мардуми кишвар дар умум;

- тавсеаи усулҳои баҳодиҳии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа бо назардошти муайянкунии қоидаҳо, ошкорсозии махсусиятҳо ва арзёбии омилҳои ба ТБО дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсиррасон;

- арзёбии кори механизмҳои экологӣ-иқтисодии аз нигоҳи истифодаи фоидаовари нерӯи захиравӣ-табиӣ дар манотиқи маъмурию ҳудудии баҳодиҳишуда дар заминаи аниқсозии самтҳои калидии ёрмандиҳои давлатӣ дар мавриди ТБО дар минтақаҳо;

- тавсияи коркардҳои илман асоснокшуда оиди такмили самтҳои асосии истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла таҳияи амсилаи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ, коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи мазкур нигаронида шудааст, ки амалигардонии онҳо ба рушди сатҳи зиндагӣ ва суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақа мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ-назариявии диссертатсияро барои омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур ҳамчун маводи боарзиш аз ҷониби дигар муҳаққиқони ин мавзуъ ба мақсади тавсеаи муқаррароти асосии мавзуъ ва масъулини соҳа ҳангоми истифодаи мафҳум ба мавзуи дахлдор дар таҳияи қонунҳо ва дигар асноди меъёрию

ҳуқуқӣ истифода намоянд. Ҷанбаҳои услубии кори мазкурро ҳангоми баҳои самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти комили он, баланд бардоштани сатҳу сифати  зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд, истифода намудан мумкин аст. Аҳаммияти  амалии таҳқиқот дар он аст, ки баъзе аз тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф мумкин аст дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин корхонаҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирад. Аз ҷумла нуктаҳои алоҳидаи кори илмии мавсуфро дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти мазкур, дар заминаи маълумотҳои дақиқи минтақавӣ ва соҳавӣ таҳлили самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ,  инчунин таҳқиқи назария, методология ва амалӣ асоснок карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф бо маълумотҳои оморӣ ва факту рақамҳо, ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, ки ба мавзуи мазкур дахл доранд, асоснок карда шудааст. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва таҳқиқотҳои таҷрибавӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунанд: 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ;

эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; тиҷорати байниминтақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; 9. Арзёбии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондиҳандаҳо, методҳо, методологияи таҳлил), махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо, ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои шаклдигаркунии он, сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 11. Фишангҳои муътадилгардонии ба қутбҳо ҷудошавии ҳудудҳо (трансфертҳои давлатӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои дастгирии минтақавӣ, низоми андоз ва ғ.), самаранокии истифодаи онҳо. Проблемаҳои рушди устувору мутавозини минтақаҳо, мониторинги рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо; 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо; 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои таҳқиқоти илмӣ бо иштироки муаллиф, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳаммиятнокии он иҷро гардидаст. Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди ҳамаи тавсияҳои кори илмӣ ва пешниҳодҳои мушаххас, ки ба татбиқи амалии сиёсати аграрии давлат, аз ҷумла шаклу усулҳои пешқадами рушди соҳаи кишоварзӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф бо натиҷаи илмии ба ҳимоя пешниҳод намуда, мутобиқат намуда, навгонии илмӣ ва истифодаи амалии худро дорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** бо мувофиқат кардани натиҷаҳои бадастомада бо афкори назариявии классикӣ ва муосир, ҷанбаҳои назариявии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа муайян мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва КАС ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои замину об, инчунин қисман мумкин аст ҳангоми коркарди барномаҳои давлатӣ оид ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, бо роҳи таҳқиқот дар субъектҳои хоҷагии халқ ва иқтисодиёти соҳаи кишоварзии мамлакат, дар ташкилотҳои илмӣ-таълимӣ истифода бурд. Қисматҳои алоҳидаи пешниҳоди муаллиф мумкин аст дар татбиқи амалии Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт барои солҳои то 2030 дар бахши кишоварзӣ, инчунин ҳангоми таъмини бехатарии иқтисодии кишвар мавриди истифода қарор гирад.

Татбиқи натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар санади Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 5/7-903 аз 16.01.2024 ҳамчун самти роҳандозӣ намудани ташаббусҳо оид ба сиёсати аграрӣ, ки тайи солҳои истиқлолият дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида истодааст, пеш аз ҳама ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, махсусан паст намудани сатҳи камбизоатӣ, дастрасии аҳолии минтақаҳо бо маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва худтаъминкунӣ бо озуқаҳои асосӣ, дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ равона мегардад.

Ҳамчунин, коркарди илмии муаллиф дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии “Иқтисодиёти КАС”, “Иқтисоди миллӣ”, “Иқтисодиёти аграрӣ” истифода шудаанд.  Аз ин рӯ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон собит менамояд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти  рисолаи илмӣ дар санади татбиқ таҳти №706/дс аз 4.12.2023 ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ омӯзиши масоили танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ миёни

истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулотҳои озуқаворӣ, аз ҷумла асосҳои назариявию институтсионалӣ, ҳолати муосир ва самтҳои афзалиятноки рушди таъмини бехатарии озуқаворӣ аҳаммияти муҳим касб менамоянд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, 1 диаграмма, 7 расм, 21 ҷадвал, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР МИНТАҚА

### 1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа

Масъалаи истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар асоси он таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ҳамеша барои иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон аҳаммияти хоса дошта, то ҳол дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Дар даҳсолаҳои охир ин масъала ба яке аз мушкилоти асосии сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумла дар мавриди яке аз захираҳои калидии мавҷудияту амалкарди истеҳсолоти аграрӣ- захираҳои заминҳои кишоварзӣ Хушвахтзода Қ.Х., Асомуддини Р.К., Аҳмадзода Ф.М. чунин изҳори ақида намудаанд, ки «...Майдони заминҳо аз ҷиҳати чуқурии хатарноки сатҳи обҳои серизаминӣ ва шӯрашавии хок дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 1766 гектар ё ин ки 40,6% коҳиш ёфтааст. Тамоюли дараҷаи шӯрашавии хок низ ба чашм мерасад, ки дар соли 2021 майдони умумии онҳо 11488 гектарро ташкил додааст.» [79, С.78]. Ҳамчунин оиди ин масъала дар Ҳисоботи солонаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин маълумот оварда шудааст, ки «...Яке аз сабабҳои асосии бадшавии ҳолати мелиоративии заминҳо, ин омилҳои ирригатсионию хоҷагидорӣ мебошанд, ки сабаби асосии вайроншавии мувозинаи обу намак дар таркиби хок мегардад. Барои ба тартиб даровардани ин мувозина дар заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ 11457 км хатҳои заҳбуру- заҳкашҳо мавҷуданд, ки барои обёрии заминҳои кишоварзӣ хизмат менамоянд, ки 4682,6 км он дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.» [33]. Бо дарназардошти ин, амнияти озуқаворӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими истеҳсоливу иҷтимоӣ эътироф шуда, ҷузъи калидии рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад ва метавонад сатҳи зиндагии аҳолӣ ва раванди рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии онро тағйир диҳад.

Дар сиёсати аграрии давлат яке аз самтҳои муҳим- ТБО ба ҳисоб меравад. Махсусан, «...дар шароити имрӯза, ки ҷумҳурӣ аз лиҳози таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа танқисӣ мекашад, ин муаммо ҳалли ҳамаҷониба ва аз нигоҳи илмӣ асосноккардашудаи худро тақозо менамояд.» [70, С.5], ки он хусусиятҳои минтақавӣ, табиӣ-иқлимӣ ва демографӣ вобастаги ба яке вазифаҳои аввалиндараҷаи таъмини истиқлолияти озуқаворӣ табдил меёбад.

Оид ба масъалаҳои мазкур фикру ақидаҳои гуногуни олимону мутахассисони соҳа мавҷуд мебошад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар он инъикос меёбад, ки дар шароити ҳозира, вазъи соҳаҳои иқтисодиёти минтақаҳои кишвар, бахусус низоми комплекси агросаноатӣ сатҳи бехатарии озуқавориро муайян намуда, кишваре, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи худиро таъмин карда наметавонанд, боиси зиёд гардидани ҳаҷми воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, сабаби баландшавии нархҳо ва истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ мегардад. Ин раванд, махсусан, дар минтақаҳои дорои шароити мушкили табиӣ-иқлимӣ, ки аҳолии он на танҳо қобилияти харидорӣ, балки микдори кофии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ватаниро надоранд, хеле муҳим мебошад.

Масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори табиӣ-захиравии минтақаро аз дидгоҳи таъмини амнияти озуқаворӣ баррасӣ намоем, мебинем, ки ин мафҳум бо ибтикори ФАО ба миён омадааст. Он замон ин мавзуъ вобаста ба мушкилоти афзоиши нархи ҷаҳонии ғалла мавриди истифода қарор гирифт. Соли 1974 дар шаҳри Рим (Италия) зимни конфронси байналмилалӣ, ки бо ибтикори ФАО баргузор шуд, масъала расман матраҳ гардид ва болоравии то секаратаи арзиши ғалладона дар солҳои 1972–1974 ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташдиди буҳрони озуқаворӣ пайгирӣ карда шуд. Қобили зикр аст, ки ғалла дар ҷаҳон манбаи калидии таъмини ғизо ба шумор рафта, дар минтақа низ ҳамчун маҳсулоти асосии истеъмолӣ арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти ФАО,

ғалла ҳамчун меъёри асосии ченкунии тавозуни озуқаворӣ пазируфта шудааст ва барои кишварҳои рӯ ба рушд меъёри солонаи он 140 кг ба ҳар нафарро ташкил медиҳад.

Оиди масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ақидаҳои гуногуни олимону мутахассисони соҳаи мазкур мавҷуд мебошад. Олимони мактаби классикии асрҳои XVIII-XIX ба мисли Т. Малтус, Ф. Кенэ, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс ва дигарон дар консепсияи рушди соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ ақидаҳои илмии худро баён намуда, бо истифода аз равишҳои нав масъалаи таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқавориро хеле муҳим арзёбӣ намудаанд. Дар назарияи илмии Т. Малтус, ки ба давраҳои камчинии буҳрони ғизоӣ (солҳои 60-70-и асри XX) рост меояд, ин масъалаҳо хеле хуб баён гардида, мушкилоти гуруснагиро дар ҷаҳон бо саҳланкориҳо дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолии минтақаҳо бо маҳсулотҳои озуқаворӣ мебинад.

Олими дигар Ф. Кенэ дар асарҳои худ дар масъалаи истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ ва А. Смит, Д. Рикардо ба масъалаҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ диққати махсус дода, дурнамои имкониятҳои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқавориро бо бартариятҳои рушди интенсивии соҳаи мазкур асос мекарданд. Дар асари Ҷ.М. Кейнс зарурати танзими давлатии рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ медиданд.

Ба ақидаи аксарияти олимон мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ин, «... вазъи иқтисодие мебошад, ки дар он кафолати таъмини дастрасии озуқаворӣ барои аҳолӣ дар дилхоҳ вақт ва миқдори кофӣ барои зиндагӣ ва солимӣ зарур, шарҳ дода мешавад.» [38, С.121].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди дарки мафҳуму моҳияти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар китоби худ бо номи "Таджикистан: по пути демократии и цивилизованного общества" чунин

ибрози ақида намудааст: «...таъмини бехатарии озуқаворӣ дар маънои хеле возеҳу равшани он худтаъминкунии озуқавории миллӣ, яъне қобилияти аҳолии кишварро бо қонеъ гардонидани талаботи ҳар як аҳолии он бо озуқаи босифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза (ин ҷо сухан дар бораи хӯрока, оби нӯшокӣ ва дигар маҳсулотҳои ғизоӣ, инчунин воситаҳои биологӣ), дар сатҳе, ки фаъолияти муътадили ҳаётии одамон зарур (яъне дар ҳаҷму микдори кофӣ ва номгӯйи зарурӣ барои рушди ҷисмонӣ ва маънии одам, таъмини саломатӣ ва такрористеҳсоли васеи гиргардиши аҳолӣ), новобаста аз таҳдидҳои дохила ва беруна, инчунин таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа мебошад.» [76, С.23-27]. Яъне ТБО ин ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои ғизоӣ ва дастрасии аҳолии минтақа бо озуқа дар дилхоҳ вақт ва бо микдори зарурӣ ва ҳаҷми лозима барои дастгирии сатҳи зиндагӣ ва саломатии мардум равона мегардад.

Имконияти ба даст овардани озуқаи кофии сифаташ баланд ва безарар барои аҳолии минтақаҳои мамлакат шарти ҳатмӣ ва зарурии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, зимни он «...бехатарии озуқаворӣ на ҳамчун категорияи махсуси иқтисодӣ, балки ҳамчун шароити дастрасии ҷисмонии ғизо ва бехатарии он, арзёбии сифати хӯрок, сохтор ва тозагии экологии озуқа фаҳмида мешавад.» [58,С.7-8, 29-30]. Дар ин маврид «...бехатарии озуқаворӣ бо фароҳам овардани имконияти кафолатнок аз ҳисоби манбаъҳои худӣ, таъмини аҳолии минтақаҳои кишварро дар назар дошта, талаботи биологӣ-физиологии одамонро бо ғизои баландсифат таъмин менамояд.» [64, С. 152-153], ки он аз омилҳои зерин манша мегирад:

– рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, меъёри (ратсионӣ) ғизоӣ, ки ба талаботи физиологӣ ва фаъолияти ҳаёти одамон, инчунин рақобатпазирӣ ва самаранокии комплекси агросаноатӣ ҷавобгӯ;

– имкони худтаъминкунӣ бо озуқаи барои аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ ва корношоями минтақа;

– фароҳам овардани кафолати таъминоти озуқаворӣ барои маъюбон ва аҳолие, ки қобилияти корӣ ё фаъолияти меҳнатии худро аз даст доданд.

Дар маҷмуъ ҳар як олимони соҳа ба таври худ мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ва алоқамандии онро бо самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи захираҳои замину об шарҳ дода, лекин як нуқтаи назари монанд дар ҳамаи андешаҳои онҳо баён гардидааст, ки «...бехатарии озуқаворӣ таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа бо назардошти талаботи имконияти қонеъгардонии онҳо аз ҳисоби истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ мебошад.» [41, С.12]. Мақсади асосӣ дар ин раванд таъмини таълаботи аҳолии кишвар аз ҳисоби самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб рафта, вазифаи асосии он таъмини озуқа ва сиҳату солимии аҳолӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бехатарии озуқаворӣ дар низоми амнияти иқтисодии миллӣ ҳамчун унсури асосии таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ арзёбӣ гардида, иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтисодии минтақа мебошад. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ зарурати ҷустуҷӯ ва роҳҳои нави ҷорӣ намудани рушди кишоварзӣ, сохтори оптималии истифодаи захираҳои замин, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва ТБО ба таназуллёбии экосистемаҳои минтақавӣ, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ғайра рӯ ба рӯ гаштааст. Аз ин лиҳоз, ҳар як ин омили қайдгардида дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ нақши калон мебозад.

Масъалаи бехатарии озуқаворӣ, ки ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ вобаста буда, дар сатҳҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ

аҳаммияти калон дорад, бо тағйироти куллӣ дар муносибатҳои истеҳсолӣ, ҳамоҳангсозии захираҳои табиӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ вобастагӣ дорад (расми 1.1.) .




**Расми 1.1.** Сохтори функсионалии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақа
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд дарк намуд, ки моҳияти онҳо барои мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар миқёси минтақавӣ ин мафҳумҳо то сатҳи таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва зиндагии шоистаи мардум хизмат менамоянд. Махсусан, «...дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, шаклҳои нави идоракунии истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ ва дигаргунсозиҳои иқтисодиёти кишвар меъёр ва усулҳои баҳогузории таъмини бехатарии озуқаворӣ тағйир меёбад. Таҳдидҳо ба бехатарии озуқаворӣ ба қадри лозимӣ омӯхта нашуда, арзиши ҳадди ақҷали он номуайян мебошад.» [108, С.131-135]. Аз ин лиҳоз, масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ доимо таҳти назорати давлат қарор дорад.

Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба чанд омил вобастагӣ дорад: дастрасии ҷисмонии аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки хатари камбуди онро дар бозори

истеъмолӣ истисно менамояд; дастрасии ғизои босифат, ки он ба ҳар як шаҳрванд сатҳи кофии даромад барои хариди маҳсулотҳои озуқавориро таъмин менамояд; дастрасӣ ба озуқа ва таҳдиди пайдо шудани маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва хатарнок дар бозори озуқаврии минтақаҳо, ки он метавонад ба саломатии мардум таҳдид намоянд [90].

Дар шароити минтақа масъалаи истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ метавонад моҳияти амнияти озуқавории кишварро инъикос намояд. Тибқи ақидаи баъзе муаллифон, «...бехатарии озуқаворӣ ба таври қонунӣ ҳамчун вазъи иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар он новобаста аз ғизо дар миқдори ба имкониятҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок (таъминот) ва аз ҷониби дигар, шароитҳо барои нигоҳ доштани истеъмол дар сатҳи меъёрҳои тиббӣ (талабот) фароҳам оварда мешавад.» [32, С.131-161]. Ин равишҳо, натанҳо моҳияти таъмини бехатарии озуқаворӣ, балки шароити ташаккули бозори минтақавии озуқа ва истиқлолияти озуқавориро дар маҷмуъ фаро мегирад. Аз ин нуқтаи назар ҳангоми муайян кардани мафҳумҳои иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ истифодаи танҳо як сатҳ- объект, яъне як минтақаро ҳамчун асос қабул кардан кофӣ нест, чунки он бояд дар шакли дастаҷамъона на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, балки дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ омӯхта шавад.

Меъёрҳои бехатарии озуқаворӣ ин дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба миқдори кофии озуқаи бехатар ва серғизо, пурра қонеъ гардонидани аҳолӣ бо маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва безарар мебошад. Аз ин нуқтаи назар сиёсати таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар, самаранокӣ, дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолии тамоми кишварро ба миқдори кофии озуқаи безарар ва серғизо дар назар дорад. Ҳадафҳои чунин сиёсат дар минтақаҳои кишвар барои қонеъ намудани ниёзҳои аҳолӣ, таъмини устувори озуқаворӣ тибқи меъёрҳои тиббӣ мебошад ва роҳҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳо

метавонад дар мавриди самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии кишвар ба даст оварда шавад.

Муаммои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ боз ба он хотир ба масъалаи минтақавӣ шомил карда мешавад, ки тайи даҳсолаҳои охир инсоният ба масъалаҳои таназзулёбии иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла паст шудани ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ, ифлосшавии муҳити зист, паст гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва зиёдшавии шумораи аҳолӣ, ки онҳо боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқа гардидааст.

Дар ин замина метавон хулоса кард, ки масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо як мавзуи иқтисодиву иҷтимоӣ, балки омили таъсиргузор ба суботи миллӣ ва устувории рушди минтақаҳо арзёбӣ мешавад. Гуфтаи Президенти кишвар санаи 1 сентябри соли 2015 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ҳолати воқеии мавзуъро боз ҳам равшантар мекунад. Пешниҳоди роҳбари давлат дар бораи доштани захираи на камтар аз ду соли маводи озуқа аз ҷониби ҳар як шаҳрванд фарогири масоили хатарҳои ҷаҳони муосир мебошад.

Ин масъала дар солҳои қаблӣ низ аз ин ҳам вазнинтар хоҳад шуд, чунки мувофиқи баъзе пешгӯиҳои мутахассисон бо сабаби таъсири бухрони пандемияи (COVD-19) вазъи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ҷаҳон мушкил хоҳад гардид. Дар ин раванд ба ақидаи М.Ҳ. Исайнова «...бори дигар моро водор месозад, ки захираи озуқаворӣи худро дошта бошем ва дар лаҳзаҳои зарурӣ бо эҳтиёт ва сарфакорона аз он истифода барем.» [143, С.28].

Дар таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши сиёсати аграрӣ хеле калон мебошад. Дар минтақаҳое, ки миқдори зиёди маводи озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои худӣ истеҳсол карда мешавад, фаъолияти мақомоти давлатӣ бояд ба дастгирии соҳибкорони ватанӣ, ки ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ машғуланд, бештар дода шавад.

Ҳангоми таъмини бехатарии озуқаворӣ зарур аст, ки ҳамаи унсурҳои бехатарии иқтисодӣ дар маҷмуъ, аз ҷумла истеҳсол ва истеъмоли маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, вобаста ба меъёри физологӣ ба назар гирифта шаванд.

Ҳалли ин вазифаҳо аз мақомоти идоракунии давлатӣ дар минтақаҳо мутобиқи салоҳияти худ дар соҳаҳои савдо, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сиёсати минтақавии дастгирии соҳибкорӣ, сиёсати иқтисодӣ-молиявӣ ва ғайраҳо таъмин гардида, дар алоқамандӣ бо соҳаҳои иқтисодиёт ва такрористеҳсоли васеи иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои кишвар роҳандозӣ мегардад. Махсусан, «...дар шароити ислоҳот ва буҳрони вазъи комплекси агросаноатӣ ва ядрои асосии он - соҳаи кишоварзӣ моҳияти назариявӣ ва амалии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии мамлакат нуфузи калон пайдо менамояд.» [81, С.284-287].

Дар ин замина мо ҷонибдори нуқтаи назари олимони ҷавон Сафаров А.Ҳ. ва Садиқова Ш.К. ҳастем, ки дар мавриди истифодаи самараноки нерӯҳои табиӣ-захиравии кишварамон чунин андешаронӣ намудаанд: «...барои кишвари мо нерӯи офтобӣ ва бодӣ беҳтарин алтернатива дониста мешавад. Иқтидори нерӯи офтоб ва бод дар Тоҷикистон хеле бузург аст. Бино ба маълумоти мавҷуда, давомнокии офтоб дар кишвар 2100-3166 соат дар як сол буда, шумораи рӯзҳои офтобӣ дар як сол тақрибан аз 260 то 300 рӯзро ташкил медиҳад. Ин ҷиҳат барои ҳамчун манбаи иловагӣ истифода бурдани нерӯи офтоб, хусусан дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки хатти электрикӣ мавҷуд нест, имконияти хубро фароҳам меорад. Ҳисобҳои пешакии коршиносон нишон медиҳад, ки иқтидори истифодаи нерӯи офтоб барои қисман пӯшонидани камбудии нерӯи барқ дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки 70 дарсади аҳолии кишвар ба сар мебаранд, басанда аст. Қобили зикр аст, ки дар кишвари мо мувозинати энергетикӣ дар фаслҳои тобистону зимистон вайрон мешавад: дар тобистон нерӯи барқ барзиёд ва дар зимистон

норасоии нерӯи барқ мушоҳида мегардад.» [73, С.128]. Омӯзиши чунин масъалаҳо имкон медиҳад, ки сиёсатҳои арзандаи истифодаи захираҳо муайян гардида, роҳҳои беҳтари ҳифз ва афзунсозии истеҳсолоти кишоварзӣ ба шароити маҳдуди замин мутобиқ карда шаванд.

Бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.  Вазъи комплекси агросаноатии минтақа, ки бо самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркард кардани онҳо дар шохаҳои гуногуни саноат вобаста аст, таъсири мустақим ба таъмини озуқаворӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба таъмини устувори бехатарии озуқаворӣ, ноил шудан ба миқдори истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар дохили кишвар ва арзиши онҳо дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин заминаи иқтисодӣ ва имконоти истеҳсоли маҳсулоти бештар дар самтҳои гуногуни кишоварзӣ, ҳамчун омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳо муҳим арзёбӣ мешаванд.

Масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо мавҷудияти чунин шароит ва омилҳоеро пешбинӣ мекунад, ки рушди комплекси агросаноатӣ, инчунин истиқлолияти озуқаворӣ ва ҳамгироии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро таъмин намуда, аз  қобилияти пешбурди сиёсати дурусти аграрӣ, ки бояд манфиатҳои ҳамаи минтақаҳои кишварро фаро гирад ва  қобилияти нигоҳ доштани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ бо риояи меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ вобаста мебошад.

Минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳамаи имкониятҳоро оиди истеҳсоли намудҳои зироатҳои кишоварзӣ дорад. Рушди вилояти мазкур имконияти пурраи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва рушди бозори озуқавориро метавонад таъмин намояд. Ҳамин тавр, вилояти Хатлон дар рушди устувори кишвар саҳми бузург дорад. Аз ин нуқтаи назар, дар шароити дастрасии доимӣ ба ғизо ва

миқдори лозимаи маҳсулоти озуқаворӣи аҳолӣ, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ беҳтар ва он доимо таҳти назорати давлат бояд қарор гирад.

Мутаносибан, масъалаи самаранок истифодабарии захираҳои замин ва таъмини бехатарии озуқаворӣ зарурат ва ҳалли чунин масъалаҳои муҳим, ба мисли дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти сатҳи даромади лозимӣ, бартараф намудани таҳдиду хатарҳои маҳсулотҳои ғизоии бесифат, ки ба саломатии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Устуворӣи амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳо на танҳо аз омилҳои экологӣ ва иқтисодӣ, балки аз омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ низ таъсир бардошта, он равандест, ки ба хусусиятҳои гуногуни минтақавӣ ва шароити табиӣ, иқлимӣ ва иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақавӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти таҳкими инфраструктураи бозорӣ, рушди инфрасохторҳои кишоварзӣ ва захираҳои молиявии мавҷуда имконпазир аст. Ҳамзамон, ба назар гирифтан ва ҷалби минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ ба гардиши истеҳсолот ҳамчун манбаи иловагии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ зарур мебошад, ки барои таҳкими амнияти озуқаворӣ дар тамоми минтақа муҳим буда, дар шароити худтаъминкунии озуқаворӣ бехатарии озуқаворӣ ба тавозуни озуқаворӣ ва истифодаи самараноки захиравӣ-табиӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳангоми ба нақша гирифтани буҷети минтақа ва истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ як низоми муназзами таъмини маҳсулоти экологии тоза ва хушсифат бояд роҳандозӣ шавад.

Аз ин рӯ, барои амалӣ кардани сиёсати бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, зарур аст, ки як низоми ташкилӣ-иқтисодии асоснок ва таъмини бозори озуқаворӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва сифати баланди он таъсис дода шавад ва он ба рушди босуръати соҳа ва беҳдошти сифати зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард (расми 1.2).

Дар ин маврид аҳаммияти аввалиндарача доштани диверсификатсияи зернизоми агроозуқавории минтақа Иванников А.С. менависад, ки «...ба рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ равона мегардад. Муаллиф боварӣ дорад, ки набудани диверсификатсияи истеҳсолот дар комплекси агрозуқаворӣ ба афзоиши хароҷотҳои нақлиётӣ, норасоии маҳсулотҳо, иқтидори истеҳсолӣ ва болоравии нархҳо дар бозорҳои озуқаворӣ мегардад.» [146].

Бехатарии озуқаворӣ дар ин маврид ҳо ҳамчун робитаҳои қавии байниминтақавӣ, сатҳи рушди соҳаҳои КАС ва рушди инфрасохтори бозорӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон, пайдоиши маҳсулоти гуногун ва маҳсулотҳои озуқавории ғайриватанӣ бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа мусоидат намекунад. Аз ин лиҳоз, махсусгардонии рушди соҳаҳои кишоварзӣ дар минтақа, инчунин ташкили минтақаҳои гуногуни озоди иқтисодӣ, ки на танҳо таъмини бехатарии иқтисодӣ, балки рушди устувори минтақаро барои солҳои минбаъда таъмин менамояд ва ба фикри аксари таҳқиқотчиён ин мақсади асосӣ дар сиёсати давлат дар бахши аграрӣ маҳсуб меёбад.

Ҳангоми таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории безарар, на танҳо бояд нишондиҳандаҳои сифатии маҳсулотҳо ва ҳаҷми истеҳсоли онҳо афзоиш ёбад, балки ин раванд инчунин ба беҳтаршавии вазъи иҷтимоӣ-демографии минтақаҳои кишвар мусоидат мекунад. Дар раванди рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, муҳим аст, ки таъсири манфии фаъолиятҳо ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ коҳиш ёбад. Истифодаи механизми дурусти захираҳои табиӣ ва рушди самаранок ба мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоии экологӣ тоза ва безарар кӯмак мекунад, дар ҳоле ки ҳамин механизм бояд дар шакли дастаҷамъона ба ташаккули бозори озуқаворӣ ва таҳкими вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа таъсири мусбӣ расонад. Дар ин ҷода дар таҳқиқоти худ Бахтиёри И.М. менависад, ки «...Масъалаи дигаре, ки ба рушди ҳамгироиҳои

агросаноатӣ, аз ҷумла ҳамгироиҳои агроозуқаворӣ дар ҷодаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад ин ҳосилхезии зироатҳо ва маҳсулнокии чорво ба шумор меравад. Маълум аст, ки ин ду нишондиҳанда ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ ва охирин бошад, таъсири бевоситаи худро ба коркарди саноатии маҳсулоти озуқаворӣ мерасонад. Паст будани ҳосилхезии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво таъсири бевоситаи худро ба истеҳсоли гӯшт, тухм, шир ва равған расонидааст. Аз ин сабаб, таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо ин намуди маҳсулотҳо аз сатҳи муқаррарнамудаи ТУТ поёнтар қарор дорад. Масалан, меъёри солонаи истеъмоли гӯшт 40,8кг муқаррар шудааст, аммо истеҳсолоти ватанӣ дар соли 2021 ин талаботи аҳолиро ҳамагӣ 41,0% қонеъ гардонидааст ва ин ҳам бошад, бо нархи ниҳоят баланд. Албатта, яке аз чунин сабабҳо дар ҷумҳурӣ ин набудани техникаву технологияи инноватсионӣ дар соҳаи тухмипарвариву зотпарварӣ ва истеҳсоли хӯроки серғизои чорво мебошад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида истодааст ва ин чораҳо ба зиёдшавии корхонаҳои парандапарварӣ мусоидат намуда истодаанд.» [47, С.69].

Сохтори функсионалии масъалаи таъмини сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа дар шакли расм чунин тасвир шудааст (расми 1.2).




**Расми 1.2.** Сохтори функсионалии масъалаи таъмини сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа
**Сарчашма**: таҳияи муаллиф.

Инчунин фарқиятҳо дар миқёси минтақа, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, маҳсулотҳои озуқаворechии содиршаванда, ғанӣ будани бозорҳои дохилии минтақаҳо бо маҳсулотҳои ниёзи аввал низ хеле назаррас мебошад.

Масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо аз қудрати робитаҳои байниминтақавӣ, манфиати тарафайн, рушди инфрасохтори бозорӣ ва суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар низ вобастагӣ дорад. Ба ивази маҳсулоти истеҳсолоти ватанӣ ворид кардани бисёр намудҳои хӯрокворӣ низ ба мақсад мувофиқ мебошад. Бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо аз мукаммалгардонии бозори озуқаворechии минтақа низ вобастагӣ дорад.

Хусусиятҳои минтақавии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, чуноне ки таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, аз унсурҳои асосии таъмини бехатарии озуқавории минтақаҳо дар асоси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории худӣ (ватанӣ), фарқияти калон дар истеҳсоли ғизои органикӣ (биологӣ), самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва рушди инфрасохтори бозорӣ, сарфаи хароҷотҳо барои коркард, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулотҳо, имконоти маҳдуди воридоти озуқаворӣ боиси зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва коҳиши мубодилаи байни минтақаҳо ва такмили механизми давлатии танзими самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар иборат мебошад.

Ба андешаи мо барои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар, чораҳо ва шароити махсуси расонидани маҳсулотҳои хӯрокворӣ, воридот, рушди истеҳсоли худӣ ва ташаккули бозори озуқаворӣ зарур мебошад.

Ин ҷо, «…самти муҳимми стратегияи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ - ин ташкили амаликарди дурусти бозори озуқаворӣ ва ба даст овардани имконияти таъмини бехатарии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вай дар шароити афзоиши аҳолӣ ва маҳдудияти иқтидори захираҳои табиӣ дар мамлакат ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ табдил ёфта, ҳалли он чораҳои ҷиддиро дар муттаҳидсозии ҳама иштирокдорони бозори агроозуқаворӣ ва шаклҳои нави самараноки ташкили сиёсати миллӣ ва минтақавиро дар бозори маҳсулотҳои озуқаворӣ тақозо менамояд.» [99, С.88-92].

Самти муҳимми дастгирии давлатӣ ин амали намудани сиёсати протексионистӣ нисбати соҳибкорони кишоварзӣ мебошад, ки дар мавридҳои номусоиди табиӣ ва боду ҳаво дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ пиёда сохта мешавад. Роҳи умедбахши сиёсати минтақавии давлатӣ бояд ба ташаккул ва рушди бозори минтақавии озуқаворӣ, ки метавонад ба ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат мусоидат намояд.

**Хулосаи зербоби 1.1.**

Ҳамин тавр, омӯзиши самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад: 1) Истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар бо хусусиятҳои хоси табиӣ-иқлимӣ ва такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ вобастагӣ дорад; 2) Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ба рушди иқтисодиёти минтақаҳо, афзоиши самаранокии соҳаҳои агросаноатӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ равобити мустақим доранд; 3) Ба истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ хусусиятҳои минтақа, омилҳои мухталиф, такрористеҳсол, ҳифзи захираҳо, дараҷаи ТБО дар шароити минтақаҳо, сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа таъсир менамоянд; 4) Дар сатҳи минтақавӣ баназаргирии на танҳо сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ, балки сатҳи

вобастагии озуқаворӣ низ зарур аст, чунки баъзе минтақаҳо барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва маҳсулоти асосӣ, ба монанди шакар, равғани растанӣ, гӯшт ва дигар маҳсулоти аввалиндарача ба воридот ниёз доранд; 5) Баррасии паҳлуҳои назариявии самаранокии истифодаи иқтидори табиӣ-захиравӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дорад. Зеро ин самт, ки яке аз пояҳои рушди устувори минтақа ба шумор меравад. Таъмини чунин заминаҳо барои ба даст овардани ҳаҷми зарурӣ ва сатҳи муносибии маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат мекунад, ки ин яке аз вазифаҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақавӣ мебошад; 6) Барои таҳкими рушди устувори минтақа таҳлили самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бо назар доштани хусусиятҳои хоси соҳаҳои кишоварзӣ, ки ҷалби инноватсияҳо, сармоягузорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои агросаноатиро дар бар мегирад, аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳалли ин мақсадҳо барои ба даст овардани миқдори кофӣ ва сифатнокӣ озуқаворӣ, ки он вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

## 1.2. Рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа

Мушкилоти таҳия ва татбиқи стратегияи дарозмуддати рушди устувори иқтисоди миллӣ дар минтақаҳои кишвар дар шароити муосир аз самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд низоми комплекси агросаноатӣ мавқеи муҳим дошта, дар таъмини бозори дохилии озуқаворӣ ва ба таъмини бехатарии ғизои хушсифат таъсири калон мерасонад. Истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ дар навбати худ, аз ҷамъи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад, ки ҷараёни истеҳсоли молу маҳсулотҳои соҳаи кишоварзиро то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мерасонанд. Дар ин замина, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун маҳаки асосӣ дар таъмини истиқлолияти озуқаворӣ

кишвар маънидод мешавад. Пешрафти устувори он на танҳо ба таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, балки ба таҳкими устувории иқтисодиву стратегӣ низ таъсир мерасонад. Дар ин раванд, на танҳо худи соҳаи кишоварзӣ, балки гурӯҳе аз соҳаҳои алоқаманд ва корхонаю ташкилотҳои хусусӣ низ фаъолона саҳм мегузоранд, ки дар тамоми марҳилаҳои занҷираи истеҳсол ва таъминоти озуқаворӣ, аз ҷумла кашондан, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот муҳим арзёбӣ мешаванд.

Масъалаи рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, бахусус соҳаи кишоварзӣ аз самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа манша гирифта он ба рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ муосидат менамояд. Дар ин маврид, «…рушди КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ташаккул ва рушди устувори дарозмуҳлати кишвар, фаъолияти самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ нигаронида шуда, дар таъмини фаровонии бозори маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ барои ҳамаи табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва коркарди ашёи хоми саноатӣ, мубодилаи маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ташкили бозори озуқаворecho давлатҳои ИДМ нигаронида шавад.» [95, С.34-36]. Аз ин лиҳоз, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ аз рушди комплекси агросаноатӣ ва зерсоҳаҳои асосии он вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти он ки комплекси агросаноатӣ дар иқтисоди бозорӣ нақши махсусро дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мебозад, он имконият фароҳам меорад, ки рақобати байнисоҳавӣ пурра таъмин шуда, бозори дохилии озуқаворӣ бо маҳсулоти зарурӣ фаро гирифта шавад. Аз ин бармеояд, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд як қатор тадбирҳоро амалӣ созанд, аз ҷумла таъмини истеҳсоли маҳсулоти озуқаврии ватанӣ ва фароҳам овардани имконияти содироти иловагӣ барои маҳсулоти кишоварзӣ, то ҳамгироии устувор ва рушди самараноки соҳа таъмин гардад.

Истифодабарии технологияҳои рақамӣ ва ҳалли масъалаҳои истехсолӣ, ки бешубҳа самаранокии истеҳсолотро баланд бардошта, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ба беҳтаргардонии сифати он мусоидат менамояд. [123, С.38-45].

Мувофиқи тақсимоти байни ҷумҳуриявии меҳнат дар доираи собиқ ИҶШС афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба истеъмоли муътадили захираҳои иқтисодии аз хориҷи ҷумҳурӣ воридшаванда ва иқтидори қариб номаҳдуди бозорҳои фурӯш асос ёфта буд. Ин ба рушди босуръати дигар соҳаҳо мусоидат намуда, шароити нисбатан хуби базавиро барои гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар комплекси агросаноатӣ фароҳам меоварад.

Минтақаҳои агросаноатӣ дар қаламрави кишвар дорои рушди назарраси иқтисодӣ мебошанд. Минтақаи агросаноатии Хатлон низ бо равнақи назаррас, аз минтақаҳои агросаноатии Вахш ва Кӯлоб ба вуҷуд омадааст. Дар ин минтақаҳо, комплекси саноатии Вахш ва Кӯлоб дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ фаъолият мекунанд. Ба баъзе аз ин комплекси минтақавии агросаноатӣ, соҳаи чорводорӣ ва дар дигарон ҳам чорводорӣ ва ҳам растанипарварӣ мукаммал фаъолият мекунанд. Ҳадафи асосии ташкилоти истеҳсолӣ ва низоми коркард дар ин минтақаҳо, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани амнияти озуқавории аҳолӣ мебошад.

Дар оянда ҳалли масъалаи озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо татбиқи стратегияи нави рушди комплекси агросаноатӣ алоқаманд буда, аз сатҳу сифати баланди зиндагӣ ва муҳити хуби зисти аҳолии минтақаҳо дар асоси коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар ин замина ба даст овардани таъмини бехатарии озуқавории мамлакат тавассути истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ ва равиши содироти онҳо вобастагии калон дорад. Аз ин ҷо, «…имкониятҳои микдорӣ ва сифатии рушди КАС, инчунин таъмини саривақтии бехатарии озуқавории кишвар аз рушди иқтисоди миллӣ манша гирифта...» [43, С.76-82], аз масъалаи бехатарии

озуқаврии минтақавӣ берун баромада, ҳамчун як унсури муҳими суботи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа баромад мекунад.

Ин ҷо, соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, ки аксари хароҷотҳоро барои ташкили сохтори соҳавӣ ва истифодаи иқтидори табиӣ-захиравӣ ташкил медиҳад барои таъмини бехатарии озуқаворӣ бештар саҳм дорад. Дар ин раванд, «…арзёбии низоми мавҷудаи ташкили фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва таҳияи усулҳои нави сохтори экологии истеҳсолоти кишоварзӣ лозим мебошад, ки самаранокии иқтисодии кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро ба роҳ монда, он дар шакли таъмини захираҳои молиявӣ, ҷубронпулиҳо, суғуртакунонӣ, танзими нархҳо ва дастгирии бевоситаи рушди соҳаи кишоварзӣ сурат мегирад.» [35, С.6], ки он самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзиро тақозо менамояд.

Дар мавриди камчинии маводи озуқаворӣ дар бозорҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ва танзими нархҳо ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии иловагӣ низ ба миён меояд. Буҳрони охирини ҷаҳонии озуқаворӣ, ки қаламрави дунёро фаро гирифтааст, ба буҳрони молиявӣ ва баъдан иқтисодӣ-иҷтимоӣ табдил ёфта, теъдоди аҳолии қашшоқро то 1,2 млрд. нафар ва шумораи аҳолии дар ҳолати гуруснагӣ қарордоштаро то ба 980 млн. расонидааст.

Ба назари яке аз олимони варзидаи ин бахш «...боду ҳавои номусоид, шароити нофароҳам, нархҳои баланд ба захираҳои нафт (бо назардошти дар солҳои охир паст гардидани нархҳо ба захираҳои нафт), сӯзишвории биологӣ ва ба таври сунъӣ боло рафтани нархҳо пайдошавии муаммоҳои мураккаби бевоситаи низомӣ ба шумор мераванд. Сабаби асосии буҳрон ба низоми глобалиии озуқаворӣ алоқаманд буда, дар ҳар маврид ба дараҷаи таҳдиди иқтисодӣ-иҷтимоӣ оварда мерасонад.» [36].

Аз ин ҷо, ба хулосае омадан мумкин аст, буҳрони озуқавории ҷаҳонӣ ба камчинии захираҳои озуқаворӣ оварда расонида, садди роҳи рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар мегардад.

Ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва иқтидори содиротии маҳсулотҳои хӯрокворӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзиро дар бозори дохилӣ ва берунии он, ки дар интиҳо шарти асосии азнавсозии фаъолияти зернизомҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода нақши захираҳои замин асосӣ маҳсуб меёбад ва мо ба ақидаи олими ҷавон Саидов П. мувофиқ ҳастем, ки дар ин бора менависад: «…Дар асоси гуфтаҳои олимону муҳаққиқон бармеояд, ки замин дар масоҳат маҳдуд буда, сатҳи болои онро зиёд кардан мумкин нест ва аз ин лиҳоз бояд усулҳои инноватсионӣ барои оқилона истифодабарии захираҳои замин ва об ҳамаҷониба истифода бурда шаванд. Айни замон, дар ҷаҳон технологияҳои гуногун вуҷуд дошта, барои кишоварзон имкон медиҳад, ки новобаста аз ҷиҳати иқлим ва ё вазъи ҷуғрофӣ, замин ва об барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба пуррагӣ истифода шавад.» [124, С.220-226]. Занҷираи истеҳсолӣ ва коркард, ки қисми муҳими комплекси агросаноатиро ташкил медиҳад, то ҳол ба дараҷаи баланди рушд нарасида, бо чандин мушкилоти вобаста ба муносибатҳои истеҳсолӣ ва рушди инфраструктураи саноатӣ рӯ ба рӯ аст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки барои рушди устувори соҳа ва беҳтар кардани сифати маҳсулоти кишоварзӣ, навсозии технологияҳо ва такмили занҷираи истеҳсоли саноатии кишоварзӣ зарур аст. Маҳз дар ҳамин асос «…Бо роҳи инноватсия дар асоси истифодаи маҷмуи усулҳои нав махсусан дар самти боғпарварӣ, ташкил ва васеъ намудани майдони боғҳои интенсивӣ, инчунин истифодаи обчакони қатрагӣ ба мақсад мувофиқ аст. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва обёрӣ намудани он афзалияти аввалия барои вилояти Хатлон мебошад. Аз ҳисоби маблағҳои

мутамарказ дар давоми солҳои 1992-2019 барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва обёрӣ намудани заминҳои вилоят ба маблағи 80 миллион сомонӣ равона карда шудааст.» [124, С.220-226], ки маҳсулот бо сифати баланд ва арзиши рақобатпазир истеҳсол ва ба бозорҳо ба таври самаранок пешниҳод шавад. Бо амалӣ кардани чунин тадбирҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба як истеҳсолкунандаи бонуфуз ва рақобатпазир дар соҳаи кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ табдил ёбад. Аксарияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ калонҳаҷм буда, дар шаҳрҳо ҷойгир мебошанд, ки дар натиҷа ашёи хоми кишоварзӣ ва хӯрокворӣ ба масофаи дур интиқол дода шуда, боиси сарфи хароҷоти зиёдатӣ мегардад. Аз ин нуқтаи назар, ба корхонаҳои коркарди саноатӣ наздик кардани ашёи хом ё муттаҳидсозии минтақаҳои кишвар мувофиқ мебошад. «...Таъмини бехатарии озуқаворӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб ёфта, инчунин омилҳои зиёди миллӣ, демографӣ ва иқтисодиро фарогир мебошад.» [125, С.114-117].

Дигаргуниҳои сохторӣ дар комплекси агросаноатӣ, пеш аз ҳама, ба рушди мунтазами соҳаҳои он вобастагии калон дошта, дар заминаи коркарди ашёи хоми саноатӣ сурат мегирад. Ин дигаргуниҳо ба ақидаи Анишенко А.Н. бо назардошти талаботҳои ҷаҳонӣ ва эҳтиёҷоти маҳаллӣ: «...барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори соҳа зарур аст, иҷро мешаванд. Дар заминаи коркарди ашёи хоми саноатӣ, ки яке аз самтҳои асосии агросаноатӣ аст, зарурати истифодаи технологияҳои муосир ва самаранок ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин, рушди соҳаҳои агросаноатӣ бояд аз як тараф ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот ва арзиши афзояндаи маҳсулот дар соҳаҳои кишоварзӣ ва коркард, ва аз тарафи дигар ба беҳсозии занҷираи истеҳсолӣ ва инфраструктураи саноатӣ равона бошад.» [147].

Яке аз омилҳои муҳим дар такмил ва дигаргуниҳои сохторӣ, ки дар комплекси агросаноатӣ амалӣ мешавад, ин таҳия ва татбиқи стратегияи рушди технологӣ ва навсозии инфрасохтори саноатӣ аст. Бо татбиқи

технологияҳои муосир, ки дуруст ва самаранок истифода кардани захираҳои табииро таъмин мекунад, истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва коркардшаванда метавонад баланд равад, ки дар натиҷа арзиши маҳсулотҳои кишоварзӣ дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ афзоиш меёбад.

Ин тағйиротҳо инчунин ба таъмини сармоягузорӣ дар соҳа ва рушди инфрасохтори зарурии барои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ равона шудааст, ки дар сарчашмаҳои интернетӣ он ба тарзи хос ба беҳбуди муҳити: «...кор, таъсири манфии экологии соҳа ва баланд бардоштани сифати маҳсулот мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар сатҳи стратегӣ, дигаргуниҳои сохтории комплекси агросаноатӣ бояд бо истифодаи манбаъҳои молиявӣ ва сармояи инсонӣ, навсозии иқтидори истеҳсолӣ ва тақвияти рақобатпазирии соҳа ҳамоҳанг бошанд, ки ин метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ ва беҳтаршавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ оварда расонад.» [126].

Бо дарназардошти ин: «...ҳалли амалии масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити камчинии заминҳои кишоварзӣ ва барзиёдии қувваи корӣ бе эътирофи нақши нави қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ, бахусус, омилҳои асосии истеҳсолот, аз ҷумла, нақши иқтидори захиравӣ-табиӣ ва ҳалли таъмини аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ вобастагӣ дорад.» [62, С.10-15].

Дар раванди истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҷанбаи минтақавӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад. Ҳангоми баррасии масъалаҳои минтақавӣ, мавриди назар қарор додани усулҳои нави амал муҳим аст. Аз ин нуқтаи назар, дар шароити кунунӣ ТБО ба масоили гуногуни дохилӣ ва берунӣ алоқамандӣ дорад, ки бисёр вақт аз доираи комплекси агросаноатӣ берунанд, аз ҷумла он бо дигар масъалаҳои миллӣ, иқтисодӣ, минтақавӣ ва экологӣ дар иртиботи ногусастанӣ қарор дорад ва ҳамчунини ҳалли

мушкилоти минтақавии таъмини бехатарии озуқаворӣ бо вазъи сиёсию экологӣ дар минтақа сахт алоқаманд мебошад.

Масъалаи бехатарии озуқаворӣ дар минтақа аз низоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, нигоҳдорӣ, коркард, савдои яклухт ва чакана барои таъмини маҳсулоти ғизоӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба миқдори истеъмолии аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи тиббӣ бояд ҷавобгӯ бошад. Илова бар ин, «…бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо ба тақсимоти оқилонаи меҳнат дар низоми истеҳсолоти агросаноатӣ, мувофиқатии самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва молу маҳсулоти воридоткунанда, мавҷуд набудани маҳдудиятҳо дар савдои байминтақавии маҳсулоти озуқаворӣ вобастагӣ дорад.» [105, С.64-68], ки он барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои хуроквори ва зиндагии шоистаи аҳолии минтақаҳо равона карда шавад.

Мавҷудияти минтақаҳое, ки сатҳи ноустувории онҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ хеле баланд аст, тайи солҳои охир ба гирифтани ҳосили баланд, ҳаҷми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ва хушксолӣ, инчунин ба нокомиҳо дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо дучор гардиданд ба назар мерасанд, ки таъсири хушксолӣ дар ниҳояти кор ба пастшавии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, тухмӣ ва таъмини хӯроки чорво оварда мерасонад. Дар ин солҳо камшавии саршумори чорво, коҳиш ёфтани самаранокии онҳо, аз ҷумла фавти чорво ба назар мерасад, ки ба вазъи буҳронии озуқаворӣ ва бад шудани вазъи ғизои аҳолӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

Чунин минтақаҳо ба дастгирии давлатии бозори минтақавии озуқаворӣ ниёз дошта, он аз ҳисоби минтақаҳои дигар ва инчунин тавассути воридоти маҳсулотҳои хуроквори таъмини бехатарии озуқавориро ба роҳ мемонанд. Махсусан, дар чунин намудҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ, ба монанди: ғалладона, шакар, равғани растанӣ, гӯшт ва тухм хеле назаррас мебошанд. Дар минтақаҳои хушксолӣ такмили сохтори истеҳсолот, рушди низоми мелиоративӣ, интихоби

зироатҳои мувофиқ, навъ ва зоти ҳайвонот, татбиқи тадбирҳои гуногуни ҳифзи соҳаи ҷангал ва амсоли инҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Минтақаҳое, ки соҳаи кишоварзиашон хеле суст рушд кардааст, метавонанд захираи озуқавориро танҳо тавассути воридоти он аз дигар минтақаҳо ва кишварҳои хориҷӣ таъмин намоянд. Мувофиқи ин хусусиятҳо, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар истеъмоли озуқаворӣ муҳим буда, аз меъёри ягонаи мустақилияти озуқавории кишвар хеле дур мебошад. Инчунин, ҳеҷ як минтақа наметавонад дар танҳоӣ тамоми маҳсулоти озуқавориро баробар ва тақсимоти меҳнатро самаранок ташкил намояд. Масалан, дар минтақаҳои кӯҳӣ бештар ҳосили пасти зироат ба даст оварда мешавад ё умуман ягон зироати кишоварзӣ парвариш намегардад, ё ки танҳо барои рушди соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ махсусгардонида шудааст (чорводорӣ ё зироаткорӣ), ки меъёри асосӣ дар ин маврид ноил шудан ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи худтаъминкунии минтақаҳо бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, ҳаҷм, сифат ва доираи онҳо бояд барои рушди муътадили ҷисмонӣ ва иҷтимоии шахс зарур ва кофӣ бошад, ки дар интиҳо таъмини саломатӣ ва тавлиди густариши иқтидори захиравӣ-табиии минтақаро таъмин мекунад.

Ба андешаи мутахассисони соҳа дар минтақаҳои ҷумҳурӣ масъалаҳои таъмини озуқавории хушсифат ва як қатор дигар вазифаҳо ҳанӯз ҳам иҷро нагардидаанд [111, С.24-29].

Баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи бехатарии озуқаворӣ ба омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ вобаста аст. Мякинникова Н.А. оид ба ин баррасӣ қайд мекунад, ки он: «... бояд дар якҷоягӣ бо тавозуни дастрасии ҷисмонии озуқа, интиқоли мунтазами он ба меъёри истеъмолӣ ва қонеъсозии талаботи физиологӣ ба моддаҳои ғизоӣ ва энергия ба роҳ монда шавад.» [148]. Ин раванд инчунин ба таъмини безарарии ашёи хоми хӯрокворӣ ва маҳсулоти ғизоӣ, ки барои саломатии аҳолӣ зарур, кам кардани вобастагии таъминоти озуқаворӣ аз воридоти маҳсулот, ки

метавонад ба амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ расонад, дар бар мегирад.

Иҷрои меъёрҳои физиологии истеъмол ва тавсияшаванда дар сатҳи маҳсулоти ғизоӣ барои аҳолии кишвар, бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва иқтидори захиравии кишвар, аз ҷиҳати таҳлилӣ ва амалӣ аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёр, ки ҳанӯз дар охири соли 1980 таҳия гардидааст, то ҳол бо тағйиротҳои гуногун истифода мешавад.

Дар ин маврид Чернов И. ва Шелков А. қайд мекунанд, ки ҳалли ин масъала, махсусан, дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, таъсири афзояндаи таҳдидҳои иқтисодӣ ба соҳаи кишоварзӣ зарур мебошад. Дар ин бора дар маъхазҳои таҳқиқотию таҳлилии интернетӣ низ омадааст, ки: «...Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, дар доираи тақсимоти миллии меҳнат, ҳиссаи назарраси маҳсулоти озуқаворӣ аз дигар минтақаҳои кишвар гирифта, онҳоро бо саноат таъмин кунад, ҳеҷ зарар нахоҳад дид.» [37].

Рушди комплекси агросаноатӣ (КАС) дар сатҳи минтақаҳои кишвар аз сиёсати протексионистии аграрии давлат вобаста мебошад. Дар ин маврид бехатарии озуқаворӣ тавассути тадбирҳои муайян дар комплекси агросаноатӣ (КАС) ҳам дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ таъмин карда мешавад. Ин дар навбати худ, таҷдиди низоми идоракунии соҳаи кишоварзиро тавассути такмили идоракунии мақомоти давлатӣ ва ташаккули идоракунии иқтисодии зеркомплексҳои агроозуқаворӣ ва соҳаи хизматрасонӣ тақозо менамояд. Самтҳои муҳими сиёсати аграрии давлат дар рушди соҳаи кишоварзӣ дар ин ҳолат аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

– муваффақият дар рушди низоми комплекси агросаноатӣ ба суръати баланди рушди соҳаҳои кишоварзӣ вобаста аст, ки бо татбиқи пайвастаи низоми идораи он, интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ

таъмин мешавад. Ин раванд бо ҳамоҳангсозии рушди базаи моддӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ мувофиқи шароити маҳаллӣ ва ташкил кардани минтақаҳои махсуси истеҳсолӣ алоқаманд аст;

– рушди соҳаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба баланд бардоштани истифодаи ашёи хоми кишоварзӣ, дараҷаи омодагӣ ба истеъмоли маҳсулоти баландсифат ва навъҳои гуногуни он равона карда шудаанд;

– таъмини истеҳсолот ва пайвастшавии ҳудудии зернизомҳои маҳаллии озуқаворӣ дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои табиии минтақаҳо ба маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи минтақавии комплекси агроозуқаворӣ, инчунин иштирок дар рушди мубодилаи байнинминтақавӣ;

- таъмини самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии кори МАС-и кишвар дар пасманзари ТБО ва рушду равнақи соҳаҳои СКМК.

Таҷрибаи дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар даҳсолаи охир вобастагии наздики хонаводаҳо ба рушди корхонаҳои кишоварзӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Дар шаклҳои нави хоҷагидорӣ, аз қабили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳо ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ, зиёда аз 80%-и маҳсулоти умумии кишоварзӣ истеҳсол карда мешавад. Дар айни замон, афзоиши мунтазами истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, комплексҳои чорводорӣ ва фабрикаҳои парандапарварӣ самти пешбарандаи ҳалли проблемаи озуқаворӣ бартарият дода шудааст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ танҳо дар сохтори нави ташкилию технологӣ, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоӣ-иқтисодии одамон, афзоиши даромад ва некӯаҳволии мардум нигаронида шудааст, имконпазир мебошад. Дар ин самт, ҳамоҳангсозии самтҳои асосии рушди бозори кишоварзӣ, ташаккули субъектҳои гуногун, такмил додани робитаҳо ва муносибатҳои байнисохтории нави бозори

озуқаворӣ зарур мебошад. Ин ҷо, аҳаммияти соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар иқтисодиёти кишвар зарур буда, афзалияти рушди соҳаи кишоварзӣ аз шиддат ёфтани мушкилоти норасоии ғизоро дар кишвар ва минтақаҳои он таъмин менамояд.

Дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ истилоҳи «сиёсати кишоварзӣ» ва «сиёсати аграрӣ», инчунин «сиёсати аграрӣ-озуқаворӣ» ва «сиёсати аграрӣ-саноатӣ» истифода бурда мешавад. Айни замон, чун қоида, олимон фарқиятҳои методологии онҳоро ифшо ва эътироф менамоянд. Масалан, истилоҳи «сиёсати аграрӣ» ифшо шуда, ба ҷойи он дар бисёр мавридҳо истилоҳи «сиёсати аграрӣ-озуқаворӣ» истифода бурда мешавад.

Дар ин робита, мафҳуми «сиёсати аграрӣ»-ро «...ҳамчун фаъолияти мақсадноки давлат, маҳдудияти захираҳо, буҷети давлатӣ ва вақт, ки барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар бо нигоҳ доштани вазъи мусоиди иқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии деҳот муаррифӣ менамоянд.» [58, С.228].

Муаллифони дигар, «...зери сиёсати аграрӣ маҷмуи ақидаҳо, мақсадҳо, воситаҳо ва усулҳои ташкил ва танзими муносибатҳоро миёни шаҳру деҳот, инчунин минтақаҳоро дар ҷанбаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ мефаҳманд.» [65, С.543]. Ин пеш аз ҳама, масъалаи асосии сиёсати аграрӣ ва тағйироти куллии муносибатҳои иқтисодӣ дар минтақа дар назар дошта мешавад. Дар ин баҳс Маҷидов Ф.Б. чунин изҳори ақида намудааст: «...Қобили қайд аст, ки дар ин раванд яке аз самтҳои ояндадори сиёсати иқтисодӣ ташаккул ва рушди муносибатҳои кластерӣ маҳсуб меёбад. Мувофиқи ақидаи аксари муҳаққиқон кластер ин муттаҳидшавии маҷмуи корхона ва ташкилотҳои баҳамдигар алоқаманди соҳаҳои гуногун аз рӯйи аломати минтақавӣ мебошад, ки дар маҷмуъ вазифаҳои дохилифирмавии худро ҳал намуда, дар якҷоягӣ барои ноил шудан ба мақсади асосӣ, яъне баландбардории рақобатпазирии истеҳсолотҳои алоҳида ба иқтисодиёти минтақа

мусоидат менамояд. Моҳияти рушди кластерҳо дар он зуҳур мекунад, ки корхонаҳои фаъолияти гуногундоштаи (таъминкунандагони таҷҳизотҳо, иттиҳодияҳои илмию таҳқиқотӣ, ташкилотҳои савдо, марказҳои логистикӣ, компанияҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳо) як минтақаи ҷуғрофӣ дар доираи ягон гурӯҳ муттаҳид мегарданд, ки дар натиҷа вазифаи асосӣ баландбардории самаранокӣ аз таъсири байни ҳамдигарии корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ҳалли худро меёбад.» [127, С.110-116]. Ба андешаи мо низ ин бахши сиёсати аграрӣ имконият медиҳанд, ки соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ рушд кунад ва онҳо дар доираи бозори ҷаҳонӣ мутобиқ гарданд. Ҳадафи ниҳоии сиёсати аграрӣ таъминоти аҳолӣ буда, дар баробари афзоиши аҳолӣ ва тағйироти иқлимӣ ин вазифа мураккабнизом мегардад.

Одатан, чор функсияи классикии низоми идоракуниро дар ин мавридҳо истифода мебаранд: банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ ва назорати иҷрои он. Аз ин рӯ, яке аз унсурҳои асосии таҳия ва татбиқи сиёсати аграрӣ муайян кардани афзалиятҳо ва ҳалли мушкилоти аввалиндараҷа мебошад. Аввалан, зарур аст мушкилот ва таҳдидҳое муайян карда шаванд, ки ба эътидоли вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва минтақаҳо таъсир мерасонанд. Дуюм, ҳалли буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки натиҷаи буҳрони умумии иқтисодиёт ба вуҷуд меорад, бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад. Ғайр аз ин, рафъи хатогиҳо дар раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ барои кишвар ва минтақаҳо нақши калидӣ дорад. Ҳамчунин, набудани таъмини кофӣ ва нокофии бозорҳои озуқаворbooии минтақаҳо низ метавонад самаранокии сиёсати аграриро маҳдуд созад.

Амалӣ шудани сиёсати аграрӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки принсипҳои асосӣ риоя гарданд. Муътадилӣ ва устувории тадбирҳои танзими давлатӣ, ҳадафмандии онҳо ва дастрасии баробар ба дастгирии давлатӣ барои ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ асоси иҷрои он мебошад. Илова бар ин, кафолати иҷрои уҳдадориҳои давлат дар назди субъектҳои

хоҷагидорӣ ва рушди бозори озуқаворӣ ва захираҳои истеҳсолот дар минтақаҳо барои таъмини рақобати солим дар соҳа муҳим аст. Шаффофият ва дастрасии саривақтии иттилоот барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ низ нақши ҳалкунанда мебозад, зеро бе амалишавии ин иҷрои сиёсати аграрӣ самаранок нахоҳад буд.

Оид ба масъала Зиёев Б.С. чунин натиҷагирӣ намудааст, ки: «...Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати аграрӣ бояд ҳамзамон ба устувории иқтисодӣ, рушди бозор ва таъмини амнияти озуқаворӣ равона бошад, то мақсадҳои стратегии давлат дар соҳаи кишоварзӣ пурра иҷро шаванд.» [149].

Таҳқиқу баррасии маводи илмӣ аз сарчашмаҳои мухталиф оиди низоми ТБО тақозои онро дорад, ки як қатор муқаррароти назариявӣ, алалхусус муайян намудани мундариҷаи муҳими категорияи омӯхташуда алоқаманд бошад, зеро низоми таъминоти озуқавории аҳолӣ як низоми мураккаб бо бисёр унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста мебошад. Дар байни онҳо унсурҳои функсионалӣ-мақсаднок ва дастгирикунанда (зернизомҳо) фарқ карда меистанд.

Шарти дигари муҳими таъминоти аҳолии минтақа, ин аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ қонеъ кардани қисми зиёди талаботи озуқаворӣ мебошад. Аҳаммияти ин омил аз талабот барои дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии ғизо сарчашма мегирад.  Дар асоси маълумоти таҳлилшуда мо сохтори ТБО-ро дар минтақа ва омилҳои ба онҳо таъсирбахшро дар намуди расм пешниҳод намудем, ки барои омӯзишу таҳқиқи ин мавзуъ аз аҳаммият холӣ нест (расми 1.3).

| **Зернизоми истеҳсолии кишоварзӣ - сатҳи таъмини озуқаворӣ** | **Зернизоми ташкил ва тақсимоти озуқаворӣ - сатҳи таъминоти ҷисмонӣ** | **Зернизоми истеъмолот - сатҳи истеъмоли маҳсулотҳои озуқаворӣ** | **Омилҳо ва шароитҳои истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ** |
|---|---|---|---|
| Сатҳи худтаъминкунии ғизо ва истиқлолияти озуқаворӣ | Ҳаҷм ва номгӯйи маҳсулотҳои озуқаворӣ | Истеъмоли ҳақиқии маҳсулотҳои озуқаворӣ дар минтақаҳо | Амалкарди самараноки бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Идомаи расми 1.3* | | | |
| Дуршавии аз меъёри ҳақиқии истеъмолӣ - сатҳи меъёрии таъмини он | Андозаи фондҳо ва захираҳои давлатии озуқаворӣ дар минтақаҳо | Мавҷудияти унусурҳои зараровар дар таркиби маҳсулотҳои озуқаворӣ | Иқтидори муътадили нархҳо дар низоми комплекси агросаноатӣ |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳо | Ҳаҷм ва сохтори харидории маҳсулотҳои гуногуни озуқаворӣ ба аҳолӣ | Сохтори оқилонаи истифодаи озуқаворӣ аз рӯйи сафеда ва таркиби ғизои он | Ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори бозорӣ |
| Рушди низоми фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ | Миқдори воридот ва содироти маҳсулотҳои озуқаворӣ | Истеъмоли маҳсулотҳои воридотии озуқаворӣ | Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС |

**Расми 1.3. - Сохтори ТБО дар минтақа ва омилҳои ба онҳо таъсирбахш**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Низоми таъминоти бехатарии озуқаворӣ аз дастрасии ҷисмонӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ, ки асосан истеҳсоли ватанӣ мебошад, инчунин аз мавҷудият ва ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣи худӣ иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки зарурати омӯзиши масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолӣ аз таҳияи сиёсати аграрӣ ва вазъи иқтисоди миллии кишвар, инчунин аҳаммияти стратегии агроозуқаворӣ дар бозори озуқаворӣи минтақа ба даст оварда мешавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти таъмини бехатарии озуқаворӣ аз ҳисоби самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва озуқаи ватанӣ коҳиш дода мешавад. Вазифаи аввалиндараҷаи ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ барои сатҳи истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва парҳезӣ тавассути афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ватанӣ мебошад. Самти бунёдии сиёсати иҷтимоӣ-иктисодии таъминоти аҳолӣ дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ имконоти асосии муайянкунандаи тавсифи рушди минтақа ба ҳисоб меравад. Вай дар навбати худ: «...давомнокии нигоҳдории шароитҳоро барои такрористеҳсоли иқтидори захиравии минтақа (захиравӣ-табиӣ, экологӣ,

хоҷагидорӣ ва ғайра), ки дар реҷаи мувозинат ва адолати иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.» [14, С.27]. Аз ин рӯ, таназзулёбии захираҳои табиӣ-иқлимӣ, афзоиши аҳолӣ ва таҳдидҳои экологӣ тавассути камшавиии иқтидори захираҳои табиӣ ва ифлосшавии экосистемаҳои минтақавӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, рушди минтақаҳо бо шаклҳои ғайримарказонидашудаи худ фарқ намуда, ҳамеша бо таназзулёбии экосистемаҳои минтақавӣ ва пасту баландшавии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Ба ақидаи Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.: «…Сохтори иқтисодиёти минтақа, ҳамчун маҷмӯи унсурҳои низомӣ, алоқамандиҳои мураккаб, муносибатҳои байни корхонаҳо, соҳаҳо ва ҳама намудҳои фаъолияти иқтисодии хоҷагидории минтақавӣ тавсиф карда шуда, сохтори иқтисодиёт дар алоқамандии зич бо ҷараёнҳои такрористеҳсолӣ, инвеститсионӣ, захиравӣ, молиявӣ, инноватсионӣ ва ғайраҳо тавсиф карда мешавад.» [128, С.49-54].

Амалисозии ин тадбирҳо барои ба даст овардани истиқлолияти озуқаворин минтақаҳо нақши муҳим мебозад, ки ҳамчун: «...таносуби махсус барои ҳар як низоми минтақавӣ ҷузъҳои алоҳидаи он хизмат намуда, иқтидор, таъмини рушди устувории иқтисодиёт ва тамоюли рушди иҷтимоиро дар ин низомҳо ба роҳ мемонад.» [14, С.28]. Аз ин хотир, осебпазирии захираҳои демографӣ-экологӣ ва табиӣ ба назар расида, дар бисёр минтақаҳо, танзими давлатии раванди иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ дар роҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ хеле зарур мебошад.

Захираҳои маҳдуди табиӣ ва иқлимӣ дар навбати худ барои нигоҳ доштани тавозуни минтақаҳо ва таъмини бехатарии озуқаворӣ мушкилоти зиёдеро ба миён меоранд. Ин масъалаҳо танҳо бо дастгирии давлатӣ метавонанд ҳал шаванд, ки мақсади аслӣ дар он муътадил нигоҳ доштани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва махсусан, таъмин кардани аҳолии минтақаҳои кишвар бо маводҳои озуқаворӣ мебошад. Ин мақсадҳо аз

механизмҳо ва фишангҳои таъсиррасон манша мегирад, ки дар навбати худ ба объектҳои таъсиррасон вобаста мебошад.

Бо дарназардошти он, ки бидуни дахолати давлат ҳалли мушкилоти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо ва татбиқи принсипҳои рушди устувори минтақаҳоро таъмин менамояд, зарурати танзими давлатиро дар минтақаҳо ҷоннок менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки танзими ҳуқуқӣ бояд манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватаниро ба назар гирифта, ба насли оянда кафолати таъмини озуқаи босифатро диҳад, ки ба манфиатҳои насли ҳозира ҷавобгӯ мебошад. Ин бояд вазифаи механизми идораи таъминоти маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини бехатарии хӯрокворӣ дар минтақаҳо бошад. Дар расми 1.4. механизмҳои асосии ТБО дар шароити минтақа коркарду пешниҳод шудааст, ки ба фикри инҷониб ҷолиби диққати муҳаққиқони ин мавзуъ дар оянда мегардад.




**Расми 1.4. - Механизмҳои асосии ТБО дар шароити минтақа**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Таҷриба нишон медиҳад, ки аз ҷониби субъект ва сохторҳои алоҳидаи давлатӣ барои танзими бозори фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, ташаккули нархҳо, соҳаи тиҷорат, савдои яклухту чакана, биржаҳои молӣ, низоми маркетингӣ ва иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад. Ин механизмҳо ҳама ҷанбаҳои сиёсати агроозуқавориро фаро гирифта наметавонанд. Аз ин хотир, дастгирии давлатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва равандҳои демографӣ дуруст ба роҳ монда шуда, таъмини дастрасии тамоми табақаҳои ҷомеъаро бо маҳсулотҳои ғизоии зарурӣ фаро гирад.

Ин ҷо, як чизи муҳимро бояд қайд намуд, ки механизмҳои алоҳидаи таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ дар бисёр мавридҳо боиси муқобилият ба сиёсати аграрии давлат мебошанд. Вобаста ба ин, хусусиятҳои минтақавӣ ва мақасадҳои танзими бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо дар ҳолатҳои гуногун тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, зимни

истифодаи механизмҳо ва фишангҳои таъсиррасонӣ муҳим он аст, ки мақсад ва хусусиятҳои ҳар як фишанги таъсиррасони муайян ва роҳҳои танзими давлатӣ дуруст амалӣ карда шаванд.

Фаъолияти чунин механизмҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ на танҳо барои истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзӣ, инчунин боиси таназзули экосистемаҳои минтақавӣ ва шиддат ёфтани мушкилоти демографӣ нагардад. Ҳангоми ташкили самаранокии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити минтақаҳои кишвар, дар ҳолати зарурӣ омӯзиши натиҷаи максималии иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъмин карда шавад.

Ҳама механизмҳо ва фишангҳои танзими таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо бо якдигар алоқаи зич доранд. Таъсири ҳар як ҷузъ ба дигарон барои ҳалли самараноки масъалаҳо муҳим аст. Масалан, сиёсати аграрӣ метавонад ба инфрасохтор ва логистика мусоидат кунад, ки дар навбати худ ба таъмини дастрасии озуқаворӣ кумак мерасонад. Агар яке аз унсурҳо дуруст кор накунад, он метавонад ба дигар ҷузъҳо таъсири манфӣ гузорад ва самаранокии умумиро коҳиш диҳад. Ба ин хотир, ҳамоҳангии байни ҳамаи унсурҳо зарур аст. Муҳим он аст, ки бояд ҳар як механизми давлатии дастгирии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар алоҳидагӣ аз якдигар таъсири худро нарасонад, яъне ба таври дастаҷамъона ба рушди бозори озуқаворӣ минтақаҳо ва самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа таъсири худро расонанд.

**Хулосаи зербоби 1.2.**

Аз маводи таҳлилшуда дар зербоб бармеояд: 1) ТБО аз самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа вобаста буда, истифодаи дастрасии аҳолӣ бо маводи озуқа ин ҳадаф аст, ки он дар асоси имкониятҳои ҳар як минтақа сурат мегирад; 2) Сиёсати аграрӣ бояд ба диверсификатсия ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ равона шуда, ҳамзамон тавозуни бозори дохилӣ ва бехатарии озуқаворӣ

дар кишварро таъмин намояд; 3) корхонаҳои кишоварзиро барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дар минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳии кишвар истеҳсол мешаванд, ҳавасманд гардондан ва дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори комплекси агросаноатӣ равона шудаанд; 4) МАС-и ҶТ гарави ТБО буда, бояд устуворӣ ва барқароршавии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва гузариш аз технологияҳои экстенсивӣ ба интенсивии парвариши зироатҳои кишоварзиро бояд таъмин намоянд; 5) Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки тамоми чорабиниҳо ва пешниҳодҳои зикршударо ба мақсади беҳтар кардани истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ТБО аҳолии кишвар, бахусус дар вилояти Хатлон, равона намуда, сатҳи зарурии нишондодҳои баҳодиҳандаро дар ин самт ноил гардидан лозим меояд. Ин чораҳо, дар ниҳоят, барои таъмин кардани афзоиши аҳолии минтақаҳо бо маводи озуқаворӣ мусоидат хоҳанд кард.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа

Мавҷудияти захираҳо, махсусан захиравӣ-табиӣ барои рушди иқтисодиёти дилхоҳ кишвар ва ТБО мардуми он аҳаммияти муҳим дошта, муаммои бисёрҷанба ва муҳим ба ҳисоб рафта, аз сатҳ ва дараҷаи таъмини аҳолии минтақаҳои мамлакат бо озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ вобастагии калон дорад. Аз ин хотир, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ дар шароити тезутундшавии масъалаҳои глобалии озуқаворӣ ва экологӣ барои манотиқи кишвари мо низ нақши бориз дорад.

Аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам бармеояд, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар асоси истифодаи самараноки захиравӣ-табиӣ ва технологияи инноватсионӣ

метавонад асоси бунёдии рушди иқтисоди миллӣ ва кам кардани норасоии озуқаворӣ бошад.

Инчунин, таҷрибаҳои кишварҳои дар боло зикршударо (ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Чин ва кишварҳои собиқ Шуравӣ) нишон медиҳанд, ки қабули сиёсати аграрии дуруст ва мутобиқ ба шароити маҳаллӣ, ҳамзамон бо истифодаи дониш ва таҷрибаҳои нави илмӣ, ба рушди устувор ва афзоиши самаранокии истеҳсолот кумак мекунад.

Дар кишварҳои ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопон дар ин самт сиёсати махсус нисбати маҳсулотҳои озуқаворӣ амалӣ карда шуда, воридот ва содироти баъзе маҳсулотҳои асосии ғизоӣ манъ карда мешавад. Ин чорабиниҳо ба хотире тарҳрезӣ карда мешаванд, ки баъзе маҳсулотҳои ниёзи аввазаро соҳибкорон бо нархҳои арзон ворид намуда, дар дохили мамлакат бо нархи якчанд маротиба қиматтар мефурӯшанд. Пиёда гардонидани ин сиёсат ба мақсади ҳифзи истеҳсолоти худӣ оиди таъмини талаботи мардуми кишвар бо маводҳои озуқаворӣ, махсусан, ғалладонагиҳо, биринҷ, гӯшт ва амсоли инҳо хеле хуб арзёбӣ менамояд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳар як давлат вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва иқтидори захиравӣ-табиии худ барои ҳалли таъмини бехатарии озуқаворӣ кӯшишҳо ба харҷ дода, то як андоза дар ҳалли ин масъалаи муҳим саҳми худро мегузорад. Дар ҷараёни ин омӯзишҳо таҷрибаи Америко, Япония, мамолики Аврупо, Нидерландия, Норвегия ва баъзе мамолики ИДМ-ро таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои фоидаовари онҳоро баҳодиҳӣ намуда, СИИ нерӯи захиравӣ-табиӣ ва ТБО-ро дар сатҳи ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳидаи он муайян намудан ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегардад.

Аз охири солҳои 50-уми асри гузашта сар карда, якчанд маротиба кӯшиши таъмини миқдори зарурии аҳолии дунё бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ба миён омад. Дар ин бора фикру ақидаҳои гуногун аз тарафи олимони Ғарбу Шарқ ва кӯшишҳои аксари давлатҳоро бояд қайд кард, ки онҳо имконияти афзоиши аҳолии дунёро аз ҳисоби кам гардидани

заминҳои кишоварзӣ, инчунин меъёри энергетикии хӯрока барои ҳар сари аҳолӣ бо миқдори зарурӣ ва сифати баланд дар курраи Замин равона карда шудаанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ беш аз пеш ба соҳаи таъмини бехатарии озуқаворӣ таъсири манфии худро мерасонад. Иштироки ҳар як давлат дар ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқаи ҷаҳонӣ, дар пиёда намудани барномаҳои минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Кишварҳои пешрафта дар навбати худ дар мубориза бо гуруснагӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ барои кишварҳои камбизоати ҷаҳон маблағҳои зиёд ҷудо менамоянд. Масалан, аз тарафи кишвари Канада, ки аз ҷиҳати ММД (тақрибан 2 триллион долларро доро буда) пешсаф аст барои лоиҳаҳои байналмилалии башардӯстона, махсусан, кумаки ғизоӣ, тақрибан 5 миллиард доллар ҷудо карда мешавад [34].

Дар мамолики тараққикарда дар ин самт ба омӯзиши кадрҳои баландихтисос ва гузариш ба технологияҳои муосири кишоварзӣ низ диққат диҳанд. Истифодаи захираҳои табиӣ ва манбаъҳои молиявӣ барои беҳтар кардани самаранокии истеҳсолоти аграрӣ ва баланд бардоштани иқтидори молиявии хоҷагиҳо, бахусус дар минтақаҳои камбизоат, метавонад натиҷаҳои назаррас ба бор орад. Маҳз дар чунин шароити ниёз ба як сиёсати мутамарказ ва рушди мизони ҳамоҳангшудаи соҳаҳои кишоварзӣ, экология ва иқтисод метавон бо муваффақият ба рушди устувори соҳаи озуқаворӣ ва таъмини зиндагии арзанда барои табақаи камбизоат ноил шуд.

Соири мамолики рушдкарда барои ҳалли мушкилоти ТБО сармоягузориҳоро ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб намудаанд, ки ин ба афзоиши босуръати иқтисодӣ дар пасманзари ҳамгироии минтақавӣ хеле назаррас мебошад. Таҷрибаи ин кишварҳо, ки роҳи дуру дарозро дар таъмини бехатарии озуқаворӣ тай кардаанд, барои давлатҳои ИДМ, махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нест.

Дар Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо мушкилоти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар мадди аввал истода, бештар ба масъалаҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, таъмини амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммият медиҳанд. Дар ин кишвар FAO ва ТУТ , аз ҷумла Codex Alimentarius (Кодекси озуқаворӣии FAO), ки дар он зиёда аз 170 кишвар аъзо ва кору фаъолият менамоянд, ҳамчун намояндаи Иттиҳоди Аврупо, ки аз 30 кумитаҳои гуногун иборат мебошад, коркарди стандартҳо, дастурҳо ва меъёрҳои саноатиро оид ба сифат ва бехатарии хӯрокворӣ омода менамоянд. Бояд қайд кард, ки стандартҳои таҳиягардида, меъёрҳои ҳатмии қонунгузории миллӣ ба ҳисоб намераванд. Аз ин рӯ, дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо ва худи Олмон се ҳадафи асосии қонуни озуқаворӣ амалӣ мегардад:

– таҳти назорат қарор гирифтани маҳсулоти бехатар;

– роҳ надодан ба қаллобӣ;

– фаҳмонидани маълумоти дуруст ба мардум.

Барои аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ки дар содироти озуқаи ҷаҳонӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд, вазифаи миёнаравӣ дар сиёсати кишоварзӣ оиди таъмини бехатарии озуқаворӣ дар доираи Иттиҳод аҳаммияти калидӣ дорад. Ин кишварҳо бо такя ба мувозинати миёнаравӣ, ки байни талабот ва пешниҳодоти бозорҳои байналмилалӣ вуҷуд дорад, метавонанд нақши муҳими худро дар таъмини устувории озуқаворӣ, афзоиши истеҳсолот ва ҳамоҳангсозии сиёсати умумии кишоварзӣ дар дохили Иттиҳод иҷро намоянд. Сиёсати кишоварзии Иттиҳоди Аврупо, ки ба рушди устувор ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, инчунин танзими содироти маҳсулоти озуқаворӣ равона аст, имконият медиҳад, ки ин кишварҳо на танҳо дар дохил, балки дар миқёси ҷаҳонӣ низ расидан ба ҳадафҳои бехатарии озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ саҳм гузоранд. Мувофиқи ҳамаи меъёрҳое, ки ҳангоми баҳодиҳии таъмини бехатарии озуқаворӣ чунин нишондиҳандаҳо истифода мешаванд (мустақилияти озуқаворӣ, дастрасии фаъоли иқтисодӣ ва

ҷисмонии озуқаворӣ барои аҳолӣ, сифат ва бехатарии озуқаворӣ, сатҳи захираҳои озуқаворӣ), ки онҳо барои таъмини бозори озуқавории минтақа хизмат мерасонанд. Сиёсати аграрӣ дар ин маврид ба такмили сифатан нави низоми бехатарии озуқаворӣ ва рафъи хатарҳои эҳтимолӣ нигаронида шудааст.

Тайи даҳсолаҳои охир истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, ё тавре ки аврупоиҳо мегӯянд, маҳсулотҳои органикӣ дар кишварҳои аврупоӣ аҳаммияти хоса пайдо намудааст. Аз соли 1995 то 2014 шумораи корхонаҳои экологӣ дар Олмон, аз 6,6 ба 23 ҳазор адад ва ҳаҷми майдонҳои кишт аз 310 ҳазор ба 1 миллион гектар расидааст. Сабаби асосии чунин рушди босуръат - ин талаботи афзояндаи аҳолӣ ба ин намуди маҳсулот ва ҷалби бештари субсидияҳо барои истеҳсоли чунин маҳсулотҳои органикии кишоварзӣ мебошад. Дар солҳои охир аз ҷониби мақомоти федералии Олмон дар доираи сиёсати умумии кишоварзии Иттиҳоди Аврупо, ҳангоми гузариш аз усули анъанавӣ ба усули истеҳсолоти маҳсулотҳои озуқавории органикӣ, ширкатҳои Эко аз кумакпулиҳои махсус истифода мебаранд, ки андозаи он дар Олмон аз дигар кишварҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳар як истеҳсолкунандаи мазкур, дар навбати худ барои нигоҳ доштани раванди нави истеҳсолот ва ҳавасмандиҳои молиявӣ-иқтисодӣ мукофотпулиро мегирад.

Таҳлили таҷрибаи истифодаи захираҳои табиӣ дар Аврупо ва Амрико нишон медиҳад, ки идоракунии устувор ва технологияи пешқадам ба рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист таъсири мустақим дорад. Масалан, дар Олмон сиёсати сармоягузорӣ дар самти истифодаи энергияи барқароршаванда ва идоракунии захираҳои об ва замин ба таври қатъӣ ба танзим дароварда шудааст. Ин давлат барои коҳиш додани таъсири манфии инсон ба экосистемаҳо ва таъмини устувории истеҳсолот барномаи мукаммали қонунгузорӣ ва назоратро амалӣ мекунад.

Дар Амрико ва Канада таҷрибаи истифодаи захираҳои табиӣ бештар бо истифодаи технологияҳои нав ва ҳамгироии захираҳои табиӣ бо бозори иқтисодӣ алоқаманд аст. Дар ин кишварҳо идоракунии захираҳои нафт, газ, ё заминҳои кишоварзӣ бо ҳисобу китоби экологӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад. Барномаи муҳофизати муҳити зист ва дастгирии истеҳсолоти барқароршаванда ба афзоиши самаранокии истифодаи захираҳо ва коҳиши таъсири манфӣ ба табиат мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи Аврупо ва Амрико нишон медиҳад, ки истифодаи захираҳои табиӣ бояд ҳамзамон ба ҳифзи экосистемаҳо, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини манфиатҳои иҷтимоӣ равона бошад. Ин таҷриба барои дигар кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, намунаи татбиқи сиёсати аграрӣ ва энергетикии устувор ба ҳисоб меравад.

Консепсияи умумии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои кишвар дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар нақшаи амалиёти таъмини истиқлолияти озуқаврии Канада дар соли 1998 таъсис дода шудааст, ки Канада дар тӯли 50 соли охир як кишвари баландпояи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Нақшаи чорабиниҳои мазкур дар ин кишвар оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар барномаи ҳукуматӣ низ ҷой дода шуда, ки он дар доираи ҳадафҳои Саммити ҷаҳонии соли 1996 хеле мушаххас муайян гардидааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ, ки дар нақшаи мазкур пешбинӣ шудааст, ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ хидмат мекунад. Чорабиниҳои муайяншуда дар ин нақша дар барномаи ҳукуматӣ низ ҷой гирифта, амалҳои мушаххаси мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишти кишоварзӣ, бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ таъриф шудаанд. Ин тадбирҳо дар доираи ҳадафҳои Саммити ҷаҳонии соли 1996 хеле мушаххас муайян карда шудаанд.

Омӯзиши таҷрибаи ин кишварҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад намунаи муфиди модели Канада бошад, ки ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ кумак мекунад. Дар ин кишвар, кормандони бахши кишоварзӣ, ки моҳе на камтар аз 900 доллар маош мегиранд, муваффақиятҳои назаррас дар таъмини устувории иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро ба даст овардаанд ва мо низ ба ҳадафҳои муҳими рушди комплекси агроозуқаворӣ хоҳем расид.

Соли 1996 дар Саммити ҷаҳонии озуқаворӣ дар Рим Эъломияи Рим оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣи ҷаҳонӣ ва нақшаи амалӣ намудани он пешниҳод гардид, ки дар он принсипҳои ба даст овардани бехатарии озуқаворӣ барои ҳар як шахс, хонавода, минтақа, кишвар ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ тасдиқ карда шуд. Тағйироти куллӣ дар сиёсати аграрии ИМА натиҷаи бухрони солҳои 1929-1933 ба ҳисоб меравад. Коҳиши яку якбораи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва пастравии нархҳо дар ин давра вазъи корхонаҳои кишоварзиро душвор намудааст. Тақрибан аз нисф зиёди онҳо муфлис шуда, маҷбур шуданд хоҷагиҳои худро ба ҷойи гарави қарз ба бонкҳо ва ширкатҳои миёнарав супоранд. Ҳукумат маҷбур шуд, ки ба қарзи хоҷагиҳо мораторие эълон намуда, барои барқароркунии соҳаи кишоварзӣ қонуни махсус оиди ба мувозинат андохтани нархҳои маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзиро дар соли 1990 ба табъ расонад. Ҳамаи ин нақши давлатро дар фаъолияти соҳаи кишоварзӣ, сиёсати барҳам додани «қайчии нархҳо»-ро муайян намуда, ба бахши кишоварзии Амрико таъсири хеле бузург расонида, дар ин давра оғози низоми танзими давлатии рушди кишоварзӣ такмил ва рушд ёфтааст [69, С.205, 285].

Муносибати сиёсати содиротӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дастгирӣ гардида, ИМА намояндаи бузурги он мебошад. Гарчанде ки танҳо 1%-и аҳолӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ машғул мебошад, лекин ин кишвар натанҳо эҳтиёҷоти худро бо озуқаи истеҳсоли

ватанӣ таъмин менамояд, балки содиркунандаи маҳсулотҳои асосии озуқаврии ҷаҳонӣ махсуб меёбад. Пешниҳоди субсидияҳо барои содироти маҳсулоти озуқаворӣ ба ИМА имкон медиҳад, ки дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар тамоюли ба худ хос пешсаф ва рақобатпазир мебошад. Ин намуди дастгирии давлатӣ имкон медиҳад, ки минбаъд ҳаҷми аз ин ҳам зиёдтари истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ тавассути самаранок истифодабарии захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва кумакҳои молиявии давлат дар минтақаҳои кишвар таъмин гардад.

Андозаи миёнаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тақрибан 200 гектарро ташкил дода, миқдори хоҷагиҳои калони зироаткорӣ ба истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ машғул мебошанд. Ҷараёни механикунонӣ дар ин хоҷагиҳо ба дараҷае баланд аст, ки ҳар яки он 15-20 коргар доранд. Тибқи маълумоти соли 2020, танҳо 125000 хоҷагиҳои калон ё 6%-и шумораи умумии онҳо зиёда аз 75%-и тамоми маҳсулоти озуқаврии кишоварзиро дар ИМА истеҳсол намуда, он ҳадди ниҳоӣ надорад.

Баъд аз соли 1945 бо нарасидани маҳсулотҳои озуқаворӣ дар солҳои аввали пас аз ҷангӣ, вазифаи васеъ кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Аврупо низ гузошта шуд, ки ҳам афзоиши истеҳсоли озуқаворӣ ва ҳам беҳтар шудани тавозуни пардохти он дар назар дошта шудааст. Бо ин мақсад ба деҳқонон сатҳи муайяни даромад кафолат дода шуд, тадбирҳои дастгирии нархҳо ҷорӣ карда шуда, қарзҳо ва субсидияҳо барои ҳавасмандгардониҳои сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи усулҳои пешқадами хоҷагидорӣ, мукаммалгардонии хусусиятҳои касбию тахассусии қувваи корӣ ба рушди иқтидори иқтисодии аграрӣ таъсир мерасонад.

Барномаи кумаки озуқаворӣ дар давраи буҳрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодӣ муҳим мебошад. Дар моҳи марти соли 2009 купонҳо барои таъмини ғизоии 33,1 миллион нафар ба табъ расида, нисбати он 600 ҳазор зиёд аст. Аз аввали моҳи июни соли 2009 аз ҳар нуҳ амрикоӣ як нафар

тамғаҳои озуқавориро истифода мебурданд, ки ба ҳисоби миёна барои ҳар як иштирокчии тамғаи мазкур дар як моҳ 114 доллар рост меояд. Таҳияи ин барнома Конгресси ИМА-ро барои соли молиявӣ ба маблағи 54 миллиард, дар соли 2010 бошад, аллакай 60 миллиард долларо ташкил карда буд [35].

Мувофиқи сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ба чор гурӯҳ тақсим карда шудааст:

- кишварҳои мустақил - бо назардошти истеъмоли ҷорӣ ва фароҳам овардани захираҳои муайяни заминҳои кишти кишоварзӣ барои ҳадафҳо ва шароити мусоид сокинони кишвари худро бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ пурра таъмин менамояд;

- кишварҳои нисбатан мустақил - қисми асосии маҳсулоти озуқавориро истеҳсол намуда, микдори ками ғизоиро ворид менамояд;

- кишварҳои қисман вобастагӣ дошта - микдори муайяни озуқавориро аз дигар кишварҳо ворид менамояд;

- кишварҳои комилан вобастагӣ дошта - наметавонанд мустақилона мувофиқи меъёрҳои тавсияшуда барои сокинон ғизои кофӣ истеҳсол намоянд.

Дар шароити кунунӣ танҳо баъзе кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта нисбат ба талаботи аҳолии зинда ба андозаи хеле зиёд маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол мекунанд. Масалан, дар Канада, Зеландияи Нав, ИМА, Фаронса ва баъзе кишварҳои дигар истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро мувофиқи меъёрҳои тиббӣ барои аҳолии кишвар таҳия менамоянд. Олмон, Италия, Испания ва бисёр дигар кишварҳои пешрафта ҳадди аққал 70-80% маҳсулоти хӯрокворции ватаниро истеҳсол мекунанд [44].

Таҷрибаи Чин дар самаранокии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ аз он ҷиҳат беназир мебошад, ки ин кишвар 7%-и заминҳои корами дунёро дар ихтиёр дошта,

қариб 22%-и аҳолии курраи Заминро бо маҳсулотҳои озуқаворӣ таъмин менамояд. Дар шароити Чин камғизоӣ ва гуруснагӣ ин мафҳумро иваз менамояд, агар комплекси агросаноатӣ талаботи худро ба ғизои ватанӣ бо нархи дастрас барои аҳолӣ ба андозаи зиёд қонеъ карда натавонад. Дар ин замина, таъмини истеҳсоли устувор ва самараноки маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун воситаи асосии пешгирӣ аз камғизоӣ ва норасоии ғизо муҳим аст. Ғайр аз ин, яке аз тадбирҳои калидии таъмини бехатарии озуқаворӣ ин сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди кишоварзӣ, истеҳсолот, ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ мебошад.

Дар кишвари Чин яке аз омилҳои муҳими ба даст овардани муваффақият дар рушди соҳаи кишоварзӣ васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами парвариши зироатҳои кишоварзӣ мебошад. Ҳам дастовардҳои илми ҷаҳонии кишоварзӣ, ки аз кишварҳои мутараққӣ гирифта шуда ва ҳам мутахассисони ватанӣ ба раванди мустақими истеҳсолот ворид карда шуданд.

Ҳоло дар бештари кишварҳо, истифодаи организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ дигаргуншуда дар истеҳсоли озуқаворӣ як масъалаи баҳснок ва муҳим мебошад. Дар ин асос истеҳсолот афзоиш ёфта, метавонад барои таъмини аҳолии рӯзафзун бо озуқаворӣ мусоидат кунад. Аммо дар тарафи дигар, истифодаи ин технологиҳо ба нигаронӣ оид ба саломатӣ ва таъсири манфии муҳити зист оварда мерасонад. Дар баъзе кишварҳо, сарфи назар аз барномаҳои давлатӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, чунин навъи истеҳсол дар асоси талаботи бозор ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ҷараён мегирад, вале дар дигар кишварҳо истифодаи онро манъ ё маҳдуд месозанд.

Дар ин мавриди ба ақидаи Ҳисайнзода Н.А. таҷрибаи кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя «...Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бахши таҳкиму такмили ПМТ хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла ташкили низоми қарздиҳии мувофиқ (қарзҳои имтиёзноки 3%), идоракунии ноҳиявии системаҳои обёрӣ ба идоракунии ҳавзаҳо, системаи муқаррар намудани

нархҳои хариди давлатии пахта ва гандум, ташкили кластерҳои пахтакорию бофандагӣ низ ҷанбаҳои омӯзишию озмоишӣ доранд.» [150, С.25].

Имрӯзҳо масъалаи ҳуқуқи фермерон ва таҳаввулоти моликияти зеҳнӣ ба як масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Дар баъзе кишварҳо, фермерон маҷбур мешаванд, ки барои истифодаи тухмии нав шартномаҳо баста, тухмии навро аз истеҳсолкунандагон харидорӣ кунанд. Барои саломатии инсон ва муҳити зист, хатарҳои дарозмуддат ҳоло ҳам баҳс ва пажӯҳишҳо доранд. Таъсири манфии ин технология ба экосистемаҳо ва саломатӣ бояд таҳқиқ ва мушаххас карда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонии таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши афзалиятноки давлатро дар истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа, ҳалли мушкилоти озуқаворӣ, тақозо менамояд. Сиёсати давлат, ки ба таври назаррас аз пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, дастгирии низоми андозбандӣ ва амсоли инҳо манша мегирад дар кишварҳои содиркунандаи озуқаворӣ хеле назаррас мебошад. Дар посух ба фишори СУС, консепсияи муносибати бисёрфунксионалии идораи рушди соҳаи кишоварзӣ ташаккул ёфта, дар конфронси Созмони Миллали Муттаҳид оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ (FAO) дар Нидерландия соли 1999 васеъ дастгирӣ карда шуд [63, С.290].

Дар соири мамолики рушдкардаи хориҷӣ, соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ва ТБО бо дастгирии ҷиддии молиявӣ ва қарзии давлат пешрафт кардааст. Каджкулоев А.Ф. дар ин бора менависад, ки: «...Тавассути Идораи тиҷорати хурд (ИМА), Кооператсияи суғуртаи тиҷорати хурд (Ҷопон), қарзҳо барои ширкатҳои хурду миёна (Фаронса) соли 1953 дар ИМА Агентии федералӣ - Идораи тиҷорати хурди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (SBA) таъсис ёфт, ки ҳанӯз ҳам манфиатҳои тиҷоратии худро дар сатҳи ҳукумат ҳифз мекунад. Ғайр аз ин, шуъбаҳои ин созмон дар ҳамаи шаҳрҳои калон ҷойгиранд, ба ҳамин тариқ, сиёсати

дастгирии соҳибкорӣ на танҳо ба марказҳои асосии иқтисодии ИМА, балки ба ҳамаи иёлот паҳн мегарданд. Вазифаҳои асосии идораи соҳибкорӣ (хурд, миёна ва бузург) ва филиалҳои он: кӯмак дар гирифтани қарз барои соҳибкории кишоварзӣ; дастгирии техникӣ ва иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ; таъмини кафолати кредит барои корхонаҳои соҳаи аграрӣ; субсидия ва бевосита маблағгузории соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ аз ҳисоби буҷети давлат мебошад.» [151].

Қоидаи умумӣ барои кишварҳои дорои равишҳои мухталиф ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дошта, ин нигоҳ доштани дастрасии иқтисодии ғизоро барои аҳолӣ таъмин менамоянд. Дар Ҷопон ҳиссаи хароҷот барои озуқаворӣ дар хароҷоти умумии истеъмолкунандагони ватанӣ – 14,4%-ро ташкил медиҳад. Дар Чин ҳиссаи озуқаворӣ дар хароҷоти истеъмолӣ дар соли 2002 барои аҳолии шаҳр 37,7%, барои аҳолии деҳот 46,2%-ро ташкил дод (барои муқоиса дар соли 1998 ин рақам 44,5% ва 53,4% барои шаҳрҳо ва аҳолии деҳот мутаносибан) ташкил медод. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳанӯз дар аввали солҳои 80-ум ҳиссаи хароҷоти озуқаворӣ дар буҷаи умумии оила 16%-ро ташкил медод ва ин рақам ҳоло то 10% коҳиш ёфтааст [50, С.125].

Афзоиши дастрасии ғизо барои аҳолӣ ба андозаи зиёд ба шарофати барномаҳои давлатии кумаки ғизоӣ ба камбизоатон ба даст оварда шудааст. Ин барномаҳо ҷузъи ҷудононашавандаи бехатарии озуқавории ИМА буда, барои рафъи номутаносибӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ, ки дар ҷомеаи Амрико вуҷуд дорад, равона карда шудааст. Лекин, барномаҳои кумаки ғизоӣ на танҳо мушкилоти камғизоии камбизоатонро ҳал мекунад, балки бо зиёд кардани истеъмоли баъзе намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, давлат аз молҳои зиёдатӣ халос шуда, дар айни замон даромади корхонаҳои кишоварзиро зиёд менамояд, ки дар сурати нокифоя будани талаботи озуқаворӣ ва истеҳсоли барзиёди маҳсулот бояд нархҳо коҳиш ёбанд.

## Хулосаи зербоби 1.3.

Аз таҳқиқи маводи зербоби 1.3. чунин натиҷагирӣ намудем: 1) Масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ фарогирии ҳама кишварҳои ҷаҳон буда, моҳияти он аз таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба миқдори кофии маҳсулотҳои озуқавории безарар ва серғизо таркиб ёфта, ҳамчунин мустаҳкам кардани бозори дохилии озуқавории кишварро фарогир мебошад; 2) Ҷалби сармоя ва тақвияти иқтисодии соҳаи кишоварзӣ тавассути ҳамкориҳои минтақавӣ барои баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ зарур аст; 3) Афзоиши иқтидори истеҳсолкунандагони кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ ва ҳифзи муҳити зист лозим ҳастанд; 4) Рушди инноватсионӣ дар МАС барои эҷоди ҷойҳои корӣ, кам кардани бекорӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад; 5) Самаранок истифода кардани иқтидори захираҳои табиӣ, ки дар таҷрибаи кишварҳои рушдкарда ҷойи муҳимро дорад, дар Тоҷикистон низ нақши калидӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ мебозад. Дар ин замина муҳим аст, ки хусусиятҳои минтақавии таъминоти озуқаворӣ дуруст шинохта шаванд, ки барои истеҳсолкунандагони озуқаворӣ манфиатҳои иқтисодӣ ба вуҷуд оранд ва аз ин роҳ ба беҳтар шудани вазъи бозори озуқаворӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд; 6) Ин чорабиниҳо барои афзоиши аҳолии курраи Замин бо озуқаворӣ ва таъмини бехатарии он кӯмак мерасонанд, ки ҳар як кишвар барои амалӣ кардани вазифаи асосии давлат, яъне таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз роҳҳои гуногун истифода мебарад.

## Хулосаю пешниҳодҳои боби якум:

Ҳамин тавр, таҳқиқоти боби якуми рисола нишон медиҳад, ки самти муҳимми баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар рушди минтақа ба амалишавии чунин чорабиниҳо вобаста аст:

– низоми самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақа як ҷузъи ҷудонопазири амнияти иқтисодии мамлакат

ба ҳисоб меравад. Ин низом як структураи мураккаб аст, ки аз меъёрҳои гуногуни сатҳи таъминоти озуқаворӣ ташкил ёфта, ба рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ дар маҷмуъ равона аст. Ҳадафи асосии он – ба истеҳсоли ҳарчӣ зиёди маҳсулоти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ.

Аз ин рӯ, барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар механизми танзими давлатии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ зарур мебошад;

– ҷанбаҳои назариявии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақаҳо нишон медиҳанд, ки онҳо дар сурати самаранок истифода намудани заминҳои кишти наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ин раванд тақозои онро мекунад, ки сиёсати аграрии давлат ба мақсади таъмини сатҳи ғизо, ки вазъи экосистемаҳои минтақавӣ ҳалли дурусти худро меёбад;

– таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки баланд бардоштани сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар бидуни дастгирии давлатӣ ғайриимкон мебошад. Дар шароити камзаминӣ танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар самти афзоиши ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои амиқ ва ҳамаҷониба метавон гуфт, ки иҷрои вазифаҳои сиёсати агроозуқаворӣ тавассути амалӣ сохтани тадбирҳо дар комплекси агросаноатӣ мавҷуда ва ҳифзи муҳити зист ба шакли муназзам таъмин мегардад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА ҲОЛАТИ ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яку якбора таназзул ёфтани захираҳои табиӣ, бахусус, заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва ҳосилнокии зироатҳои асосӣ ба назар мерасад, ки ин ба коҳиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба маводҳои озуқаворӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда мерасонад. Сатҳи таъмини озуқаворӣ дар ин мавридҳо ба пурра қонеъ гардидани талаботи аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва аз рӯйи дараҷаи худтаъминкунии аҳолии минтақаҳо ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ муайян карда мешавад. Оиди ин масъала мо бо ақидаи Бойматов А.А. ҳамфикрем, ки менависад: «…Асосҳои дигари муҳим низ ба манфиати рушди ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ вуҷуд доранд ва ин далелҳоро рад кардан душвор аст. Якум, агар дар бахши аграрӣ ислоҳоти гузаронидашаванда натиҷаи дилхоҳ надиҳад, тағйиротҳои ҷиддии мусбиро дар соҳаи саноат интизор шудан нашояд ва дуюм, мавҷудияти афзалиятҳои табиии кишвар, инчунин анъанаҳои миллии таҷрибаи ҳосилшуда оид ба ташкили истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, мафкураву рафтори роҳбарон дар раванди он ва ғайра мебошанд.» [129, С.127-138].

Вилояти Хатлон соли 1992 таъсис ёфта, маркази маъмурии он шаҳри Бохтар мебошад ва он дорои 24,7 ҳазор км$^2$ масоҳат буда, дар маҷмуъ 17,5%-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна, аҳолии вилоят 3530,0 ҳазор нафарро ташкил дода, зичии аҳолӣ дар он 142,9 нафар дар ҳар як километр квадратӣ мебошад.

Иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилоят барои рушди соҳаҳои аграрӣ-саноатӣ мувофиқ аст, ки асосан дар ду минтақа Вахш ва Кӯлоб маркази рушди он мебошад. Шуғли асосии аҳолии вилоят кишоварзӣ аст, ки

накши муҳим ва марказӣ дар таъмини бехатарии озуқавории кишвар мебозад. Ин вилоят дар ҷараёни таъмини истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва равнақи соҳаҳои аграрӣ дар ҷумҳурӣ саҳм гузошта, бо иқтидорҳои захиравии табиӣ барои рушди соҳа кумак мекунад.

Истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун унсури муҳими иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз сохтори оптималии истифодаи онҳо вобаста аст. Ин заминҳо дар шакли хеле самаранок ва муфид барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла парвариши зироатҳо ва таҳияи маҳсулоти озуқаворӣ истифода мешаванд. Дар мавриди истифодаи самараноки захираҳои замину об Ализода Тоҳир Саидаброн чунин ибрози назар намудааст: «…Сохтмони ирригатсионӣ ва заҳбурҳо зарур аст. Дар баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон боришоти солона 15-20 фоиз нисбати дигар минтақаҳо кам шуда, миқдори рӯзҳои хушк ду баробар зиёд мешавад, ки ин на танҳо ба балланси об, балки ба равандҳои истеҳсолӣ, функсияҳои рекреатсионӣ, набототу ҳайвоноти замин ва ба воситаҳои обӣ таъсири манфӣ расонд. Аз рӯйи маъхазҳои гуногун дар радиуси 1,5-10 километр аз объекти заҳбур ва дар чуқурии пайдоиш то 1 метр 10 маротиба паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар ҳудудҳои ҳамсоя ба амал меояд. Аз таҳқиқоти олимони соҳа ғайр аз ин, минералкунонии умумии об, пеш аз ҳама, аз ҳисоби консентратсияи хлоридҳо ва сулфатҳо зиёд мешавад.» [130, С.311-319].

Аз ин хотир, барои ТБО аҳолии ҷумҳурӣ, худтаъминкуни озуқаворӣ барои дар сатҳи зарурӣ ва ба саломатии одамон безарар, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ, бо назардошти истеҳсоли зироатҳои кишоварзии даромаднокиашон баланд, бо хароҷотҳои кам қадами муҳим дар таъмини комили истиқлолияти озуқаворӣ минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад (диаграммаи 2.1.).

**Диаграммаи 2.1. – Сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар моҳи январи соли 2023**




**Сарчашма:** [15].

Ҳамин тавр, тайи даҳсолаи охир, аз як ҷониб дар минтақаҳои кишвар камшавии заминҳои корами кишоварзӣ, бахусус заминҳои обёришаванда, аз ҳисоби сохтмон ва дигар таъинотҳои мақсаднок кам гардида, аз ҷониби дигар, самаранокии истифодаи захираҳои замин ва беҳшавии вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ натанҳо ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, балки дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, метавон гуфт, ки дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, технологӣ ва инфрасохторӣ, вилояти Хатлон барои расидан ба мақсади таъмини устувори озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти лозимӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таҳияи сиёсати аграрии самаранок диққати ҷиддӣ дода шавад. Афзоиши аҳолӣ дар вилояти Хатлон ба норасоии маҳсулоти озуқаворӣ ва пастшавии сифатҳои онҳо оварда мерасонад. Ҳамакнун, дар вилоят норасоии маҳсулот аз 20 то 60%-и меъёрҳои физиологӣ дошта, истеҳсоли маҳсулоти асосӣ, ба монанди гӯшт (8,7%), шир (25,4%) ва тухм (5,7%), талаботи аҳолиро пурра қонеъ намекунад (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар вилояти Хатлон, кг/одам**

| | 1991 | 2022 | 2022 /1991 (+, - ) | МТ(М)* ба 1 одам | Норасоӣ аз МТ(М) дар с. 2021 (+, - ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 54,3 | 173,1 | + 118,8 | 147,7 | + 17,2 |
| Картошка | 5,1 | 62,2 | + 57,1 | 92,0 | -67,6 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 54,9 | 642,9 | +587,6 | 166,1 | 3,8 мар. |
| Мевагиҳо | 25,6 | 49,7 | +18,1 | 124,1 | - 81,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 29,7 | 55,7 | +26,0 | 40,8 | + 36,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ (литр) | 115,3 | 108,5 | +12,9 | 115,3 | +32,7 |
| Тухм, дона | 17,0 | 122,4 | +182,4 | 180,0 | + 10,8 |

***Эзоҳ:** МТ(М) - меъёри талаботи ҳадди ақал (минималӣ), ки аз ҷониби Кумитаи таъмини озуқаврии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.
**Сарчашма:** [21].

Аз нишондодҳои ҷадвали 2.1 бармеояд, ки сатҳи истеҳсоли баъзе маҳсулоти озуқаврии асосӣ дар вилояти Хатлон аз меъёри физиологӣ паст буда, истеъмоли озуқа ба меъёри истеъмолӣ ҷавобгӯ нест, ки онро бо якчанд сабабҳо шарҳ додан мумкин аст:

– зиёд гардидани талаботи истеъмолӣ дар минтақа, ки бо сабаби афзудани номгӯи маҳсулоти озуқаворӣ вобаста мебошад.

– маҳдудияти иқтидори захиравӣ-табиӣ, махсусан камшавии заминҳои кишти кишоварзӣ, яке аз муаммоҳои асосӣ мебошад.

– пастшавии ҳосилнокии зироатҳои асосӣ ва истифодаи ғайрисамараноки захираҳои замин ва об сабаби норасоии маҳсулот дар вилояти Хатлон мебошад, ки дар баъзе ноҳияҳо зарурати такмили усулҳои агротехникӣ ва беҳтар кардани истифодаи захираҳо ба амал омадааст.

– баланд гардидани сатҳи талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ дар минтақа, ки бо воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва қафомонии истеҳсолоти ватанӣ, бахусус корхонаҳои коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ рабт дорад;

– танзими ғайрисамараноки бозори озуқаворӣ дар минтақа ва дар сатҳи лозима таъмин нагардидани аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқавории ватанӣ ва ғайра.

Бо дарназардошти он ки вазъи бозори озуқаворӣ дар минтақа ба ҳолати иқтидори захиравӣ-табиӣ ва самаранокии истифодаи он вобаста аст, муаллиф барои баҳодиҳии вазъият нишондиҳандаҳое истифода бурдааст, ки истеҳсол ва истеъмоли намудҳои асосии маводи озуқавориро инъикос мекунанд. Самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ равона шудааст, як манбаи муҳим барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад.

Илова бар ин қайд карда шавад, ки барои истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ҳамаи захираҳои табиӣ дар минтақа ҷалб карда мешавад. Аммо, байни ин захираҳо, аҳаммияти бештарро захираҳои табиӣ, ба монанди замин, об, шароити агроиқлимӣ ва омилҳои биологӣ мебозанд. Ин захираҳо нақши калидӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ доранд. Самаранок истифода бурдани ин захираҳо метавонад кӯмак кунад, ки вилоят на танҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки дар беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар оянда муваффақ шавад.

Оид ба нақши захираҳои табиӣ дар ТБО  яке аз муҳаққиқони ин мавзуъ - Фасихов И.С. чунин ибрози андеша мекунад: «...шароитҳои мураккаби табиӣ, тақсимоти нобаробари релеф, нишебиҳои пасту баланд, тақсимоти нобаробарии боришот дар вақт ва давоми сол дар саросари кишвар, муқовимати пасти хок бар зидди эрозия, ба суст инкишоф ёфтани растаниҳо, дарахт ва буттаҳо низ мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, як қисми асосии заминҳои кишоварзӣ дар ин кишварҳо (дар Тоҷикистон) дар баландии 800-2500м аз сатҳи баҳр, дар минтақаи нишебии 10-20 дараҷа ҷойгиранд.» [105. С.125-127].

Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, махсусан истеҳсоли гандум, на танҳо асоси фаъолият ва рушди хоҷагидории кишоварзӣ, балки як омили муҳим барои таъмини рушди устувор ва муваффақияти иқтисодиёти минтақа мебошад. Истеҳсоли ғалладона дар Тоҷикистон ҳамчун соҳае, ки таъсири амиқ ба дигар бахшҳои иқтисодиёт мегузорад, аҳаммияти калон дорад. Бо дарназардошти шароити иқтисодии имрӯза, ки бо механизмҳои бозорӣ идора мешавад, таҳлили вазъи истеҳсоли ғалладона ва мутобиқати он бо шароити табиӣ-иқлимӣ дар кишвар ва минтақаҳои он хеле муҳим мебошад.

Мавриди зикр аст, ки минтақаи Хатлон яке аз минтақаҳои муҳими кишоварзии кишвар аст, ки пешрафти иқтисодиёти он аз самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ ва иқтидори захиравии табиӣ вобаста мебошад. Вилояти Хатлон дар маҷмуъ зиёда аз 54% кишти ғалладонаи кишварро ташкил медиҳад ва дар ҳамон вақт 64%-и ҳаҷми истеҳсоли ғалладонаи ҷумҳуриро таъмин мекунад.

Вазъи имрӯзаи истеҳсоли зироатҳои ғалладона дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳо дар ҷадвали 2.2. муфассал нишон дода шудааст. Таҳлилҳои анҷомдодашуда метавонанд ба муваффақиятиислоҳот ва роҳандозии сиёсати кишоварзии самаранок дар оянда кумак расонанд.

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи истеҳсоли ғалладона ва лӯбиёӣ дар Тоҷикистон ва вилояти Хатлон аз рӯйи намуди хоҷагиҳо тайи солҳои 2015-2022** (бо ҳисоби тонна)

| Нишондиҳандаҳо | | Солҳо | | | | | 2022 бо % нисбати 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2019 | 2022 | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ | | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ | 1* | 1392,6 | 1435,8 | 1447,6 | 1414,6 | 1756,3 | 126,1 |
| | 11 | 839,3 | 870,3 | 903,1 | 870,2 | 1115,6 | 132,9 |
| | 111 | 60,3 | 60,6 | 62,4 | 61,5 | 63,5 | 1,2 банди /фоиз |
| Дар корхонаҳои кишоварзӣ | | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ | 1 | 154,0 | 146,0 | 126,2 | 139,1 | 189,8 | 123,2 |

*Идомаи ҷадвали 2.2.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 11 | 62,8 | 63,2 | 64,9 | 48,4 | 76,2 | 121,3 |
| | 111 | 40,8 | 43,3 | 51,4 | 34,8 | 40,1 | -6 банди /фоиз |
| | Дар хоҷагиҳои аҳолӣ | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ | 1 | 405,8 | 424,8 | 448,0 | 435,1 | 516,8 | 127,3 |
| | 11 | 281,3 | 302,4 | 319,9 | 312,9 | 392,0 | 139,3 |
| | 111 | 69,3 | 71,2 | 71,4 | 71,9 | 75,8 | 2,7 банди /фоиз |
| | Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ | 1 | 832,8 | 865,2 | 873,5 | 840,2 | 1049,7 | 126,0 |
| | 11 | 495,2 | 504,7 | 518,3 | 508,9 | 647,3 | 130,7 |
| | 111 | 59,4 | 58,3 | 59,3 | 60,5 | 61,6 | 1,1 банди /фоиз |

**Сарчашма:** [19].
**Эзоҳ:** I* -Тоҷикистон; II-вилояти Хатлон; III- ҳиссаи хоҷагиҳои алоҳида дар ҷамъоварии умуми ҳосили ғалладона дар вилояти Хатлон, бо %.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2. далолат аз равандҳои мусбӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ медиҳад. Бо дарназардошти афзоиши истеҳсоли ғалладона то 26,1% ва лӯбиёгӣ то 32,9% ҳаҷми истеҳсолоти онҳо дар кишвар метавон гуфт, ки минтақаи агросаноатии Хатлон ба маркази муҳимми истеҳсоли ин маҳсулот табдил ёфтааст. Тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, афзоиши истеҳсолот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷумҳурӣ ва Хатлон назаррас буда, дар Хатлон он ба 30,7% расидааст, ки гувоҳи он аст, ки хоҷагиҳои деҳқонии вилоят дар таъмини ғизо ва рушди иқтисодиёти минтақа нақши муҳимро мебозанд.

Шароити мусоиди табиӣ ва иқлими хуб дар Хатлон ба рушди кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсолот дар соҳа кумак мерасонад. Вилояти Хатлон дорои иқтидори табиӣ ва захиравии бузург мебошад. Ин афзоиш дар истеҳсоли ғалладона ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ на танҳо ба беҳтар кардани сатҳи таъминоти озуқаворӣ, балки ба таҳкими устувории иқтисодии вилоят ва беҳбудии шароити зиндагии мардуми вилояти Хатлон мусоидат менамояд.

Дар оядаи наздик, афзоиши аҳолӣ дар минтақаи Хатлон боиси беҳудудшавии масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва мушкилоти

демографӣ мегардад. Бо афзоиши фаврии шумораи аҳолӣ, талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ ба таври назаррас баланд меравад. Ин ба норасоии назаррас дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа, аз ҷумла дар самтҳои асосии ғизо, оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, норасоии маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ, ба мисли гӯшт, шир ва тухм, ки танҳо 10% ва 5,8% талаботи бозорро таъмин мекунанд, як хатар ҷиддӣ барои таъмини озуқаварии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи дигар, шароити кунунии истеҳсол ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ низ камбудиҳои амиқ дорад. Имкониятҳои маҳдуд барои коркард ва нигоҳдорӣ, инчунин мушкилоти инфрасохтор дар соҳаи нақлиёт ва логистика, ба талафоти бузург дар маҳсулотҳои кишоварзӣ меоранд. Ин вазъият, ки боиси осеб ба иқтисодиёти маҳаллӣ мегардад, инчунин ба паст рафтани сифати озуқаворӣ ва таъмин намудани талаботи асосии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Агар стратегияи дуруст барои идоракунии самараноки захираҳои табиӣ, махсусан замин ва об таҳия нагардад, инчунин раванди коркард ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ба таври мусбӣ беҳсозӣ наёбад, ояндаи таъминоти озуқаворӣ дар Хатлон метавонад ба хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад. Аз ин рӯ, зарурати рушди инфраструктураи кишоварзӣ, беҳтар намудани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва мустаҳкам кардани ҳамкориҳои байни соҳаҳои кишоварзӣ ва иқтисодиёт хеле муҳим аст.

Ҳалли масъалаи озуқаворӣ дар заминаи истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ дар минтақа рушди комплекси агросаноатиро дар маҷмуъ пешбинӣ мекунад. Аммо мутобиқшавии соҳаҳои комплекси агросаноатии минтақа ба шароити куллан тағйирёфтаи иқтисодӣ бо сабаби афзоиш ва амиқ шудани тамоюлҳои бухронии молиявӣ-иқтисодӣ хеле мушкил шудааст. Баъди истиқлолияти давлатӣ дар вилояти Хатлон ва дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ коҳиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар расида, ҳамаи сохторҳо ва шаклҳои хоҷагидориро дар минтақа

фаро гирифтааст. Кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ як қатор роҳҳои ҳалли худро дошта, дар айни замон омилҳои марказии ҳалли масъалаи таъминоти озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ дар минтақаи Хатлон нишон дода мешавад (ҷадвали 2.3.).

**Ҷадвали 2.3.- Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон (ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аъзои хонавода дар як сол (бо килограмм)**

| **Номгӯи маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2018** | **2022** |
| Маҳсулоти нонӣ | 148,0 | 160,6 | 154,1 | 153,1 | 151,5 | 152,5 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 140,2 | 156,7 | 145,9 | 147,8 | 145,9 | 147,7 |
| Картошка | 37,8 | 35,0 | 34,7 | 33,3 | 39,1 | 37,3 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 32,5 | 33,6 | 31,3 | 31,4 | 33,8 | 34,3 |
| Сабзавот ва полезӣ | 98,7 | 70,7 | 88,1 | 76,1 | 80,4 | 80,9 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 87,3 | 67,3 | 72,4 | 70,8 | 69,2 | 71,2 |
| Шир ва маҳсулотҳои ширӣ | 64,9 | 60,9 | 58,0 | 58,7 | 59,5 | 60,6 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 67,1 | 62,1 | 60,4 | 65,1 | 66.1 | 66,9 |
| Гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ | 4,4 | 11,0 | 11,2 | 14,8 | 14,7 | 14,8 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 5,6 | 13,1 | 12,9 | 15,7 | 15,2 | 15,5 |
| Равғани растанӣ | 10,2 | 14,4 | 13,9 | 16,4 | 17,2 | 17,7 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 7,9 | 12,3 | 11,8 | 14,2 | 14,8 | 14,8 |
| Тухм (дона) | 19,0 | 40,0 | 55,0 | 71,0 | 68,0 | 71,0 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 11,1 | 35,1 | 43,1 | 58,2 | 54,1 | 57,5 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 6,7 | 12,0 | 13,6 | 14,1 | 14,3 | 14,5 |
| аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб | 4,8 | 10,4 | 11,2 | 12,1 | 13,1 | 12,9 |

**Сарчашма:** [18].

Аз таҳлили маълумоти овардашуда бармеояд, ки тағйирёбии рақамҳои воқеии истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар давраи таҳлилӣ назаррас мебошанд. Аммо бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар ин соҳа, дар шароити имрӯза, бахусус дар заминаи афзоиши аҳолӣ, ба татбиқи амалии ин чорабиниҳо ҳамоно ба таври саривақтӣ ниёз аст,

чунки меъёрҳои воқеии истеъмоли маҳсулотҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳанӯз ба таври комил қонеъ карда намешавад.

Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар истеҳсоли ғалладона дар вилояти Хатлон дар солҳои 2010-2018 як афзоиши назаррасро таҷриба кардааст, ки аз 30,8% ба 56,6% расида, ба 25,8% афзоиш ёфтааст. Дар айни замон, дар корхонаҳои кишоварзӣ ин нишондиҳанда коҳиш ёфтааст, аз 15,1% то 5,9%, ки 9,2% камтар мебошад. Ҳамчунин, дар хоҷагиҳои хонаводаҳо ҳиссаи истеҳсоли ғалладона аз 54,1% ба 37,5% коҳиш ёфта, 16,6% кам шудааст. Дар соли 2022, ҳиссаи хоҷагиҳои хонаводаҳо дар истеҳсоли ғалладона ба камтар аз 1% расида, бештари истеҳсолотро корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ ба дӯши худ гирифтаанд.

Натиҷаҳои омӯзиш нишон медиҳад, ки мушкили аслии таъминоти озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон, ки боиси норасоии маҳсулоти озуқавории ватанӣ ва пастравии сифат ва миқдорҳои маҳсулот мегардад, камшавии истеҳсоли маҳсулоти озуқавории худӣ мебошад. Ин бозорро дар дохили минтақаи Хатлон ва кишвар ба таври кофӣ бо озуқавории муҳим таъмин наменамояд. Махсусан, сохтори саноати хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ асосан тахти таъсири меъёрҳои табиӣ-иқлимӣ ва ниёзмандиҳои зиёди ғизоӣ қарор дорад.  Дар ин замина, гарчанде ки миқдори калорияи ғизо дар баъзе мавридҳо метавонад талаботи як шахсро барои таъмини энергия қонеъ гардонад, барои ташкили як таркиби комил ва мутавозини ғизоӣ, ки на танҳо калория, балки сафедаҳо, чарбҳо, карбогидратҳо, витамини зарурӣ ва дигар маводи ғизоиро дар бар гирад, ниёз ба маҳсулоти гуногун ва бо сифати баланд, аз қабили сабзавот, мева, гӯшт, моҳӣ, маҳсулоти ширӣ ва дигар маҳсулотҳои ғизоии арзишманд мавҷуд аст. Ташкил ва таъмини чунин таркиб барои нигоҳ доштани саломатӣ ва ҳифзи фаъолиятҳои биологӣ ва физиологӣ дар организми инсон аҳаммияти калидӣ дорад.

Барои калонсолоне, ки қадди баланд доранд ва бо фаъолиятҳои сабуки ҷисмонӣ банд мебошанд, таркиби ҳаррӯзаи маҳсулоти озуқа бояд бо сафеда - 100 грамм, чарб – 80 грамм, карбогидратҳо 350 - 400 грамм дошта бошад, ки мувофиқи пурсиши як узви хонавода дар як шабонарӯз ва се моҳи аввали соли ҳисоботи бо сафедаҳо - 46,8%, чарбҳо - 58,2% ва карбогидратҳо дар доираи меъёри зарурӣ ташкил дода шавад.

Натиҷаҳои бадастомада бо истеҳсоли воқеии ин маҳсулоти хӯрокворӣ дар соли муайяншуда муқоиса карда шуда, муайян гардидааст, ки он то ҷӣ андоза талаботи аҳолиро бо маҳсулотҳои ниёзи аввалаи ғизоӣ қонеъ менамояд (ҷадвали 2.4.).

**Ҷадвали 2.4. - Муқоисаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва талаботи истеъмолӣ дар вилояти Хатлон**

| Намуди маҳсулотҳо | Ҳаҷми истеҳсол дар соли 2022, ҳазор тонн | Муқоисаи талабот бо истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ (маротиба) | Талаботи истеъмолӣ (ҳазор тонн) бо назардошти аҳолии минтақа (3,7 млн.) нафар) |
|---|---|---|---|
| Гандум | 652,6 | 0,66 | 988,0 |
| Гӯшт | 201,3 | 1,33 | 151,0 |
| Шир | 542,9 | 1,27 | 426,6 |
| Тухм (млн. дона) | 122,0 | 0,18 | 666,0 |
| Картошка | 224,5 | 0,9 | 248,6 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 2321,3 | 3,77 | 614,6 |
| Мевагиҳо ва ангур | 363,3 | 0,80 | 459,2 |

**Сарчашма:** [17].

Институти тадқиқотии ғизои корхонаи воҳиди давлатии «Хурокворӣ» эҳтиёҷоти миёнаи шабонарӯзии маҳсулоти хӯрокввориро ба ҳар сари аҳолии кишвар таҳия ва пешниҳод менамояд. Тибқи меъёрҳои пешниҳодшудаи истеъмолӣ барои маҳсулотҳои хӯрокворӣи инфиродӣ эҳтиёҷоти солонаро барои 3,6 миллион нафар аҳолии минтақа барои соли 2023 ҳисоб карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки айни замон меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи озуқаворӣ мавҷуд набуда, аз ҷониби мутахассисон сатҳи ТБО аҳолӣ барои минтақаҳои ҷумҳурӣ ба тарзи гуногун арзёбӣ карда мешавад. Гузашта аз ин, дар шароити иқтисоди бозорӣ вазъи бозори озуқаворни минтақа ва дастрасии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки бо сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва минтақаи дахлдор алоқаманд аст, дар ин ҷода ҷойгоҳи муҳим дорад, чунки ҳаҷми даромад ва фоизҳои фоида, вобаста ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ, имконият медиҳанд, ки ҳар як гурӯҳ маҳсулоти озуқавориро бо миқдор ва номгӯи муайян ва бо нархҳои дастрас харидорӣ намоянд. Аз тарафи дигар, истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ барои истеъмоли худӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, инчунин дар қитъаҳои замин барои рушди боғпарварӣ бояд шароити дастрасии иқтисодии ба озуқаворӣ ва хӯрокворнро таъмин кунад, ки ин барои самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа мусоидат менамояд.

Дар шароити кунунии вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ барои ба эътидол овардани истеҳсолоти кишоварзӣ ва тақвияти дастгирии давлатии он Ҳукумати кишвар чораҳои зарурӣ меандешад. Нархи хариди маҳсулотҳо якчанд маротиба боло рафта, барои хариди нуриҳо, сӯзишворӣ ва таҷҳизот қарзҳои кафолатнок ва имтиёзҳои муайян муқаррар карда шудааст. Корхонаҳои кишоварзӣ бо таҷҳизот, ки тибқи шартномаҳои лизингӣ дастрас карда мешавад, барои рушди зотпарварӣ ва тухмипарварӣ ва иваз намудани чорвои калони шохдор дастгирӣ карда мешавад.

Истеъмоли  миёнасоланаи дар дилхоҳ минтақаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаи  Хатлон даромади хоҷагиҳои хонаводагӣ рабт дорад. Ҳиссаи камтари хароҷотҳои хонаводагиҳо дар ноҳияҳои минтақа ҳангоми  хариди маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ба мисли маҳсулотҳои нонӣ, ки 31,2 %-ро ташкил медиҳад, рост меояд ( ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5. - Ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои хариди маҳсулоти озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо, бо % аз даромади хонавода**

| Минтақаҳо | СОЛҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2022/2017, бо б.ф. |
| Хатлон | 66,6 | 49,3 | 47,5 | 58,5 | 53,6 | -13 |
| Суғд | 55,9 | 43,7 | 45,2 | 56,0 | 52,8 | -3,1 |
| ВМКБ | 84,4 | 63,0 | 62,4 | 59,2 | 43,0 | - 41,4 |
| НТҶ | 65,8 | 67,2 | 67,6 | 63,1 | 46,9 | -18,9 |
| ш. Душанбе | 53,4 | 52,7 | 56,0 | 75,8 | 51,0 | -2,4 |
| Ҷамъ дар ҷумҳурӣ | 63,7 | 58,7 | 60,2 | 61,3 | 49,0 | -14,7 |
| Хонаводаҳое, ки аз 3 ва бештар фарзанд доранд | 64,8 | 51,6 | 55,4 | 61,0 | 58,3 | -6,5 |

**Сарчашма:** [16].

Илова бар ин, истеъмоли маҳсулотҳои озуқаворӣ дар гурӯҳҳои даҳфоизаи нобаробар ва байни ҳамдигар фарқ менамоянд. Агар ба таъмини тавозуни баланси озуқаворӣ диққат диҳем, тайи даҳсолаҳои охир тамоюли тағйирёбии таъминоти умумии содирот, воридот, истеъмолот барои эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулотҳои чорводорӣ мебошад.

Муносибатҳои бозорӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад. Дар шароити камчинии заминҳои кишти кишоварзӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи заминҳои обёришаванда аҳаммияти калон дорад. Вазъият дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки 74% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамоянд ва ба истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ машғул мебошанд, хеле мушкил мебошад. Дар баробари ин, сифати иқтидори мавҷудаи захираҳои табиӣ, бахусус истифодаи захираҳои замину об, инчунин рушди инфрасохтори бозорӣ садди роҳ мегардад.

Пастравии масоҳати заминҳои корами кишоварзӣ ва норасоӣ, баррасии хусусиятҳои минтақавии истеҳсолот дар минтақаи Хатлон, ки дар солҳои 2005-2022 масоҳати заминҳои кишт 50,8 ҳазор гектар кам шуда, зиёда аз 50% -и он ба минтақаи Хатлон рост меояд, ба кам шудани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва зарурати ба роҳ мондани

усулҳои оптималии истеҳсолот, инчунин истифодаи таҷрибаи саноатии кишварҳои хориҷӣ барои беҳтар кардани натиҷаҳо мусоидат мекунад

Қобили қайд аст, ки парвариши зироатҳои сердаромади кишоварзӣ, мутобиқсозии сохтори истифодаи захираҳои замин ва меҳнат, ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар соҳаи кишоварзӣ, муҳим аст, ки дар таҳияи сиёсатҳои дарозмуддат барои минтақаҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳӣ, коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ усулҳои самарабахши илмӣ роҳандозӣ шаванд. Олимони соҳа таъмини бехатарии озуқавориро ба масъалаи муҳофизат аз таъсироти манфии экологии соҳаи кишоварзӣ вобаста медонанд. Аз таҳлили омори мавҷуда бармеояд, ки зиёда аз 200 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда дар ҷумҳурӣ ба эрозия ва шӯрашавӣ дучор гардида, 150 ҳазор гектар заминҳои обӣ бо баландшавии сатҳи оби зеризаминӣ дар ҳолати хатарнок қарор доранд. Ба ҳисоби миёна, талафоти ҳосил дар ин заминҳо ба андозаи 10-25 сентнер маҳсулот мерасад, ки ин ба соҳаи кишоварзии кишвар миллионҳо сомонӣ зарар мерасонад. Дар шароити кунунӣ, роҳандозии чорабиниҳои экологӣ ва мелиоративии заминҳо, ки бо истифода аз таҷрибаҳои илмии хоҷагидорӣ сурат мегиранд, барои беҳсозии вазъи истеҳсолот ва муҳофизат аз хатарҳои экологӣ хеле муҳим мебошанд.

Таҳқиқи зарурияти рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва суботи иқтисодии иҷтимоӣ аз он далолат медиҳад, ки  таъмини ғизо ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, танҳо дар ҳолати амалӣ шудани таҳкими комплексии агросаноатии кишвар, имконияти дастёбӣ ба ин ҳадафҳо муҳайё хоҳад шуд.

Замини корами обёришаванда дар ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ ва афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ нақши калидӣ дошта, барои рушди устувори соҳа ва таъмини бехатарии озуқаворӣ аҳаммияти зиёде дорад.

Коркарди ҳама гуна роҳҳои истифодаи оқилонаи захираҳои замину об тавассути истифодаи усулҳои самарабахши мелиоратсия, азхудкунии заминҳои камҳосили лалмӣ, эрозия ва дигар равандҳои номусоид аз вазъи истифодаи ғайрисамараноки заминҳои обӣ ба вуҷуд омадааст. Бо вуҷуди вазъи душвори экологӣ, заминҳои обӣ ҳоло ҳам дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти комплекси агросаноатӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Истифодаи самараноки захираҳои замин ҳамчун нерӯи табиӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ дар он зуҳур мекунад, ки ҳосилнокӣ дар заминҳои дар заминҳои обӣ аз 1 гектар нисбати заминҳои лалмӣ 5-8 маротиба зиёд мебошад. Тафовути сатҳи ҳосилхезии потенсиалии хок дар минтақаҳои асосии ҷумҳурӣ аз чунин омилҳо вобаста аст, ба монанди таркиби механикии қабати хок, тобовар будани замину об ва эрозия, роккинӣ, туршӣ ва хосиятҳои агрохимиявӣ. Дар ҷадвали 2.6. муаллиф ба мақсади баҳои воқеӣ додан ба истифодаи захираҳои замин-Сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар буриши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Ҷадвали 2.6. - Сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | 2005с. | | 2008с. | | 2015с. | | 2022с. | | 2022/2005с., % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳазор га | % | Ҳазор га | % | Ҳазор га | % | Ҳазор га | % | |
| Хатлон | 447,4 | 49,6 | 450,8 | 50,7 | 426,9 | 50,2 | 426,3 | 49,7 | 95,2 |
| Суғд | 282,2 | 31,3 | 274,4 | 30,8 | 267,8 | 31,5 | 278,6 | 32,5 | 98,7 |
| НТҶ | 157,5 | 17,4 | 151,2 | 17,0 | 142,3 | 16,7 | 141,1 | 16,4 | 89,5 |
| ВМБК | 13,8 | 1,53 | 12,2 | 1,37 | 12,4 | 1,45 | 1,05 | 1,2 | - 8,6 |
| ш. Душанбе | 0,154 | 0,017 | 12,2 | 1,37 | 0,83 | 0,1 | 0,5 | 0,05 | 32,4 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 901,1 | 100,0 | 889,9 | 100,0 | 850,3 | 100,0 | 856,7 | 100,0 | 95,0 |

**Сарчашма:** [23].

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки майдони заминҳои корам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 нисбат ба соли 2005 44,4 ҳазор гектар (5%) кам шуда, беш аз 50% камшавии майдони кишт ба вилояти

Хатлон рост меояд, ки дар давраи 2005-2022 заминҳои обии кишоварзӣ дар минтақа 7,8% (20,7 ҳазор гектар) коҳиш ёфтааст.

Ин камшавии масоҳати заминҳои корам ва заминҳои обии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки истифодаи ғайриасосии захираҳои табиӣ ва нокифояи усулҳои агротехникӣ ба камшавии истеҳсолот ва бехатарии озуқаворӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои барқарор кардани ҳолати мавҷуда ва таъмин кардани устувории соҳа, стратегияҳои муосири идоракунии захираҳо ва беҳтар кардани усулҳои кишоварзӣ амалӣ шаванд.

Дар баробари ин, дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, хусусан ташкилотҳои мелиоративӣ хеле коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии онро пеш аз ҳама, дар минтақаҳои Тоҷикистон ба якбора коҳиш ёфтани дастгирии молиявӣ аз ҳисоби буҷаи давлат барои сохтмон ва таҷдиди низоми мелиоративӣ, нигоҳдорӣ ва таъмири иншоотҳои обёрикунӣ, рушди иқтидорҳои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ асос медонанд.

Дар ояндаи наздик бо мақсади баланд бардоштани самаранокии заминҳои обӣ, барқарор намудани фаъолияти шабакаҳои дохили хоҷагӣ, низоми заминдории инфиродӣ ва муттаҳидшавии ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об зарур мебошад. Таъсиси чунин иттиҳодияҳоро тавассути ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Ассотсиатсияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки таҷҳизотҳои обёрикунӣ самаранокии заминҳои обӣ, масъалаи ҳифзи иншооти обёрикуниро ҳал намуда, корҳои азнавсозӣ ва таъмири онҳоро анҷом диҳад.

Сохтори заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ барои таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ аҳаммияти муҳиме дорад. Дар шароити кишоварзии муосир, яке аз роҳи беҳтар кардани самаранокии истифодаи замин ва зиёд кардани ҳосилнокӣ, кишти зироатҳои дараҷаи даромадноки баланд мебошад. Бо татбиқи усулҳои агротехникии муосир, истифодаи

захираҳои экологӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот, имкон дорад, ки бехатарии озуқаворӣ ва амнияти ғизоӣ таъмин гардад (ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. - Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои Хатлон (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ), ҳазор тонна**

| Зироатҳо | Солҳо | | | | | | | 2022/ 2010, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2022 | |
| Ғалладона | 780,0 | 798,3 | 828,7 | 870,3 | 822,5 | 985,3 | 1032,6 | 132,4 |
| Картошка | 299,6 | 253,3 | 227,0 | 245,4 | 216,5 | 193,1 | 213,8 | 71,3 |
| Сабзавот | 533,8 | 669,5 | 846,0 | 954,3 | 1198,3 | 1470,6 | 1548,0 | 2,9 м |
| Полезиҳо | 409,8 | 368,4 | 422,9 | 463,1 | 512,4 | 589,0 | 645,2 | 157,4 |
| Меваҷот | 95,4 | 116,1 | 135,0 | 158,9 | 188,4 | 209,0 | 216,2 | 2,3м |
| Ангур | 61,0 | 78,1 | 87,3 | 99,9 | 104,5 | 107,4 | 108,4 | 177,1 |
| Хӯроки чорво (дар хоҷагиҳо) | 375,4 | 451,4 | 509,6 | 551,9 | 604,3 | 721,4 | 753,4 | 2,0 м |

**Сарчашма:** [24].

Аз ҷадвали 2.7. бармеояд, ки дар соли 2022 нисбати соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ (ба ғайр аз картошка) дар минтақа тамоюли зиёдшавӣ дорад. Аз ҷумла, истеҳсоли меваю сабзавотҳо ва полезиҳо хеле зиёд гардидаааст. Пастшавии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар заминҳои обӣ дар даҳсолаҳои охир як зериҳамояндаи рушди муназзам ва устувори соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон мебошад. Ин падидаи манфӣ ба чандин омилҳо вобаста аст, ки муҳимтарини онҳо истифодаи ғайриоқилона ва бениҳоят зараровари захираҳои табиӣ, хусусан замин ва об, ифлосшавии муҳити зист ва нокифоягии назарраси инфраструктураи мелиоративӣ мебошанд. Ин омилҳо боиси пастшавии ҳосилнокии зироатҳо ва норасоии маҳсулоти озуқаворӣ дар кишвар гашта, мавҷудияти иншооти куҳна ва истифоданашударо дар низоми обёрӣ боз ҳам равшантар менамояд. Аз ин рӯ, давлат бояд танзими истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла: идораи самараноки заминҳои обӣ, ҳавасмандии иқтисодии даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва комплекси озуқавориро дуруст ба роҳ монад.

Мушкилоти таназзули заминҳои обёришаванда аз омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва фаъолияти мусбии (антропогенӣ)-и одамон сахт вобастагӣ дорад. Ин омилҳо дар якҷоягӣ ба тағйирёбии функсияи ҳосилхезии хок оварда расонида, аҳаммияти табиӣ-иқтисодии онҳоро коҳиш медиҳад. Солҳои охир дар вилояти Хатлон равандҳои таназзулёбӣ яку якбора афзоиш ёфта, зиёда аз 10,3 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба ин равандҳо дучор гардиданд, ки ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ таъсири манфӣ расонидааст. Дар натиҷа фарсудашавии ҷисмонии иншооти гидротехникии минтақа дар 320 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда назаррас буда, онҳо ба коркарди агротехникӣ ва гидротехникӣ ниёз доранд.

Инчунин, бад шудани вазъи инфрасохтори хоҷагии об ва ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда низ ба назар мерасад. Сабаби асосии ин равандҳо дар минтақаи Хатлон дар натиҷаи ботлоқшавии беш аз 6 ҳазор гектар ва 28 ҳазор гектар бо сабаби вайрон кардани обёрӣ аз гардиши кишоварзӣ боз мондаанд.

Дар минтақа бисёр корхонаҳои кишоварзӣ барои татбиқи тадбирҳои ҳифзи муҳити зист мушкилоти молиявӣ дорад. Дар асоси ин муқаррарот ба андешаи мо, бояд механизми маблағгузории буҷети давлатӣ ҷоннок гардад. Таҳлили ҳолати барқарорсозии заминҳои обёришаванда дар минтақа ин пурзӯр намудани тадбирҳои мелиоративӣ ва агротехникӣ ба ҳисоб рафта, барои иҷрои онҳо беш аз 400 миллион сомонӣ маблағгузории асосӣ лозим аст, ки тибқи ҳисобҳои мутахассисон дар зарфи 7 сол самараи худро медиҳад. Дар минтақаҳои вилоят тибқи рақамҳои оморӣ дар натиҷаи баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ тақрибан 2,8 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда ба шӯразанӣ ва эрозия дучор гардидаанд, ки боиси коҳиш ёфтани маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот гардид.

Ҳосилнокии заминҳои обёришавандаро тавассути обёрии заминҳои лалмӣ зиёд кардан мумкин аст. Зироатҳои обӣ, дар навбати худ, имкон медиҳанд, ки ҳосили баландтарин ва кафолатнокии зироатҳои киштшавандаи даромаднокиашон баланд ба даст оварда шавад, ки онҳо нисбат ба заминҳои лалмӣ 3-5 маротиба зиёдтар буда, истифодаи зироатҳои такрорӣ ва истифодаи самараноки онҳо низ таъмин карда мешавад.

Барои самарабахшии кор дар ин самт, таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамчун як шарт муҳим барои устувории давлат ва иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Ин омил ба таҳкими давлати мустақил, дунявӣ ва соҳибистиқлол мусоидат намуда, бехатарии иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кишварро фароҳам меорад. Роҳи ояндаи рушди устувор ва самарабахши комплекси агросаноатии кишвар, маҳз тавассути таъмини озуқавории ватанӣ ва пайгирии стратегияи мудирияти дуруст дар соҳаҳои муҳим ба даст оварда мешавад.

Бе таъмини озуқаи ватанӣ, дигар омилҳое, ки бехатарии миллиро таъмин мекунанд, ба монанди бехатарии иқтисодӣ, экологӣ ва энергетикӣ, ғайриимкон мегарданд. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум дар асоси рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур дар маркази диққати доимии сиёсати давлату ҳукумати кишвар қарор дошта, он бояд дар шакли дарозмуддат ва устувор роҳандозӣ карда шавад. Аз ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ кард, ки сатҳи истеҳсолу афзоиши МУК дар натиҷаи ҷорисозии навгониҳои дар ин соҳа барои ТБО ояндаи минтақаҳои кишвар заминаи мусоид фароҳам месозад. Инноватсияҳои илмӣ ва технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ боиси баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот мегарданд, ки барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди иқтисодиёт аҳаммияти хосса доранд. Ҳамкориҳои илмӣ ва таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи аграрӣ барои беҳтар кардани инфрасохтори кишоварзӣ ва баланд

бардоштани самаранокии истеҳсолот, инчунин барои таъмини рушди устувор ва муназзами минтақаҳо, заминаи мустаҳкамро ба вуҷуд меоранд.

### Хулосаи зербоби 2.1.

Ҳамин тариқ, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ муҳим мебошад, ки он ҳамчун асоси устувори амнияти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии минтақаҳои кишвар ҳисобида мешавад. Ин ҷустуҷӯи усулҳо ва роҳҳои самаранокро барои истифодаи дурусти иқтидори захиравӣ-табиӣ тақозо менамояд, ки муҳимашон инҳо мебошад:

– фароҳам овардани шароити мувофиқ барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба қонеъ кардани талаботи аввалияи аҳолӣ вобаста ба меъёрҳои илмӣ асос ёфтааст, барои таъмин кардани ғизои босифат ва расидан ба сатҳи талаботи аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар зарур аст.

– бад шудани вазъи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа ва истеҳсолу коркарди зироатҳои сердаромад дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва минтақаҳои кишвар бидуни риояи агротехникаи муқарраршуда боиси таназзули захираҳои замину об гардидаст. Ин раванд, боиси афзоиши истеъмоли аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ва экосистемаҳои минтақавӣ гардид, ки маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъонаро барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ тақозо менамояд;

– ҳадафи асосии сиёсати агроозуқаворӣ дар комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ин қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ва дар ин замина таъмин намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ин бо баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ, махсусан заминҳои бо технологияи нав обёришавандаи

кишоварзӣ имконпазир аст, ки барои ин ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва ҷалби заминҳои доманакӯҳ ва кӯҳӣ зарур аст.

– маблағгузории самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ тибқи барномаҳои мақсадноки қабулшудаи давлат бояд дар ҳама сатҳҳои фаъолияти маъмурӣ ва ташкилӣ-хоҷагидорӣ амалӣ гардад. Дар заминаи рушди муносибатҳои бозорӣ барномаҳои буҷети давлатӣ барои ҳавасмандгардонии рушди соҳаи кишоварзӣ, ба итмом расонидани хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин мутобиқшавии онҳо ба шароити бозор ва ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ хеле зарур мебошад.

Хулоса, таҳлили далелҳо ва пешниҳодҳои илмии овардашуда нишон медиҳад, ки барои расидан ба натиҷаҳои мусбат дар соҳаи таъминоти озуқаворӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, амалӣ кардани чорабиниҳои дастаҷамъона ва ҳалли самараноки мушкилот зарур аст. Танҳо дар чунин ҳолат, истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ метавонад рӯ ба афзоиш орад ва бо истифодаи самаранок аз иқтидори захиравии табиӣ ва пешбурди равандҳои кишоварзӣ, бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо таъмин карда мешавад. Мушкилоти асосии ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда дар асоси истифодаи дуруст ва устувор аз захираҳои табиӣ ва захираҳои кишоварзӣ мебошад, ки он таъсири назаррас ба таъмин кардани бехатарии озуқаворӣ хоҳад дошт. Ин масъалаи муҳим дар фаслҳои дигари диссертатсия низ бозгӯӣ ва баррасӣ хоҳанд гашт.

### 2.2. Баҳои нишондиҳандаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатии Хатлон

Дар шароити муосир рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат аз мавҷудияти иқтидори захиравӣ-табиӣ ва беҳдошти вазъи экосистемаҳои минтақавӣ вобастагӣ дошта, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ва баҳои сатҳи

таъмини бехатарии озуқаворӣ, тавассути дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо ҳавасмандгардонии механизми бозорӣ барои таъмини самаранокии маҳсулотҳои озуқаворӣ бо миқдор ва сифати муайян ва ҷавобгӯ ба бозори минтақавии озуқаворӣ ба роҳ монда шудаанд. Талабот ба маҳсулотҳои ниёзи аввал, аз қабили маводҳои хӯрокворӣ, либос, манзил доимо дар мадди аввал буда, қонеъ намудани онҳо аз рушди тиҷорати байналмилалӣ ва минтақавӣ, боэътимод ва устувори минтақаҳои кишвар сахт вобастагӣ дорад. Маҳз таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ моро водор месозад, ки ҳамчун кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ вазъи бозори озуқавориро ба танзим даровварда, ҳамзамон талаботи харидории маҳсулоти озуқавориро дастгирӣ намуда ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ шароитҳои хубтару беҳтар муҳаё созем.

Воқеан, раванди таҳлил ва арзёбӣ танҳо як қадам дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ аст ва барои расидан ба ин ҳадаф, мақомотҳои маҳаллӣ дар минтақаҳо бояд тадбирҳои амалии бештар андешанд. Бояд гуфт, ки иҷрои сиёсати аграрӣ ва таъмини маҳсулотҳои ватанӣ барои қонеъ кардани талаботи аҳолӣ дар шароити кунунӣ талаб мекунад, ки ба тамоми минтақаҳо ва сатҳҳои истеҳсолот таваҷҷуҳ зоҳир шавад, то ки самаранокӣ ва суботи бозорҳои озуқаворӣ таъмин гардад. Ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори минтақа ва таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ бидуни арзёбии вазъи кунунии бозори озуқавории минтақавӣ ғайриимкон мебошад.

**Ҷадвали 2.8.-Дурнамои афзоиши шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | Шумораи аҳолӣ, млн. нафар | | | Аҳолии деҳот, |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла: | | |
| | | Шаҳрҳо | Деҳот | |
| 1991 | 5505,6 | 1695,7 | 3809,9 | 69,2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | *Идомаи ҷадвали 2.8* |
| 2000 | 6264,6 | 1666,4 | 4598,2 | 73,4 |
| 2010 | 7621,2 | 2019,6 | 5601,6 | 73,5 |
| 2022 | 10078,4 | 2902,6 | 7175,8 | 71,2 |
| 2030 | 10386 | 2831,4 | 7974,8 | 76,8 |
| 2040 | 12255,5 | 3341,1 | 9410,3 | 76,8 |
| 2050 | 14461,5 | 3942,4 | 11104,2 | 76,8 |

**Сарчашма:** [25].

Махсусан, дар шароити камзаминии минтақаҳои кишвар ва афзоиши аҳолӣ ин масъала хеле ҷиддӣ мебошад. Дар ҷадвали 2.8. афзоиши шумораи аҳолӣ ва ояндабинии талабот бо маҳсулотҳои озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда мешавад.

Айни ҳол, яке аз омилҳои таҳдид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат ин дараҷаи истеҳсоли ғалладонагиҳо ва воридоти гандуму орд аз хориҷи кишвар мебошад, ки дар ҷадвали 2.9. маълумотҳо оид ба динамикаи ҳаҷми умумии истеҳсол ва истеъмоли гандум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.9. - Тағйирёбии ҳаҷми нишондиҳандаҳои истеҳсолу истеъмоли гандум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2022/ 2008, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | 2014 | 2016 | 2018 | 2022 | |
| Ҷамъоварии умумии ҳосили гандум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. тонн. | 590,9 | 812,5 | 947,3 | 868,4 | 836,9 | 141,6 |
| Воридоти гандум, ҳаз. тонн. | 475 | 757,7 | 640,2 | 774,9 | 779,0 | 164,0 |
| Воридоти орд, ҳаз. тонн. | 248,7 | 360,3 | 243,9 | 194,2 | 229,6 | 92,3 |
| Аз ҷумла дар шакли гандум, ҳаз. тонн, (п.3х1,25) | 311 | 450,3 | 304,9 | 242,7 | 273,3 | 87,8 |
| Ҳамагӣ истеъмолот, ҳаз. тонна (Σп.(1,2,4)) | 1377 | 2020,5 | 1892,4 | 1886,0 | 1896,2 | 137,7 |
| Воридоти гандум, млн. долл. ИМА | 54,2 | 187,1 | 208,4 | 231,4 | 241,3 | 4,4 мар. |
| Воридоти орд, млн. долл. ИМА | 46,1 | 134,8 | 106,6 | 80,6 | 94,5 | 2,0 мар. |
| Воридот ҳамагӣ, млн. долл. ИМА | 100,3 | 321,9 | 315 | 312 | 316,0 | 3,1 мар. |
| Нархи гандуми воридотӣ, долл. тонн. | 114 | 246,5 | 326,4 | 298,6 | 314,4 | 2,7 мар. |
| Нархи орди воридотӣ, долл. тонна | 185,4 | 374,1 | 437,0 | 410,0 | 424,0 | 2,3 мар. |
| Ҳиссаи истеҳсолоти ватанӣ дар ҳаҷми умумии истеъмолот, %, | 42,9 | 40,2 | 50,1 | 46,0 | 49,1 | +6,2 |

**Сарчашма:** [20, 26].

Дар асоси маълумоти овардашуда, метавон хулосагирӣ кард, ки гарчанде ки истеҳсоли гандум дар Тоҷикистон байни солҳои 2008 ва 2022 афзоиш ёфтааст (аз 590,9 ҳазор тонна то 836,9 ҳазор тонна), ҳиссаи он дар сохтори истеъмолӣ тағйир наёфтааст. Инчунин, воридоти гандум дар ин давра 4,4 маротиба афзоиш ёфта, аз 475 ҳазор тонна ба 774,9 ҳазор тонна расидааст. Ҳамзамон, истеъмоли гандум дар кишвар 1,3 маротиба афзудааст. Тағйироти мазкур пеш аз ҳама бо афзоиши аҳолӣ ва талабот ба маҳсулоти ордӣ ба вуҷуд омада, нишон медиҳад, ки ба эҳтиёҷоти иловагӣ дар таъмини озуқаворӣ ва зиёд шудани талабот ба гандум ҷавобгӯ набудани истеҳсолот сабаб шудааст.

Аз ин рӯ, барои фаҳмидани сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ, фарқияти даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи сатҳи зиндагӣ муҳим буда, бо назардошти ҳудуди қобили қабул, ҳолатҳои имконпазир барои табақаҳои аҳолӣ бо таъмини ғизо ҳисоб карда мешавад.

Самти муҳимми таъминоти минтақавии озуқаворӣ барои аҳолӣ механизми кунунии ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва иқтисодӣ-экологӣ мебошад. Ин чораҳои ёрмандиҳои давлатӣ, амнияти маҳсулоти хӯроквории фурӯхташуда, ташкили намудҳои гуногуни ташаккулёфтаи хамгиройӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, чораҳои кафолати иҷтимоии бехатарии озуқаворӣ барои гурӯҳҳои аҳолии дорои даромади паст ва ғайра мебошад.

Дар шароити кунунӣ ҳар як минтақаи кишвар бояд барномаи рушди соҳаҳои комплекси агросаноатии худро таҳия ва тарҳрезӣ намуда барои пурра таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ва коркарди ашёи хоми саноатӣ тавассути сафарбар кардани иқтидори истеҳсолоти ватанӣ ва афзалиятҳои тақсимоти минтақавии меҳнат дар комплекси агросаноатӣ чораандешӣ намоянд.

Барои як қатор минтақаҳо тағйирёбии ҳаҷм ва сохтори аҳолӣ дар давоми сол муҳим буда, бо ҷалби коргарони мавсимӣ ба кор ва истироҳат рафтани як қисми аҳолӣ омухта мешавад. Роҳандозии сиёсати

оқилонаи озуқаворӣ, ки бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудааст, бояд фарогири як қатор омилҳои мураккаб ва муҳим бошад. Ин раванд, инчунин, ба таҳияи механизмҳои самараноки дастгирии истеҳсолкунандагон ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоии барои аҳолӣ низ дарозмуддат кумак мерасонад. Истифодаи стратегияи дуруст ва амалии аграрӣ метавонад барои беҳтар кардани таъминоти озуқаворӣ ва рушди иқтисодиёт дар минтақаҳо боиси таъсири мусбат гардад. Аз ин рӯ, якҷоя бо дигар тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии маҳаллӣ, сиёсати озуқаворӣ метавонад барои таъмини устувории амнияти ғизоӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат кунад.

Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар як марҳалаи рушди табиӣ ва инсонӣ, ки барои хӯрокворӣ зарур аст, вобаста аст. Воридоти озуқаворӣ, ҳамчун омили муҳим дар таъмини озуқаворӣ, ки дар татбиқи сиёсат бояд аҳаммияти махсус барои таъмини мутаносиб ва самараноки захираҳои ватанӣ ва воридоти озуқаворӣ дошта бошад.

Арзёбии саҳеҳи сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ талаб мекунад, ки як қатор нишондиҳандаҳои муҳим, аз қабили хусусиятҳои биологӣ ва хосиятҳои химиявии маҳсулоти озуқаворӣ, миқдори истеъмоли маводи ғизоии асосӣ, хароҷоти озуқаворӣ дар байни гурӯҳҳои аҳолӣ, сатҳи ғизоии мавод ва вазъи маҳсулоти воридотӣ ба назар гирифта шаванд.




**Расми 2.2. - Мақоми бозори озуқаворӣ дар таъмини бехатарии озуқавории минтақаҳои кишвар**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз ин рӯ, баҳодиҳии самаранокии таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд таҳлили муфассали соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишварро бо истифодаи нишондиҳандаҳои махсус арзёбӣ намояд.Тавсифоти воқеии сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа бо роҳи муфассал омӯхтани вазъи бозори озуқавории кишвар ба даст овардан мумкин аст, ки нақши он дар таъмини маҳсулотҳои озуқаворӣ хеле назаррас буда, ба таври нақшавӣ чунин тасвир карда мешавад (Расми 2.2.).

Дар адабиёти иқтисодӣ нишондиҳандаҳои гуногун барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мавҷуданд, ки ба онҳо чунин ченакҳо дохил мешаванд: сатҳи истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, индикаторҳои худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ, нархи истеъмоли маҳсулотҳои асосӣ ва шиддати камбуди дастрасии озуқаворӣ барои гурӯҳҳои камбизоат. Яке аз марҳалаҳои муҳиими бехатарии озуқаворӣ ин коэфитсенти муҳофизатии номиналӣ аст, ки нархи дохилӣ ва нархи маҳсулотҳои кишоварзиро бо эътибори субсидияҳо ба нархҳои ҷаҳонӣ муқоиса мекунад. Дар манбаъҳои баъзе, нишондиҳандаҳое, ки бехатарии озуқавории аҳолиро ишора мекунанд, шомили дастрасии иқтисодӣ, паст шудани сатҳи истеъмоли маводи ғизо дар кӯдакони то панҷсола, беҳбуди ҳолати муҳофизатии модарон ва дастрасии аҳолии деҳот ба оби тозаи нӯшокӣ безарар ва дигар омилҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, барои баҳогузории сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ нишондиҳандаҳои гуногун истифода мешаванд, ки баъзе аз онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Вазъи биологии озуқаворӣ нишондиҳандаи муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, барои тарзи солими зиндагӣ ва саломатии ҳар нафар аҳолӣ, истеъмоли озуқавории тавозунӣ ва пурра зарур аст [88, С.14-18].

Ҳамчунин, омилҳои иқлимӣ ва экологӣ, ки на танҳо ба истеҳсолот, балки ба сифати маҳсулот низ таъсир мерасонанд, бояд ба таври махсус омӯзиш шаванд. Барои ин, мониторинги устувор ва дақиқи истеҳсолоти кишоварзӣ ва захираҳои аграрӣ, ки дар истеҳсоли озуқаворӣ нақши

муҳим доранд, зарур аст. Ба ғайр аз ин, таҳлили таъсири тағйироти иқлим ва аз ҳар як минтақа ба дигар интиқоли маҳсулот, ки ба паст кардани хатарҳои экологӣ ва беҳтар кардани сифати озуқаворӣ кумак мекунад, барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар хеле муҳим аст.

Талабот ба моддаҳои асосии ғизоӣ, ки барои мубодила, афзоиш ва рушди организми инсон зарур аст, дар маҳсулотҳои гуногуни озуқаворӣ ҳамчун як нишондиҳандаи муҳим барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Дар таҳлили маводҳои ниёзи аввала, маълум мешавад, ки маҳсулотҳои зарурӣ ва ивазнашаванда, ба монанди шир, гӯшт, картошка, лубиёдонагӣ, равған ва қанд, то 90% калориянокии озуқавориро таъмин мекунанд.

Сатҳи калориянокии озуқаворӣ барои таъмин кардани фаъолияти инсон нақши муҳим дорад, зеро миқдори муайяни энергияро сарф мекунад, ки он аз ғизо гирифта мешавад. Ҳамин тариқ, ҳаётгузаронии инсон, ки қобилияти иҷрои фаъолияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мебошад, бо истеъмоли 1000 килокалория дар як шабонарӯз ба таври назаррас давомнокии умрро коҳиш медиҳад, ки ин як нишондиҳандаи муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад.

Ҳамзамон, миқдори захираи ғаллаи гузаранда дар муқоиса бо истеъмоли солонаи он, ки аз ҷониби ФАО ҳамчун нишондиҳандаи муҳими бехатарии озуқаворӣ шомил аст. Ба ҳамин муносибат, ФАО дар солҳои охир усули наве таҳия кардааст, ки муносибатҳоро барои беҳтар кардани бехатарии озуқаворӣ ва миқдори захираи ғалларо дар бар мегирад. Дар адабиёти соҳавӣ ҳаҷми захираи ғаллаи гузарандаро, ки барои нигоҳдорӣ то ҳосили соли оянда боқӣ мемонад ва сатҳи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолиро ҳамчун нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ қайд мекунанд. Ин нишондиҳандаҳо нақши устувории вазъи озуқаворӣ дар минтақаҳо ва кафолати таъмини аҳолӣ дар ҳолати ҳодисаҳои ғайричашмдошт, ба монанди боду ҳавои номусоид, хушксолӣ, ҷанг ва ғайраҳоро бозгӯӣ менамоянд.

Дар даврони муосир, бо рушди босуръати технологиҳои нав ва равандҳои инноватсионӣ, таҳаввулоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақаҳо ва кишварҳо ба маънои амиқ тағйир меёбад. Аз як тараф, истифодаи технологияи муосир дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ба устувории рушди иқтисодӣ, беҳтаршавии сифати зиндагӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, чунин тағйирот бояд бо муносибатҳои идоракунӣ ва ташкилӣ дар комплексҳои агроозуқаворӣ мутобиқат кунад.

Мутахассисон дараҷаи худтаъминкунии аҳолиро бо маводи озуқаворӣ аз 60% камтар баҳогузорӣ намуда, ин ҳолатро дар вазъи инқирозӣ қарор доштани ТБО низ арзёбӣ мекунанд [31, С.35]. Коршиносон дараҷаи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзии кишварро аз 50% камтар арзёбӣ мекунанд.

Бар асоси таҳлилҳои анҷомдода, муҳаққиқон ва мутахассисон ба дастомадҳо ва нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ дар кишвар эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Ин нишона ба таври аниқ нишон медиҳад, ки кишвар бояд барои расидан ба худтаъминкунии комил бо маводи озуқаворӣ тадбирҳои ҷиддитар ва стратегияҳои устуворро амалӣ созад.

Ҳарчанд ки бо истифода аз усулҳои мавҷуда ва таҷҳизоти технологӣ баъзе натиҷаҳои мусбат ба даст омада бошад ҳам, барои беҳтар намудани боздеҳии соҳа, заминаи асосӣ дар баланд бардоштани сатҳи механизатсия аст.

Агар ин ду ҷанбаи муҳимми иқтисоди кишоварзӣ: худтаъминкунии маводи озуқаворӣ ва сатҳи механизатсия ба таври мушаххас ва мукаммал қарор гирад, метавон боварӣ дошт, ки кишвар дар оянда метавонад ба ҳолати мустақил ва устувор дар соҳаи кишоварзӣ расад. Аз ин рӯ, тадбирҳои навини сиёсати давлат ва сармоягузориҳо дар ин соҳа ҳамчун муҳимтарин омилҳои муваффақият ба ҳисоб мераванд.

Инноватсия ва татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот ва таҷҳизоти механикӣ метавонад натиҷаҳои мусбат дар беҳтар кардани

бакордарории фондҳоро таъмин кунад ва ба рушди устувори соҳа мусоидат намояд.

Пастшавии нишондиҳандаҳои бакордарории фондҳои кишоварзӣ на танҳо як масъалаи иқтисодӣ, балки як усули нав дар соҳаи аграрӣ мебошад. Барои ҳамоҳанг кардани рушди инноватсионӣ ва беҳтар кардани истифодаи фондҳои асосӣ, зарур аст, ки ба сармоягузории хуб дар таъминоти технологӣ ва таълимии мутахассисон диққат диҳем.

Таҳқиқотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки бакордарории ФА дар бахши аграрӣ  дар ҳаҷми умумии ФА бакордаровардашуда дар иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2010 – 2022 мутаносибан чунин мебошанд: 1,03%, 0,42%, 0,33%, 0,1%, 0,2% . Дар солҳои 2018-2020 ин нишондиҳанда мувофиқан ба солҳои пешин 0,6 % ва 1,3%-ро ташкил додааст [25, С.123-129].

Дар чунин шароит моро водор месазад, ки базудӣ чораҳо андешем, зеро воқеан, чунин ҳолат нишон медиҳад, ки дар солҳои таҳлилшаванда иқтидорҳои истеҳсолии кишоварзӣ, ба монанди фермаҳои чорводорӣ, иншоотҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, анборҳои замонавии нигоҳдории маҳсулот ва дигар биноҳои истеҳсолӣ, бо истифодаи камтар ба кор дароварда шудаанд. Ин вазъият, аваллан, ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар 3-5 соли оянда таъсири манфӣ мерасонад.

Дар таҳқиқоти илмии худ иқтисодчии ватанӣ Намозализода Ш.Н. дар бобати афзоиш ва дурнамои ҳаҷми истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон менависад: «…Бо назардошти афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии коркардшуда дар солҳои қаблӣ, дурнамои рушдиояндаи он таҳия гардида, муайян карда шуд, ки афзоиши он дар вилояти Хатлон аз 2859537,2 ҳазор сомонии соли 2020 ба 3241293 ҳазор сомонӣ ё ба миқдори 10,5% то соли 2025 мерасад. Ҳамзамон, дар назар аст, ки афзоиши ин нишондиҳанда то соли 2030 ба миқдори 25,3% баробар мегардад. Дар баробари ин, таҳлилҳо собит сохтанд, ки дурнамои ҳаҷми коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар

минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон аз 1283823 ҳазор сомонии соли 2020 ба миқдори 1526703 ҳазор сомонӣ ё 14,8% то соли 2025 ва ба миқдори 1815532 ҳазор сомонӣ ё ба андозаи 36,5% то соли 2030 афзоиши он дар назар аст. Аз рӯйи нақшаи дурнамо, метавон қайд намуд, ки суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи мавриди таҳлил қароргирифта бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёд гардидани талабот ба маводи озуқаворӣ аз ин ҳам суръати бештарро талаб менамояд. Дар натиҷа, зарур мегардад, ки бо истифода аз роҳу усулҳои мушаххас механизми баланд бардоштани суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзиро такмил дода, ҳамасола онро боло бардорем.» [132, С.-102].

Дар раванди босуботи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, дастгирии давлатии комплекси агроозуқаворӣ як масъалаи ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир, ҳаҷми дастгирии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ба таври назаррас кам шудааст. Масалан, дар солҳои 2011-2014 ҳаҷми маблағгузориҳои кишоварзӣ аз ҳисоби буҷа мутаносибан 1,0%, 0,7%, 0,6% ва 0,3% ҳаҷми МУД-ро ташкил додааст. Дар солҳои 2015, 2018 ва 2022 ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 0,3%, 0,2% ва 0,2%-ро ташкил додаанд. Ба муносибатҳои нав ва усулҳои муосири дастгирии давлатӣ ва молиякунонӣ талаб мекунад ва барои рушди ин самти ҳаётан муҳим ба ворид кардани стратегияи мукаммал ва самаранок ниёз дорад. Дар шароити нави иқтисодӣ, ки ба тезутундии тағйирот ва инноватсияҳо роҳ медиҳад, давлат бояд механизмҳои дастгирии инноватсионҳоро рушд дода, ба хоҷагиҳои аграрӣ имконияти воридоти технологиҳои муосир ва таҷҳизоти навро фароҳам созад. Молиякунонӣ дар ин соҳа на танҳо ба ташкили шароити иқтисодӣ, балки ба таҳияи механизмҳои дастгирии ҳуқуқӣ ва молиявӣ барои таъминоти беҳтари истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишоварзии кишвар равона карда шавад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба стратегияҳои иқтисодӣ, ки дар онҳо усулҳои муосир ва асосноки молиякунонӣ дарҷ шудаанд, диққати махсус бояд дод. Ин стратегияҳо бояд якҷоя бо таҳияи сиёсатҳои амалӣ, ки барои фароҳам овардани шароити иқтидорӣ ва фанноварӣ барои истеҳсолоти агросаноатӣ равона шудаанд, татбиқ гарданд. Ҳамзамон, амалисозии ин сиёсати нав ба баланд бардоштани сифат ва иқтидори рақобатпазирии истеҳсолот мусоидат намуда, метавонад манбаъи аслии суботи иқтисодии кишвар гардад.

Масъалаи арзёбии самаранокии тадбирҳои сиёсати агроозуқаворӣ дар ин маврид аҳаммияти асосӣ дошта, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо дуруст муайян шаванд. Ин навъи баҳодиҳӣ инчунин ба назорат кардани истифодаи маблағгузориҳои буҷетӣ ва мутобиқати онҳо бо талаботи СҶТ кӯмак мекунад.

Барои танзим кардани равандҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ, зарур аст, ки роҳҳои самараноки назорат ва баҳодиҳӣ барои ҷамъоварии маълумот ва таҳлилҳои амиқ таъсис ёбанд.

Арзёбии самаранокии сиёсати агроозуқаворӣ дар асоси принсипҳои зерин татбиқ карда мешавад:

– принсипи таҳлили низомҳо ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии сиёсати иқтисодии давлат дар танзими соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ;

– принсипи таҳлили ҳамаҷониба ва баҳодиҳии самаранокии сиёсати аграрӣ;

– принсипи муносибати сохторӣ-функсионалӣ ба таҳлили сиёсати кишоварзӣ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ.

Дар асоси принсипҳои дар боло зикргардида, ҷанбаҳои асосии арзёбии вазъи кунунии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо метавонанд ба 3 гурӯҳи асосии нишондиҳандаҳо ҷудо шаванд:

нишондиҳандаҳои мавҷудияти маҳсулот ё мавҷудияти воқеии озуқа, ки таъминоти озуқаворӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои истеъмоли шахсӣ, воридот ва содироти озуқаворӣ, тавозуни савдои кишоварзӣ ва коэффитсиентҳои худтаъминкунӣро дар бар мегиранд; нишондиҳандаҳое, ки дастрасии ғизоро барои шаҳрвандони алоҳида ва хонаводаҳо тавсиф мекунанд, ки даромадҳо, тақсими онҳо аз рӯйи табақаҳои аҳолӣ, якрангии тақсимотро фаро мегиранд.

Барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар, истеҳсоли маҳсулоти озуқаврии ватанӣ нақши муҳим мебозад. Лекин, таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли баъзе маҳсулоти кишоварзӣ талаботи аҳолии вилояти Хатлонро бо маводи озуқаворӣ пурра таъмин карда наметавонад. Ба ҳамин хотир, барои арзёбии сатҳи худтаъминкунӣ дар минтақа, мо аз коэффитсиенти худтаъминкунӣ (Ks) истифода мебарем, ки нишон медиҳад, то чӣ андоза минтақа метавонад талаботи аҳолиро ба намудҳои гуногуни маҳсулоти хӯрокворӣ тавассути истеҳсоли ватанӣ қонеъ кунад. Формулаи коэффитсиенти худтаъминкунӣ (Ks) чунин аст:

$$K_r = \frac{q}{n*qp} \qquad (2.1)$$

Ҳангоми ҳисоб кардани ин нишондиҳанда, маълумот дар бораи ҳаҷми воқеии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа барои давраи ҳисоботӣ (q) ва инчунин маълумот дар бораи шумораи аҳолии минтақа (n) зарур мебошад. Ғайр аз ин, меъёрҳои муқарраршудаи истеъмолӣ барои минтақаи муайян (qp) низ барои анҷом додани ҳисобот зарур аст.

Илова бар ин, дараҷаи худтаъминкунии аҳолӣ дар минтақа бо маводи озуқаврии худӣ қариб 60%-ро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.10.).

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали 2.10. дидан мумкин аст, ки меъёру нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ дар минтақа ба сатҳи худтаъминкунӣ ҷавобгӯ намебошанд. Илова бар ин, бисёре аз

маҳсулоти озуқаворӣ ба талаботу меъёри физиологӣ низ ҷавобгӯ нест. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои рушди интенсивии истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ ва истифодаи дурусти технологияи парвариш, ки имкон медиҳад, сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ дар минтақа муътадил гардад, ба роҳ мондани чунин амалҳо як аз омилҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи мазкур ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.10. - Худтаъминкунии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар минтақаи Хатлон, соли 2022**

| Номгуйи маҳсулот | Меъёри мавҷуда, кг | Талабот аз рӯйи меъёр, ҳаз. тонна | Истеҳсол дар минтақа, ҳаз. тонна | Худтаъминкунии маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа, % |
|---|---|---|---|---|
| Гандум | 147,7 | 533,4 | 581,3 | 109,0 |
| Картошка | 92,0 | 332,2 | 224,5 | 67,6 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 166,1 | 599,8 | 2321,6 | 3,9 маротиба |
| Мевагиҳо | 124,1 | 448,1 | 363,3 | 81,1 |
| Гӯшт | 40,8 | 147,3 | 201,3 | 136,6 |
| Шир | 115, 8 | 416,4 | 542,9 | 130,4 |
| Тухм, млн донна | 165, 0 | 562,4 | 219,2 | 187,7 |

**Сарчашма:** [27].

Барои таҳлили сатҳи истиқлолияти озуқавории минтақа, бояд сатҳи воқеии истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзии минтақаро бо миқдори зарурии озуқаворӣ, ки мутобиқи меъёрҳои оқилонаи истеъмоли хӯрок ҳисоб карда мешавад, муқоиса намуд. Ин муқоиса ба муайян кардани нуқтаҳои қавӣ ва заъфи системаи таъмини озуқаворӣ ва истиқлолияти он кумак мекунад.

Ҳисоби коэффитсиенти худтаъминкунӣ (Кс) барои ҳар як намуди маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба миқдори аҳолӣ дар минтақа дастрас аст, дар асоси шароити табиӣ-иқлимии он бояд амалӣ гардад. Ин раванд имкон медиҳад, ки самаранокии истеҳсолот ва масъулият барои таъмини эҳтиёҷоти озуқаворӣ дар шароити мавҷуд муайян карда шавад, ки барои рушди минбаъдаи соҳаи аграрӣ ва баланд бардоштани устувории иқтисодӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар натиҷа, Kc метавонад арзишҳои гуногунро қабул кунад: агар Kc > 0,5 бошад, ин паст ҳисоб шуда, он нишондиҳандаи он аст, ки минтақа талаботи озуқавориро ба таври нокифо таъмин мекунад; агар 0,5 < Kc < 0,9 бошад, қобили қабул аст ва он нишон медиҳад, ки худтаъминкунӣ дар сатҳи миёна қарор дорад; ва агар 0,9 < Kc ≤ 1 бошад, дараҷаи оптималӣ ҳисоб мешавад ва он нишон медиҳад, ки минтақа бо маводҳои ғизоӣ пурра ва самаранок таъмин аст.

Барои арзёбии қонеъгардонии талаботи физиологии аҳолӣ ба хӯрок, коэффитсиенти истеъмоли воқеии хӯрокворӣ (Kfp) истифода мешавад, ки сатҳи воқеии истеъмол (qfact) дар муқоиса бо меъёрҳои оқилонаи истеъмол (qnorm) нишон медиҳад:

Kfp метавонад арзишҳои зеринро қабул кунад:

Kfp > 0,5– паст

0,5 < Kfp ≤ 0,95 – қобили қабул

0,95 < Kfp = 1 – оптималӣ.

Барои арзёбии дастрасии иқтисодии ғизо, нишондиҳандаҳои камбизоатӣ (Kf), истеъмол (Kp) ва коэффисиенти Ҷинӣ (KJ) истифода мешаванд. Маълумот аз омори давлатӣ ва минтақавӣ барои ҳисоб кардани ҳар як нишондиҳанда дар асоси иқтидори истеҳсолии минтақа истифода мегардад. Коэффисиенти Ҷинӣ барои баҳодиҳии сатҳи бехатарии озуқаворӣ бо фарқияти хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо, ки даромадҳои гуногун доранд, вобаста аст.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ, афзоиши ҳосилнокӣ танҳо як ҷузъ ба ҳисоб рафта, бояд сохтори майдонҳои кишт низ аз нав ташкил карда шавад. Раванди мураккаби системаи иқтисодӣ моро водор месозад, ки ба муттаҳҳидсозии сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ диққат диҳем. Муқоиса кардани сатҳи дурусти дастовардҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ вобастагӣ ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дорад ва ангур

16,7% буд. Дар оянда, эҳтимолан, ин нишондиҳандаҳо афзоиш хоҳанд ёфт. Илова бар ин, такмили сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ низ як омили муҳими рушди соҳа хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, рушди соҳаи кишоварзӣ дар оянда дар якҷоягӣ бо омилҳои такмили иқтидори истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бахусус заминҳои кишти кишоварзӣ равона гардида, он дар навбати худ 1,5 баробар афзоиш ёфтани ҳосилнокии меҳнатро тақозо менамояд. Иқтидори истеҳсолӣ аз рӯйи ченакҳои миқдорӣ ва сифатӣ бояд барои ташкили истеҳсолот дар заминаи технологияҳои пешқадами парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ҳангоми сарфаи захираҳои иқтисодӣ ва истифодаи техника ва технологияи нав, энергия ва ташкили дурусти фаъолияти хоҷагидорӣ ба даст оварда мешавад.

Дигаргуниҳои сохторӣ дар комплекси агросаноатӣ бояд дар марҳалаи дарозмуддат самаранокии рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишварро таъмин кунанд. Ин раванд заминаи коркарди ашёи хоми саноатиро ба сатҳи лозима мерасонад ва ба тағйироти мусбӣ дар муносибатҳои заминдорӣ, шаклҳои моликият ва соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат мекунад, ки боиси инқилобҳои куллӣ дар соҳаи аграрӣ мегардад. Ин ҷо, мо ба нуқтаи назари Тағоев Ҷ.Ҳ. ва Намозализода Ш.Н. мувофиқ ҳастем, ки менависанд: «…Гарчанде миқдори ками сармоягузориҳо дар соҳаи саноати коркарди минтақа истифода шуда бошад ҳам, вале он ба инфрасохтори зарурӣ равона гардидааст. Зеро онҳо низ дар таъмини ашёи хом, логистики мол ва таъсиси корхонаҳои нав мусоидат менамоянд. Аммо дар баробари ин ноҳияҳо дигар шаҳру ноҳияҳое ҳастанд, ки имконияти ташкили васеи корхонаҳои истеҳсолиро дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дошта ба сармоягӯзорӣ ниёз доранд, ки масъалаи мазкур ҳалталаб мебошад. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи соҳибкорони ватанӣ ба соҳаи саноат ва коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ назаррас буда, аз ҷониби онҳо корхонаҳо дар ҳар

як шаҳру ноҳияи тобеи минтақаи Кӯлоб бунёд гардида истодааст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар дастгирӣ мееёбанд.» [132, С.99-108].

Дар ин замина вазъи бозори озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворecho аҳолӣ дар минтақаи Хатлон бозгӯӣ хоҳад шуд. Тамоюлҳо ва мушкилоти рушди бозори озуқаворӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки вазъи кунунии комплекси агросаноатии минтақа тибқи таҳлилҳо тамоюли пастравиро касб намуда, он ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқавории минтақа ва сатҳи зиндагии мардум низ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳисобу китобҳо нишон медиҳанд, ки дар миқёси минтақавӣ коҳишёбии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии физиологии он низ на он қадар хуб буда, танзими фаъоли давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва бозори озуқавориро тақозо менамояд.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои дараҷаи пасти камбизоатӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, тамоюли афзоиши қарзҳо ва нигоҳ доштани шумораи зиёди корхонаҳои зараровар, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ, ки тӯли солҳои истиқлолияти кишвар ба назар меравад, тамоюли пастрвавӣ дошта, қобилияти корхонаҳоро барои саривақт пардохт кардани уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат бо истифода аз сармояи мавҷуда, ки он тавассути динамикаи коэффитсиенти фарогирӣ ҳисоб мегардад. Барқарор кардани равандҳои молиявӣ ва муассисаҳои дастгирии қарзӣ барои ин минтақа муҳим аст. Ҳамзамон, рушди соҳаҳои аграрӣ ва саноатӣ бояд бо истифода аз усулҳои муосир ва сиёсати иқтисодӣ мусоидат кунад. Бо такя ба потенсиали табиӣ ва иҷтимоии минтақа, метавон сатҳи зиндагии аҳолиро ба таври назаррас беҳтар кард.

Барои беҳтар кардани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ ба меъёрҳои илмӣ асоснок афзоиш ёбад. Ин раванд талаб мекунад, ки

таҷдиди техникии комплекси агросаноатӣ ва такмили корхонаҳои саноатӣ амалӣ шаванд. Ҳамзамон, бояд инфрасохтори бозорӣ ва иқтидори нави коркарди саноатӣ бунёд карда шуда, дигаргуниҳои сохторӣ дар тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ таъмин гарданд.

### Хулосаи зербоби 2.2.

Дар асоси таҳлил ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ метавон хулосагирӣ кард, ки бе татбиқи амалии сиёсати агроозуқаворӣ самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа ғайриимкон мебошад, ки натиҷаҳои асосии таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ин равандҳоро дар минтақа чунин арзёбӣ менамоем: а) минтақаи Хатлон ҳамчун минтақаи худтаъминкунии маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ, ба мисли: сабзавотҳо, зироатҳои ғалладона ва полезӣ ба ҳисоб рафта, истеҳсоли картошка ва ғалладонагиҳо дар ноҳияҳои минтақа тамоюли зиёдшавӣ дорад; б) коҳиш ёфтани сатҳи пасти худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ширӣ низ ба назар расида, аҳолии минтақаро пурра таъмин накарда, истеҳсоли он тақрибан ду баробар ва гӯшт се баробар зиёд мебошад, ки он бояд дар оянда ба назар гирифта шавад; в) ҳавасмандгардонии молиявӣ-иқтисодии субъектҳои кишоварзиро риоя намуда, чорабиниҳоро дуруст ба роҳ монда, нисбати корхонаҳое, ки ба экосистемаҳои минтақавӣ зарар мерасонанд ҷаримаҳо ҷорӣ намудан лозим аст; г) маҳсулотҳои озуқаворӣ ва саноатӣ, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тадбирҳои ҳифзи муҳити зистро риоя менамоянд, ташвиқу тарғиб намудан зарур аст.

### Хулосаи боби 2:

Таъмини рушди босуботи комплекси агросаноатӣ ҳамчун кафили таъмини бехатарии озуқаворӣ ва суботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ кишвар баромад намуда фарогири чунин масъалаҳои муҳим мебошад:

– муайян намудани сабабҳои асосии паст гардидани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар минтақа, ки он бевосита ба танзими бозори озуқаворӣ дар минтақа нигаронида мешавад;

– фаъолгардонии ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои кишоварзӣ бо назардошти риояи қойидаҳои агротехнологияи кишту парвариши зироатҳои кишоварзӣ ;

– ба инобат гирифтани принсипҳои таҳлили ҳамаҷонибаи арзёбии самаранокии сиёсати агрозуқаворӣ дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ бо назардошти самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ;

– ҷорисозии муносибатҳои лизингӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷавӣ, сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ барои ҷавобгӯйи талабот гардонидани ПМТ хоҷагиҳо ва корхонаҳои соҳаи мазкур;

- танзими сатҳи нархҳо дар дохили бозори минтақавӣ ва ташкил кардани фазои ягонаи бозори умумии озуқаворӣ, инчунин индексатсияи ҳатмии нархҳо барои маҳсулоти озуқаворӣ, барои нигоҳ доштани мубодилаи баробари мол байни соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ.

Ҳалли мушкилотҳо бештар аз такмили идораи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ рабт доранд ва ба фикри инҷониб, татбиқи самтҳои дар ин боби рисола зикргардидаи сиёсати агроозуқаворӣ кишоварзиро ба яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёти кишвар табдил медиҳад, ки дар якҷоягӣ бо КАС дарояндаи наздик аз уҳдаи ТБО аҳолии кишвар бармеоянд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ БАЛАНД БАРДОРИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа дар шароити муосир

Дар шароити муосир ин масоили нерӯи табиӣ ҳамчун захираҳо барои ТБО, пеш аз ҳама, барои ба ҳам мувофиқат кардани мақасадҳои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои озуқаворӣ ва истеъмолкунандагон, бо мақасади таъмини фаъолияти муътадили соҳаи комплекси агросаноатӣ ва рушди бозори озуқаворӣ мебошад. Ба маънои дигар бе дастгирии давлат ҳалли мушкилоти рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар маҷмуъ ғайриимкон мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар назди давлат бевосита ташкили рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ масҳуб меёбад. Дар ин ҷода олимони қазоқ - Алиев Е., Ермуханов Д., Мухаметжанов Г., Окшантаева Н. ки «...танзими давлатии соҳаҳои иқтисодиёт вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, имрӯз, вобаста ба таҳримҳои иқтисодӣ, ивазкунии воридоту содироти маҳсулотҳои озуқаворӣ, суст будани назорати комплекси агросаноатӣ ва бозори озуқаворӣ, кам шудани маблағгузориҳои буҷети ба рушди соҳаи кишоварзӣ, масъалаи сиёсати воридотивазкунӣ, бахусус, бахши ғаллакорӣ аҳаммияти илмӣ пайдо намуда, рӯз аз рӯз мубрамтар мегардад.» [84, С.137-145], чунки танзими давлатии рушди усутвори иқтисодиёти минтақа ва ташаккули бозори озуқаворӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад.

Вазифаи давлат дар ин маврид таъмини маҳсулотҳои озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа, аз ҷумла заминҳои кишоварзӣ, нақши калидӣ дорад. Роҳи баромадан аз чунин вазъият дар сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ таҷассум меёбад, ки ин ба вазифаи давлат дар

ташкили шароитҳо барои рушди дурусти бозори озуқаворӣ ва ташкили рақобати софи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, ки имконияти таъмини аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳо ба сомон мерасонад, алоқаманд аст. Диққати асосӣ дар ин маврид бояд ба таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаи ватанӣ ва рушди устувори минтақа бо дарназардошти шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, демографӣ ва тақсимоти молу маҳсулотҳои озуқаворӣ равона шавад. Яке аз муҳаққиқони ин мавзуъ Ғаниев Т.Б. менависад, ки «...такя ба худтанзимкунии бозори озуқаворӣ дар раванди ислоҳоти аграрӣ давлат дар бисёр ҷанбаҳо аз танзими соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Ин тарзи дахолати давлатӣ ба бозори кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мазкур таъллуқ дорад.» [52, С.108]. Барои иҷрои ин вазифаҳо дастгирии давлатии иқтисодиёти минтақа, бахусус таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамчун афзалияти муҳимми сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ – ин низоми чорабиниҳои хусусияти қонунгузорӣ, итоаткунӣ ва назоратро аз болои танзими бозори озуқаворӣ дар назар дошта шуда, ба воситаи он субъектҳои хоҷагидорӣ ва ташкилотҳои давлатӣ бо мақасади муътадил нигоҳ доштани низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар зарур мебошад. Ба таври дигар, танзими давлатии ин раванд - маҷмуи тадбирҳо ва меъёрҳои муайяни қонунгузорӣ, тавсия ва назоратӣ мебошад, ки ба мақасади таъмини бехатрии озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст. Он ҳамчун ҷузъи муҳимми иқтисодиёти миллии кишвар барои такрористеҳсоли захираҳои иқтисодии минтақа рохандозӣ гардида, ба мақсади ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои кишоарзӣ дар минтақа, танзими рушди бозори озуқаворӣ ва бартараф намудани нобаробариҳои иҷтимоӣ-демографӣ истифода бурда мешавад.

Дар шароити кунунӣ дахолати давлатӣ ба ҷараёнҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ қариб кӣ вуҷуд надорад ва баҳсу андешаҳо дар бораи зарурияти танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ гуноугн мебошанд. Аз ин рӯ, Папенов К.В. дар ин маврид чунин андеша дорад: «...нақши фаъоли танзимкунии давлат, дар асоси дастовардҳо ва рушди иқтисоди бозорӣ хеле калон мебошад.» [72, С.5-13]. Маҳз давлат бояд кафили ҳалли масъалаҳои танзими таъмини бехатарии озуқаворӣ, равандҳои тағирёбии бозори озуқаворӣ ва рушди комплекси агросаноатӣ буда, вобаста бо шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, захираҳои замину об, ҳалли масъалаҳои мазкур роҳандозӣ гардаанд.

Ин раванд муносибати дастаҷамъонаро оид ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ ва ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодиро миёни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маводҳои озуқаворӣ ба роҳ мемонад. Ҳадафи асосии танзими давлатӣ, бо такя ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, дар аввал ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони ватанӣ мебошад. Инчунин, он бояд ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ мусоидат намояд.

Дар ин маврид дигаргуниҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба муносибатҳои моликиятдорӣ асос ёфта, дар навбати худ ба механизми танзими давлатӣ ниёз доранд. Аз ин хотир, яке аз вазифаҳои асосии танзими давлатии рушди иқтисодиёти минтақа ва самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ, бо мақсади таъмини рушди бозори озуқаворӣ дар марҳилаи муосир шарти муҳим ва зарур мебошад.

Вақтҳои охир оид мушкилоти танзими давлатии бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа баҳсҳои зиёде мавҷуд мебошад. Бӯҳрони иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ (КАС), бекории нисбатан васеъ, ҳаҷми сусти гардиши маблағҳои пулӣ рақобатро дар

бозори минтақавии озуқаворӣ тезу тунд намуда, зарурияти сиёсати нави агрозуқавории давлатро тақозо менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар ин раванд танзими давлатии рушди бозори озуқаворӣ буда, дар баробари бозори истеъмолӣ, бозорҳои меҳнат, истеҳсолкунандагони молу хизматҳо, сармоя, захираҳои табиӣ ва ғайра низ бояд фаъолияти самаранок дошта бошанд. Маҳз ҳамин ва дигар омилҳо зимни дахолати мақомотҳои давлатӣ ба рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа бояд ба инобат гирифта шавад. Барои таъмини устувории бозори озуқаворӣ, зарур аст, ки механизми мувозинат байни талабот ва пешниҳод дар ҳамаи соҳаҳо амал кунад. Илова бар ин, таҳияи барномаҳои стратегӣ ва амалӣ барои ба роҳ мондани ҳамоҳангии байни тамоми узви соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ муҳим мебошад. Ҳамзамон, бояд имкониятҳои бозори байналмилалӣ ва хати тиҷоратии дохилӣ бо ҳам муттаҳид карда шаванд, то ки иқтисоди кишвар устувор ва қавӣ бошад. Дар ин раванди рушди бозори озуқаворӣ, таъсиси шарикӣ ва ҳалли мушкилоти амаликунанда барои ҳамаи ҷонибҳо аҳаммияти хосса дорад.

Дар ин маврид, барои танзими ҳамаҷониба, давлат вазифадор аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, шароитҳои муносибро барои фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати озоди молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ фароҳам орад, инчунин гардиши молҳо ва рушди фаъоли корхонаҳоро ба роҳ монад. Мақсад аз ин фаъолиятҳо нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои иштирокчиёни бозори озуқаворӣ дар асоси принсипҳои демократикунонии ҷомеа мебошад. Механизмҳои танзими истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва бозори озуқаворӣ тавассути фишангҳое, ки норасоиҳоро дар ҳолатҳои ба самараи дилхоҳ набудани манфиатҳо барои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон ҷуброн мекунанд, роҳандозӣ мешаванд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳар қадар иқтисоди минтақа ва бозори озуқаворӣ суст рушд кунад, дахолати давлатӣ зарур аст ва танзими

давлатӣ бояд пурзӯр карда шавад. Татбиқи мақсадҳои танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар якҷоягӣ бо механизми худтаъминкунии озуқаворӣ бояд ҳамчун муҳимтарин вазифаи муносибатҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақа қарор гирад, ки барои рафъи буҳрони мавҷудаи иҷтимоӣ-демографӣ кумак мекунад.

Механизми бозорӣ наметавонад мушкилоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан таъмини бехатарии озуқавориро мустақилона ҳал кунад, аз ин рӯ, рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ маҳсулотҳои озуқаворӣ ба миён меорад.

Яке аз мушкилҳои асосӣ масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳо ғайрисамаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба яке аз паҳлуҳои асосии ин масъала олимони олмонӣ чунин андешаронӣ намудаанд: «...соҳаи кишоварзӣ ҳамчун анъана соҳаи иқтисодиёти кишвар, аз таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дошта, истеҳсолот дар он характери мавсимӣ дорад.» [92, С.187-192].

Истеҳсолоти кишоварзӣ бо танзими давлатии бозорҳои озуқаворӣ алоқаманд аст, ки танҳо тавассути дахолати давлатӣ ҳаллу фасл мешавад. Усули танзими давлатиро дар соҳаи кишоварзӣ бояд доимӣ ва мунтазам ба роҳ монда, дастгирии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо аз маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ манша мегирад. Ин тадбирҳо тавассути усулҳои идоракунии махсус барои расидан ба ҳадафҳои таъмини рушди бозорҳои озуқаворӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум равона мешаванд.

Вазъи бозори истеъмолиро бояд мақомоти иҷроя ва худидоракунии маҳаллӣ таҳти назорат қарор диҳанд, зеро сиёсати аграрӣ бо мақсади рушди комплекси агроозуқаворӣ барои истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон муҳим аст. Масъалаи устувории бозори озуқаворӣ

бояд дар раванди рушди иқтисоди бозорӣ ба танзими давлатии он дохил карда шавад.

Таҳлили рушди бозори озуқаворӣ метавонад аз ду ҷиҳат баррасӣ шавад: аввалан, ҳамчун сохтори ташкилӣ, ки унсурҳои асосии он истеҳсолкунандагон, харидорон ва инфрасохтори бозорӣ мебошанд; ва дуввум, ҳамчун низоми танзимшавандаи иқтисодӣ, ки ҳадафи ниҳоии он таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи баландсифат ва ватанӣ мебошад.

Дар зинаи аввал, бозори озуқаворӣ ҳамчун як сохтори ташкилӣ таъсис меёбад, ки дар он истеҳсолкунандагон ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва харидорон ба истеъмол кардани онҳо машғуланд. Барои таъмин кардани фаъолиятҳои самаранок дар ин сохтор, инфрасохтори бозорӣ бояд дар ҳолати хуби амалкунӣ бошад, ки ин дар бар мегирад: васоити молиявӣ, хидматҳои логистикӣ, системаи иттилоотӣ, фурӯшгоҳҳо ва ташкилотҳои миёнарав. Танзими самаранок ва устувор дар бозори озуқаворӣ ба робитаи дуруст ва муфид байни тамоми унсурҳои сохтории он вобаста аст.

Дар навбати дувум, бозори озуқаворӣ бояд ҳамчун низоми танзимшаванда ба назар гирифта шавад. Ин маънои онро дорад, ки давлат ва мақомотҳои марбут бояд сиёсати мувофиқро барои нигоҳ доштани иқтидори истеҳсолии соҳа ва таъмини рақобатпазирӣ дар бозорҳо роҳандозӣ кунанд. Танзимоти иқтисодӣ дар бозори озуқаворӣ бояд ба такмил додани сифати маҳсулот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва фароҳам овардани шароити мусоиди тиҷоратӣ барои ҳамаи ширкатҳои истеҳсолкунанда ва воридкунанда, хоҳ худӣ ва хоҳ хориҷӣ, равона шавад. Механизмҳои танзимкунӣ, ки ба набарди арзиш ва сифат дар бозор мусоидат мекунанд, бояд бо миқдори зарурии хидматҳои давлатӣ ва хатарҳои геополитикӣ ва молиявӣ дар назар гирифта шаванд. Илова бар ин, стратегияи кишвар барои рушди бозори озуқаворӣ бояд вобаста ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва

устуворӣ дар баробари таҳаввулоти ҷаҳонишавӣ ба эътибор гирифта шавад.

Аз ин рӯ, таҳлили рушди бозори озуқаворӣ дар кишвар, ба хусус дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, бояд ба назаргирии омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ равона карда шавад. Агар танзими дуруст ва самаранок амалӣ гардад, он метавонад на танҳо рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулотҳои озуқаворӣ бо нархҳои рақобатпазир, балки баланд бардоштани сифати зиндагии мардумро таъмин намояд. Вақтҳои охир бозорҳои озуқаворӣ дар баъзе минтақаҳо бо мушкилоти таъмини бехатарии озуқаворӣ ва камбуди молу маҳсулот рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати дуруст ва пайваста дар бораи танзими бозори озуқаворӣ, ба танзим даровардани нархҳо ва таъмини иқтидори истеҳсолӣ барои беҳтар кардани сатҳи ҳаёти аҳолӣ зарур аст.

Пиёда сохтани мақасадҳои танзими давлатии бозори озуқаворӣ дар таҷриба бо ёрии усулҳо ва фишангҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки маҷмуи усулҳои истифодашавандаи танзими таъмини озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат доимо суръати афзоиш доранд. Ин бо ду омил асоснок карда мешавад: афзоиши доимии аҳолӣ дар минтақаҳо ва мураккаб гардидани вазъи озуқаворӣ ва сохтори иқтисодиёти минтақа ҳамчун қисми комплексии иқтисодиёти миллӣ ва зарурияти пешгӯи ва ояндабинӣ оид ба амалӣ намудани омилҳои гуногуни пешомада, ки ба таъмини бехатарии  озуқаворӣ дар минтақахо таъсири худро мерасонад.

Дар татбиқи амалии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа қайд мақоми сиёсати агроозуқаворechии давлат хеле бузург мебошад, чунки маҳз вай аҳолии минтақаро бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаро таъмин менамояд. Зарурати дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ, дар

расми 3.1. бо назардошти самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа ва таъмини сатҳи бехатарии озуқаворӣ оварда шудааст.




**Расми 3.1. -** Усулҳои асосии танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Истифодаи механизмҳои мазкури дастгирии давлати самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои вилоят ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқавории безарари экологӣ, татбиқи чораҳои амалӣ барои ташкили шароитҳои мусоиди таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақа мусоид менамояд. Илова бар ин ҳуқуқи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ аз нигоҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бояд дар сатҳи баланд таъмин карда шуда, дар шароити рушди ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ, ҷори намудани технологияи нав, зарур аст, ки истеҳсоли ҳарҷӣ зиёди зироатҳои кишоварзӣ ва ташаккули кластерҳои агросаноатиро ба роҳ монем.

Усулҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар танзими давлатӣ, аз ҷумла дар мавриди истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об ва идоракунии ин намуди захираҳо муҳаққиқи ватанӣ Н.М.Қаландарзода

чунин ақида дорад: «...Ҳамин тавр, шарти асосии рушди иҷтимоию иқтисодии низоми идоракунии захираҳои об дар минтақаҳои Тоҷикистон, ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунӣ барои таъмини кафолатнокии аҳолӣ, объектҳои саноатӣ, корхонаю муассисаҳои кишоварзӣ ва таъминоти коммуналию маишӣ бо миқдори зарурии об ва оби сифаташ муайян мебошад.» [133, С.131-139]. Ин тадбирҳо бевосита ба ҳавасмандкуниҳои иловагии моддӣ ва пулӣ ё хатарҳои экологӣ вобаста мебошад. Усулҳои мазкур хоси рушди иқтисоди бозорӣ буда, паҳлуҳои гуногун ва мураккаби рушди бозори озуқаворӣ, талабот ва таклифот ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, рақобати софи корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми он, инчунин хизматрасониҳои бозориро таъмин менамояд. Илова бар ин, маблағгузориҳои барномаҳои давлатӣ ва фармоишҳои минтақавӣ дар бахши рушди инфрасохтори бозорӣ, низоми хариди давлатии маҳсулоти озуқаворӣ барои ташкили захираҳои давлатӣ, низоми танзими сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии рушди он ба анҷом расонида мешавад. Инчунин аҳаммияти махсус дар раванд рушди комплекси агросаноатӣ ва бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо мебозад.

Усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ бо такя ба қувваи мақомотҳои давлатӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳо барои таъсири назорати давлатӣ ба натиҷаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ амалӣ мешаванд. Тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар шакли тартиби таъмини озуқаворӣ, назорат бар сифати хурокворӣ, ҳуқуқи истифодаи озуқаворӣ, қонунҳои танзимкунандаи бозори озуқаворӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои истеъмолкунандагон, имтиёзҳо, иҷозатдиҳӣ, ҷаримаҳо ва назорат бар иҷрои қонунгузориҳои амалкунанда инъикос меёбанд.

Дар ин маврид профессор Ашуров И.С. изҳори ақида намуда, менависад: «...Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба таъминоти меъёрӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддию техникӣ, кадрӣ ва иттилоотии соҳа дорад. Аз чумла, як қатор қонунгузорӣ оид ба амнияти иттилоотӣ, аз

ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Дар бораи имзои электронӣ», «Дар бораи маълумот», «Дар бораи криптография», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ». Дар Тоҷикистон беш аз 95 дарсади аҳолӣ ба алоқаи мобилӣ дастрасӣ доранд. Шумораи умумии муштариёни мобилӣ зиёда аз 7 млн. нафарро ташкил медиҳад (аз он 5,4 млн. муштариёни фаъол мебошанд). Муштариёни интернет 3,3 млн. нафар ва шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ ба 7,2 млн. расидааст. Тибқи Индекси омодагии шабака (NRI) дар гузориши глобалии технологияҳои иттилоотӣ дар бораи Индекси истифодаи шахсӣ технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (зери индекси истифода), ки паҳншавии баъзе технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла воридшавии телефонҳои мобилӣ, истифодаи интернет, компютерҳои шахсӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 миёни 139 кишвари ҷаҳон дар ҷои 109-ум қарор гирифт. Тибқи гузориши ҷаҳонии рушди иттилоот, технологияҳо дар солҳои 2013-2016, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳо «Қонунҳои марбут ба иттилоот ва коммуникатсияи технологияҳо» («Қонунҳои марбут ба ТИК») тибқи меъёрҳои байналмилалии рейтинг дар соли 2013 дар ҷои 86-ум (144 иёлот), мавқеи 84-умро ишғол кард.» [134, С.332-338].

Дар айни замон усулҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои муайяни субъектҳои хоҷагидорӣ фаълона иштирок варзида, танзимгари бозори озуқаворӣ, қабули қарорҳои дахлдори давлатӣ, инчунин аз ҷониби органҳои дахлдори давлатӣ назорати сифат ва миқдори зарурии маводҳои хурокворирo дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба сомон мерасонанд. Аз ин хотир, усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ асоснок буда, механизмҳои идораи бозори озуқаворӣ

дар асоси манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва давлат таҳия ва истифода карда шаванд.

Вобаста ба рушди бозори озуқаворӣ, усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзими давлатӣ бо истифода аз низоми қонунгузорӣ барои масъалаҳои гуногун, аз ҷумла ташаккул ва рушди инфрасохтори бозори озуқаворӣ, танзими муносибатҳои савдою тиҷоратӣ, аниқ кардани механизми хусусигардонӣ ва маҳдуд кардани ҳокимияти инҳисорӣ дар бозор равона карда мешаванд.

Усулҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин маҷмуи чорабиниҳои таъсирасонии давлатӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо шароитҳои муайян барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва танзими бозори хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ фароҳам оварда мешавад. Ин тадбирҳо бевосита ба ҳавасмандкунии иловагии моддӣ ва пулӣ, ё ин ки бо хатарнокии экологӣ алоқаманд мебошанд.

Дар шароити минтақаҳо, вазни қиёсии танзими иқтисодӣ-иҷтимоӣ нисбат ба усули маъмурӣ-ҳуқуқӣ афзалияти бештар дорад. Воқеан, ин усул ба таъсири талабот ва пешниҳоди мол, маблағгузории истеҳсолоти кишоварзӣ, танзими гумрукӣ, танзими нарх ва нархгузорӣ ва амсоли инҳо вобаста аст. Сиёсати дурусти истифодаи усулҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар танзими бозори минтақавии озуқаворӣ тавассути фишангҳои молиявӣ-қарзӣ, нарх ва нархгузорӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, суғуртакунонии махсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва озуқаворӣ, дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, дотатсия ва субсидияҳо ва дигар тадбирҳо амалӣ мегардад. Аз ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ кард, ки барои беҳтар кардани вазъият дар бозори озуқаворӣ ва таъмини устувории он, ба танзим даровардани таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва истифодаи усулҳои муносиб ва муассир зарур аст, зеро ҷалби сармоягузориҳо ва дастгирии рушди комплекси агросаноатӣ ва ташаккули бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо зарур аст.

Танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд як раванди барномавии мақсаднокро пайгирӣ намуда, тавассути тадбирҳои ҳуқуқӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-маъмурӣ ва механизмҳои идоракунии махсус ба мақсадҳои пешбинишуда расад. Чораҳои танзимкунӣ, ки вазъи бозори озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро идора мекунанд, бояд дуруст интихоб шаванд ва усули барномавии мақсаднок барои рушди бозори озуқаворӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳо амалӣ карда шаванд ва дар хариди мол ва таъмини ташкилотҳои савдо ҳамкорӣ кунанд. Вале бидуни таҳияи барномаҳои рушди бозори озуқаворӣ ва инфрасохтори бозорӣ, ҳамчунин таъсиси механизмҳои татбиқи он, расидан ба ҳадафҳои назаррас ғайриимкон аст.

Низоми танзими рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа бояд ба самаранокии истифодаи иқтидорҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замин бахри ТБО равона карда шаванд. Дар ин бора Бобозода Х.С. механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, натиҷагирӣ кардааст: «...Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти комплексӣ буда, танҳо бо тадбирҳои агротехникӣ ҳал намешавад. Омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ дар ин раванд нақши ҳалкунанда мебозанд. Паст будани сатҳи даромаднокӣ, маҳдудияти сармоягузорӣ ва нокифоя будани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ боиси пастшавии сифати хок ва коҳиши самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мегарданд. Таҳлили минтақавӣ (Вахш, Суғд, Лахш) нишон дод, ки гарчанде мушкилоти ҳосилхезӣ умумимиллӣ аст, роҳҳои ҳалли он бояд хусусияти дифференсиалӣ дошта бошанд. Дар водиҳо масъалаи асосӣ шӯршавӣ ва идоракунии об, дар минтақаҳои доманакӯҳӣ эрозия ва дар минтақаҳои кӯҳӣ маҳдудияти иқтисодӣ ва инфрасохторӣ мебошад.» [135, С.190-197].

Унсурҳои асосии танзими рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа ва рушди инфрасохтори он  дар расми 3.2. оварда шудааст.




**Расми 3.2.-** Сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии танзими рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Бо ёрии фишангҳои дар боло овардашуда давлат рушди бозори озуқаворӣ ва соҳаи кишоварзиро танзим намуда, барои таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ватанӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ заминаҳои мусоид фароҳам месозад. Мақсади асосии сиёсати давлатӣ фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва экологӣ барои рушди комплекси агроозуқаворӣ ва минтақа дар маҷмуъ мебошад.

Танзими давлатии самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, банақшагирии дарозмуддат ва миёнамуҳлати фаъолияти он ва муайян намудани дурнамои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар ҳалли масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ мақоми махсус дорад. Лекин, дар шароити иқтисоди бозорӣ ба масъалаи банақшагирии стратегӣ ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ диққати зарурӣ дода намешавад, ки он куллан тағийр дода шавад.

Усулҳои таъсири мустақими танзими давлат дар он ифода меёбанд, ки субъектҳои иқтисодӣ на бо интихоби мустақили худ, балки бо такя ба

дастурҳо ва фармоишҳои давлат қарор мегиранд. Масалан, қонунгузории андоз, қоидаҳои ҳуқуқии соҳаи харочоти истеҳсолӣ ва расмиёти сармоягузории давлатӣ намунаи чунин усулҳоро ташкил медиҳанд. Барои муқоиса, усулҳои танзими ғайримустақим дар шароити дигар амал мекунанд, ки дар он давлат бевосита ба қарорҳои иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таъсир намерасонад. Он ба чои амал кардани дурустии қарорҳо, заминаи имконоти дарозмуддатро фароҳам меорад, ки субъектҳо метавонанд ба интихоби мустақили қарорҳояшон мувофиқ шаванд. Ба ин тариқ, усулҳои ғайримустақим бештар ба эчоди муҳити муносиб барои интихоб ва коркард кардани қарорҳо мувофиқ мешаванд, ки мантиқан бо ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлат ҳамоҳангӣ доранд, зеро нисбати дигар соҳаҳои иқтисодиёт талабот ва таклифот ба маҳсулотҳои ин соҳа зиёд буда, вазъи воқеии зиндагии аҳолӣ ва даромади истеъмолкунандагонро муайян менамояд.

Барои расидан ба рушди самараноки бозори озуқаворӣ ва таъмини мутавозуни талабот ва пешниҳод, мачмуи тадбирҳо бояд омилҳое, чун ҳавасмандии истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, танзими нархҳо ва тарифҳо, ташкили фармоиши давлатӣ барои маҳсулоти хӯроквории дорои аҳаммияти ичтимоӣ, рушди бозорҳои яклухти хӯрокворӣ, такмили робитаҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва савдои хӯрокӣ, танзими воридот ва содироти маҳсулотҳои озуқаворӣ, ҳамчунин ёрдампулӣ ва ҳифзи ичтимоии гурӯҳҳои камбизоатиро дар назар гирад. Дар ин чода истифодаи усулҳои гуногуни танзим, аз чумла андоз, қарзҳо ва субсидияҳо барои дастгирии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, дар таъмини устувории бозори озуқаворӣ нақши муҳим мебозад.

Дар ин раванд Асроров З.У., Қудратов Р.Р. тараққиёти растанипарварӣ ва истифодаи иқтидорҳои мавчударо ҳамчун омили таъмини бехатарии озукаворӣ баҳодиҳӣ намуда, чунин хулосабарорӣ кардаанд: «...Растанипарварии Точикистон, сарфи назар аз мушкилоти

мавҷуда, барои рушди устувор имконият дорад. Шароити табиӣ-иқлимӣ, анъанаҳои аграрӣ ва рағбати афзоянда аз тарафи шарикони байналмилалӣ барои тағйирдиҳии соҳа шароити мусоид фароҳам меоранд. Ба шарофати манотиқи гуногуни иқлимӣ мо теъдоди зиёди зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла пахта, ғалла ва бехмеваҳо дар ҳамворӣ, мева, сабзавот, ангур, картошка ва ғайраро дар манотиқи кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ парвариш карда метавонем. Дар ин самт муттаҳидсозии кӯшишҳои давлат, илм, ҷомеаи фермерӣ барои татбиқи стратегияи маҷмуаи азнавсозии соҳаи растанипарварӣ хеле муҳим мебошад.» [136, С.585-588].

Аз сабаби он ки самаранокии бозори озуқаворӣ дар раванди фаъолияти иқтисодӣ ба омилҳои гуногун вобаста аст, давлат бояд бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ, мустақим ва ғайримустақим ба танзим ва ташаккулёбии бозор таъсир расонад. Дар шароити навин, давлат бо вазифаи муҳим барои фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ ба рушди соҳаҳои агросаноатӣ ва озуқаворӣ машғул аст. Барои расидан ба ҳадафҳои худ, мақсади аслӣ дар сиёсати давлат бояд таъмини рушди самараноки комплекси агроозуқаворӣ ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои фаъолият бошад. Дар кишвари мо механизми танзими бозори озуқаворӣ асосан аз ҷониби давлат амалӣ мешавад ва таъсири он на танҳо ба самаранокии истеҳсолот, балки ба устувории сиёсати озуқаворӣ низ мебошад. Албатта, барои рушди устувор ва муназзами бозори озуқаворӣ, бояд банақшагирии стратегӣ ва пешгӯйӣ нақши калидӣ дошта бошад. Ҳадафи аслӣ дар банақшагирии миёнамуҳлат ва дарозмуддат пешгӯии дуруст ва илмист, ки дар асоси таҳлилҳои амиқ ва оморӣ ба амал меояд. Бо вуҷуди ин, дар шароити ташаккулёбии бозори озуқаворӣ, масъалаи банақшагирии стратегӣ ва пешгӯйии комплекси агросаноатӣ дар айни замон ба таври зарурӣ таъкид намешавад. Дар ин самт камбудиҳо дар низоми банақшагирӣ ва тақсимот, ки аксар вақт ба тариқи худкор анҷом

мегиранд, метавонад натиҷаҳои манфӣ дошта бошад. Дар ҳамин замина, мақоми пешгӯйӣ накши муҳими худро нигоҳ дошта, доираи таъсири худро ба тамоми истеҳсолоти кишоварзӣ гузорад.

Таҳияи барнома ва низоми тадбирҳои рушди бозори озуқаворӣ ба мақомоти идоракунии минтақавӣ имкон медиҳад, ки сиёсати ягонаи иқтисодӣ ва илмӣ-техникиро дар самти тағйир додани инфрасохтори бозорӣ амалӣ намуда, муносибати комплексиро ба рушди тамоми унсурҳои бозори минтақавии озуқаворӣ, инчунин ҳамкории судманд ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидории ширкаткунанда ва рушди бозори истеъмолиро таъмин намоянд.

Ҳангоми таҳияи асосҳои ояндабинӣ ва таҳлилӣ дар дурнамои рушди бозори озуқаворӣ, муҳим аст, ки тақсимоти ҳудудии меҳнат дар бозори хӯрокворӣ ба назар гирифта шавад. Вақте ки ҳар як минтақа дар асоси хусусиятҳои табиӣ ва иқтисодӣ маҳсулоти рақобатпазиртаринро дар бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ истеҳсол мекунад, он метавонад накши калидӣ дар таъмини таъминоти озуқаворӣ дар кишвар дошта бошад. Гузариш ба бозори озуқаворории танзимшаванда, ба навбати худ, зарурати пурра кардани мундариҷаи пешгӯйи рушд ва ҷойгиркунии маҷмуи хӯрокворирo ба миён меорад. Ин маънои онро дорад, ки ҳаҷм ва динамикаи воридот, инчунин робитаҳои байниминтақавӣ, бояд аниқ ва асоснок шаванд. Ҳамин тариқ, ин раванди танзимшаванда на танҳо самараи умумии фаъолияти бозори озуқаворӣ, балки самараи умумии фаъолияти иқтисодиёти кишварро дар маҷмуъ афзоиш медиҳад.

Масъалаи муҳим дар муносибатҳои бозори озуқаворӣ ва давлат сиёсати содирот ва воридот мебошад. Танзими давлатии муносибатҳои содиротӣ-воридотӣ тавассути маҳдудиятҳои воридотӣ ва субсидияҳои содиротӣ амалӣ карда мешавад. Хусусиятҳои соҳавии кишоварзии ватанӣ ва имконияти таъмин намудани баъзе намудҳои маҳсулотро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Яке аз механизмҳои муҳимтарин ва муассиртарини дастгирии давлатӣ ин барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ба ҳисоб меравад, ки сатҳи таъминоти бехатарии озуқавориро тавассути ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ, дастгирии давлатӣ барои минтақаҳои алоҳида ба даст овардан мумкин аст. Барномаҳои минтақавии мақсаднок муҳимтарин фишанги дастгирии давлатии бехатарии амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар мебошад.

Маълумотҳо дар бораи ҳолат ва рушди бозори минтақавии озуқаворӣ фишанги муҳим барои танзими давлатӣ мебошад. Ин маълумотҳо ба сохторҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки равандҳои таъминоти аҳолии минтақаҳоро бо маҳсулотҳои озуқаворӣ назорат намуда, дар асоси ин чораҳои заруриро татбиқ намоянд. Таҳлили вазъи бозори озуқаворӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои заифи онро муайян карда, дар ин замина усулҳои таъсири давлатро ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ба воситаи усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба роҳ монем.

Яке аз механизмҳои ниҳоят муҳими низоми танзими муносибатҳои иқтисодии комплекси агросаноатӣ  мехнизми қарзӣ маҳсуб меёбад. Ашуров И.С. ва  Раҳимов П.С.  дар мақолаи худ бо номи  “Иқтисодиёти Тоҷикистон: вазъи кунунӣ, иқтидори захиравӣ ва афзалиятҳои рақобатӣ” ин масъаларо таҳқиқ намуда,  чунин қайд мекунанд: «...Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар низоми бонкии кишвар 65 ташкилоти қарзии молиявӣ фаъолият доштанд, ки аз онҳо 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 23 фонди қарзии хурд мебошанд. Дороиҳои умумии ин ташкилотҳо 47,5 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 ба андозаи 9,8 млрд. сомонӣ ё 26 фоиз афзоиш ёфтанд. Ҳамзамон, уҳдадориҳои онҳо ба 38,5 млрд. сомонӣ расида, нисбат ба соли қаблӣ 8,2 млрд. сомонӣ ё 27 фоиз зиёд гардиданд. Дар соли 2024 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 0,2 фоиз

устувор гардид (аз 10,9571 то 10,9325 сомонӣ). Қобили зикр аст, ки дар соли 2023 ин нишондиҳанда 7,4 фоиз коҳиш ёфта буд. Дар ҳамин давра асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтанд, аз ҷумла лираи Туркия 19,7 фоиз, рубли Федератсияи Россия 13,4 фоиз, рубли Беларус 9,3 фоиз, суми Ӯзбекистон 4,7 фоиз, соми Қирғизистон 2,3 фоиз ва юани Чин 1,5 фоиз. Маблағгузории қарзӣ ҳамчун воситаи муҳимми таъмини рушди устувори иқтисодӣ, тавсеаи истеҳсолоти саноативу кишоварзӣ, таҳкими иқтидори содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нақши калидӣ мебозад. Дар соли 2024 ҳаҷми умумии қарзҳои ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ додашуда 24,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 ба андозаи 5,6 млрд сомонӣ ё 29,3 фоиз афзоиш ёфт. Аз ҳаҷми умумии қарзҳо 47,1 фоиз ба соҳаҳои истеъмолӣ, 12,4 фоиз ба саноат, 12,7 фоиз ба кишоварзӣ, 14,6 фоиз ба савдои хориҷӣ, 6,9 фоиз ба хизматрасонӣ, 4 фоиз ба сохтмон ва 2,3 фоиз ба дигар соҳаҳо рост меояд. Ба соҳибкории истеҳсолӣ 7,6 млрд. сомонӣ ё 31,1 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳо равона гардидааст.» [137, С.279-290]

Механизми дигари муҳими танзими давлатии бозори озуқаворӣ танзими нархҳо мебошад, ки ба рафъи нобаробарии нархҳо ва нобаробарии миёни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон равона карда шудааст. Ин яке аз мушкилоти муҳим дар доираи таъмини бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таъмини бомуваффақияти маҳсулотҳои озуқаворӣ бештар аз низоми оптималии нарх ва нархгузорӣ вобаста мебошад. Дар айни замон, принсипҳои умумии танзими нарх имкон медиҳад, ки нақшаҳои гуногуни танзими нархҳо истифода шуда, вобаста ба вазъи бозори озуқаворӣ амалӣ карда шавад.

Вазифаи асосии танзими нархҳо дар бозори озуқаворӣ дар кишвар ин аст, ки фоидаи ҳамаи иштирокчиёни он, яъне истеҳсолкунандагони

маҳсулоти озуқаворӣ ва истеъмолкунандагон, таъмин карда шавад. Барои расидан ба ин мақсад, давлат бояд нархҳои кафолатноки маҳсулоти озуқаворӣ, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол мешаванд, муайян кунад. Ин нархҳо барои ҳифзи гумрукӣ, маблағгузории хариди маҳсулот барои фонди захиравии давлатӣ ва таъмини захираҳои стратегӣ равона мешаванд. Дар ин замина, нархҳои кафолатнок барои хариди маҳсулоти зиёдатии кишоварзӣ, ки ба фонди давлатии озуқаворӣ равона мешавад, муқаррар карда мешаванд. Ин кӯмак мекунад, ки хароҷотҳо барои таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар пӯшида шуда, таъмини устувори бозори озуқаворӣ таъмин гардад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки миёнаравҳои савдо нисбат ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пештар дар бораи хариди давлатӣ маълумот мегиранд, тамоми маҳсулотро бо нархҳои маъмул дар бозор харида, ба давлат мефурӯшанд. Дар чунин ҳолатҳо, чораҳои дастгирии давлатӣ барои истеҳсолкунандагони хӯрокворӣ метавонад бесамар ва ғайриэффектив бошад, агар механизми дуруст ва мукаммали танзимкунанда вуҷуд надошта бошад. Татбиқи ин чораҳо, ки ба таҳияи механизмҳои муассир ва самараноки танзими бозорҳо равона шудаанд, имкон медиҳад, ки на танҳо соҳаи кишоварзӣ, балки тамоми комплекси аграрию озуқаворӣ ба таври устувор ва босамар рушд кунад.

## Хулосаи зербоби 3.1.

Ҳамин тариқ, раванди РБИ соҳаи аграрӣ дар якҷоягӣ бо механизмҳои бозорӣ, аҳолиро бо озуқавории худӣ таъмин намуда, робитаҳои устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истеҳсолии комплекси агросаноатиро дар заминаи як занҷираи ягонаи ташкилӣ-технологӣ нигоҳ медорад. Барои амалӣ кардани ин мақсад, бояд шароити муътадили фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ фароҳам оварда шавад, ки миёни онҳо муҳимтарин омилҳо инҳоянд:

– кафолати давлатии таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулотҳои сифати баланд, такмил додани заминаи қонунгузории низоми таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғайра;

– гузариш ба усулҳои иҷтимоӣ-иқтисодии танзими давлатии таъминоти озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа;

– рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ аз рӯйи таъйиноти функсионалӣ, ки барои нигоҳдории муътадили таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ равона гардад;

– ташаккул ва танзими бозори маҳсулотҳои кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ;

– ёрмандии давлатии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ.

Ҳамин тариқ, танзими давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ, пеш аз ҳама, ба стратегияи таъмини озуқавории кишвар нигаронида шуда, танҳо дар мавриди комёб шудан ба сиёсати нави агроозуқаворӣ, ки ба ҷанбаҳои мушаххаси тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии дарозмуҳлати минтақаҳои ҷумҳурӣ асос ёфта, амалан татбиқ мегардад.

## 3.2. Истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа

Аз муқоисаи самтҳои мухталифи танзими давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ, ба назар мерасад, ки самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа муҳимтарин аст. Дар самти рушди комплекси агросаноатӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва сармояҳои хориҷӣ ҳамчун фишанги муҳим барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъсиси кластерҳои минтақавӣ дар назар гирифта шудааст, ки ба суръат додани рушди минтақа мусоидат мекунад. Барои дарёфти натиҷаҳои назаррас дар ин самт, татбиқи барномаву стратегиҳои аниқ ва мувофиқ зарур мебошад. Албатта, барои амалӣ кардани ин мақсадҳо, ба захираҳои табиӣ ва сармоягузориҳои ғайрибуҷетӣ таваҷҷуҳи хоса бояд зоҳир карда шавад. Шарти муҳим дар ин самт дарк кардани муҳиммияти

ҷалби сармояҳо ва татбиқи нақшаҳои мураттаб ва дуруст дар рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки барои таъмин кардани рушди устувори иқтисоди минтақа то соли 2030 кумак мекунад.

Дар шароити муосир барои рушди иқтисодиёти кишвар саҳми калон сиёсати аграрии давлат мебозад, ки он доимо ба такмил ниёз дорад. Ба андешаи мо, бо мақсади истифодаи технологияи нави инноватсионӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ бояд ҳамаи шароитҳо таъмин карда шавад. Бар замии ин, дахолати давлат то он замоне зарур аст, ки бахши кишоварзӣ ба ҳадди ақалли рушди устувори худ расад. Илова бар ин, мақомотҳои давлатӣ бояд дар раванди истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ  кумаки худро расонанд.

Фаъолияти самараноки комплекси агроозуқаворӣ дар шароити минтақаҳо аз ҳолат ва истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва озуқаворӣ нишондиҳандаҳои махсус зарур мебошад, ки таъсири онҳо ба раванди ҷараёни истеҳсолот ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири худро мерасонад.

Барои арзёбии захираҳои табиӣ ва омилҳои биоиқлимӣ, ки ба натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолоти КАС-и таъсир мерасонанд, ба назар гирифтан зарур мебошад. Ин ҷо, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан, захираҳои замину об нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ба ҳисоб рафта, сарфи хароҷотҳои моддӣ ва пулиро барои самаранокии иқтисодиёти минтақаҳо баланд бардошта, дар таъмини бехатарии озуқаворӣ саҳми калон доранд.

Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳои кишвар бояд ба ҳамгироии иқтисодиёт ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ мусоидат намояд. Ба ибораи дигар, маҳз маҷмуи ҳама имконотҳо, усулҳо, захираҳои табиӣ метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа истифода шавад.

Иқтидори захиравӣ-табиии минтақа - ин қисмати захираҳои табиӣ ва иқтисодие мебошад, ки ба таври васеъ дар фаъолияти хоҷагидорӣ зимни

имкониятҳои додашудаи техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бо шарти нигоҳдории ҳолати муҳити зисти одамон ҷалб карда мешавад. Нерӯи захиравӣ-табиӣ воқеъ дар ҳудуди ҷуғрофии минтақа, ки аз ҷиҳати экологӣ-иқтисодӣ баҳо дода мешавад, ба таркиби боигарии миллии минтақаҳо дохил мегардад. Бо ибораи дигар, ин маҷмуи захираҳои табиӣ, шароитҳо ва равандҳоест, ки аз як тараф, асоси марзӣ ва захиравии фаъолияти иқтисодии минтақаҳо ва аз ҷониби дигар, ҳамчун объекти таъсироти антропогенӣ ба он муқобилро дорост.

Бо вуҷуди он ки иқтидори захираҳои табиии минтақа баландиёбӣ назар мерасад, имкониятҳои таъмини маҳсулоти озуқаворӣ васеъ мегардад. Ҳоло барои таъмини самаранокии истифодаи захираҳо, идоракунии дуруст ва оқилона, ки ба ҳадди ақал самараи максималӣ дар шароити маҳдуд нигоҳ медорад, лозим аст. Дар навбати худ, таҳаввулоти иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо бо таносубҳои мухталифи объективӣ алоқаманд аст, ки ин динамика ба ҳаллу фасли вазифаҳои стратегии рушди иқтисодии минтақа, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва самтҳои иҷтимоии он кӯмак мерасонад. Вазъияти баамаломада моро водор месозад, ки ба ҷиҳати самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ ва беҳдошти муҳити зист таваҷҷӯҳ намоем. Хусусияти муҳимми ин раванд ба ҳифзи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва муҳофизат кардани он барои ҳалли мушкилоти экологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд кӯшишҳои бештарро барои баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои замину об ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо сафарбар кунем.

Қайд кардан зарур аст, ки қариб ҳамаи захираҳои табиӣ дар раванди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ иштирок менамоянд. Аммо, бояд як гурӯҳ захираҳои асосиро ҷудо кардан зарур аст, ки онҳо бевосита дар истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ хизмат мекунанд, ба мисли: захираҳои замин ва ҷангал, захираҳои обӣ, шароити агроиқлимӣ ва биологӣ ва ғайра, (ҷадвали 3.1.).

**Ҷадвали 3.1.- Функсияи иқтидори захирави-табиӣ дар комплекси агрозуқаворӣ**

| Функсияҳо | Зазираҳои замин | Минералҳо | Захираҳои ҷангал | Захираҳои обӣ | Хавои атмосферӣ | Захираҳои фароғатӣ-маишӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашёвӣ | x | x | x | x | x | x |
| Комплекси озуқаворӣ | | | | x | x | |
| Фароғатӣ (маишӣ) | x | | x | x | x | x |
| Соҳаи кишоварзӣ | x | | x | x | x | |
| Муҳофизатӣ | x | | x | | x | |
| Нақлиётӣ | x | | | | x | |
| Ҷойгиркунии обеъктҳои сохтмонӣ, саноатӣ ва дигар эҳтиёҷотҳо) | x | x | | x | | |
| Муҳофизат ва танзими захираҳои обӣ | x | | x | | | |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ [88].

Дар мавриди вазъи кунунии таъминоти аҳолии минтақаҳо бо маводи озуқаворӣ инро бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ва шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ ба замин дар соҳаи кишоварзӣ, харобшавӣ ва таназзулёбии захираҳои табиӣ нисбат ба дигар захираҳои иқтисодии минтақавӣ назарас мебошад. Ин ҷидду ҷаҳди мунтазами иқтисодиёти минтақаҳо, зарурати тақсими таносуби захираҳои замину обро дар миёни зеркомплексҳои соҳавии растанипарварӣ ва чорводорӣ, ки бо иқтидорҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хом барои саноат сахт машғуланд, ҷонноктар менамояд.

Ба ғайр аз ин, дар раванди таҷдиди корхонаи кишоварзӣ ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ, сатҳи истифодаи фондҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, низоми обтаъминкунӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад хеле коҳиш ёфта, вазъи заминҳои

обёришаванда дар минтақаҳо дар ҳолати мушкил боқӣ мондааст. Аз ин хотир, «...ба сохтори нави самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, кумакҳо (субсидияҳо)-и давлатӣ зарур мебошад, ки ҳавасмандиҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ зарур мебошад.» [87, С.17]. Ин вазъ дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ шарти муҳимми гузариши комплекси агросаноатӣ (КАС) ба рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии баланд бардоштани самарнокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ - ин рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, бо назардошти хусусияти хоси минтақаҳо асосноккунии консептуалии алоқамандии рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва бозори озуқаворӣ барои ҳалли иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур мебошад. Самти асосии ин консепсияро модели рушди устувори минтақаҳо ташкил медиҳад, ки дар он самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, мувофиқгардонии низоми экологии минтақаҳо ҷойи махсусро ишғол менамояд. Ин раванд моро водор месозад, ки дар фикри мувозинати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологии минтақаҳо буда, тавассути танзими давлатӣ бехатарии озуқавиро таъмин намоем.

Дар ин вазъият таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муайян намудани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар асоси таъмини маводҳои озуқаворӣ, вазъи экологӣ ва дигар омилҳои истеҳсолоти кишоварзӣ низ дар ин раванд муҳим аст. Дар баробари ин, баъзе намудҳои фаъолияти соҳаи кишоварзӣ, ҳифз ва такрористеҳсоли захираҳои замин, шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкорӣ, истифодаи васеътари танзими давлатии бозори озуқаворӣ низ бояд тақвият дода шавад.

Дар ин раванд, истифодаи механизмҳои дуруст ва муассир барои баҳодиҳӣ ва мониторинг метавонанд ба боло бурдани самаранокии

агросаноат дар минтақаҳо ва истифодаи устувори захираҳо мусоидат намоянд.Таҷрибаи бисёр кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар шароити минтақаҳо зарурати дигар намудани муносибат ба муайян намудани меъёри самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ба миён меояд. Дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ хусусиятҳои табиӣ-иқлимии минтақа ба рушди низоми заминдорӣ мусоидат намуда, риояи талаботи таъмини бехатарии озуқавориро ба роҳ монем, ки он дар навбати худ аз чунин омилҳо ва шароитҳо таркиб меёбад:

- беҳтаргардонии таъминоти иттилоотии субъектҳои идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳо;

-таназулёбии захираҳои замину об ва беҳдошти муҳити зист;

- баланд бардоштани дараҷаи масъулиятнокӣ барои риояи шартҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар минтақа;

- ҷорӣ намудани назорати дуруст аз болои риояи реҷаи истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа ва асосҳои тағйирдиҳии таъиноти мақсаднокӣ онҳо;

- пурзӯр намудани танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- такмили усул ва методикаи баҳодиҳии пулии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва низоми андози замин бо дарназардошти хусусиятҳои хоси минтақа ва ғайра;

Ин омилҳо барои баҳои муайян намудани арзиши экологӣ-иқтисодии захираҳои замину об, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, яке аз таҳлилгарони ин масъала менависад, ки «...захираҳои замин миёни дигар унсурҳои табиат мақоми махсус дошта, ҳамчун асоси ҳастии одамон, манбаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳамчун объекти моликиятдорӣ баромад менамояд.» [112, С.64-68]. Ин хусусиятҳои захираҳои замин ҳамчун боигарии асосӣ ва ивазнашавандаи

иқтидори захиравӣ-табиӣ, сарчашмаи асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ии минтақа эътироф гардидааст.

Ба андешаи яке аз таҳқиқотчиёни ин мавзуъ Холов Т.: «...Имрӯз ба мақсад мувофиқ аст, ки навовариҳои ташкилию идоракунӣ дар соҳаҳои кишоварзии обӣ ва хоҷагии об барои барқарор намудани якпорчагии технологии системаҳои обёрӣ тавассути таҳия ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва методологии муттаҳидсозии заминҳои минтақаи обёрӣ, гузаштан ба принсипи ҳавзаи идоракунии тақсимоти об ва бо об таъмин кардани обёрӣ дар шароити системаҳои мураккаби хоҷагии об на танҳо дар минтақаи ташаккули реҷаи гидрологии дарёҳо, балки дар минтақаи истифодабарии каналҳои калони магистралӣ, такмили методологияи муайян намудани арзиши хизмати ташкилотҳои хоҷагии об оид ба таъмини об барои эҳтиёҷоти обёрӣ, такмил додани заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии истифодаи замин ва об дар минтақаи ирригатсионӣ равона карда шаванд.» [138, С.377-380].

Аз ин хотир, масъалаи самаранок истифодабарӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ва дар ин замина таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар даврони гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ фақат тавассути самаранокии баланди истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ метавон таъмини бехатарии озуқавориро таъмин намуд. Зарурати такмили механизми иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин ва об дар минтақаҳо асоснок карда мешавад, зеро дар шароити кунунӣ ҳеҷ гуна меъёр ё нишондиҳандаи мушаххас барои баҳодиҳии самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ вуҷуд надорад. Ин омил, дар навбати худ, зарурати таҳқиқоти илмии муфассалро ба миён меорад, ки бояд самараи иқтисодии истифодаи захираҳои табииро баланд бардошта, бо роҳҳои муассир таъмини бехатарии озуқавориро таъмин намояд. Тавассути

амалисозии фаъолияти мақсаднок ва таҳияи механизмҳои дуруст барои истифодаи захираҳо, метавон ба ин ҳадафҳо расид (ҷадвали 3.2.).

**Ҷадвали 3.2. - Сохтори иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (3 варианти муқоисавӣ)**

| Вариантҳо | Ҳамагӣ, иқтидори захиравӣ-табиӣ, % | Аз он ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Фондҳои асосӣ | Захираҳои замин | Захираҳои обӣ | Захираҳои меҳнатӣ |
| I | 100 | 48,1 | 40,5 | 1,52 | 9,88 |
| II | 100 | 36,2 | 40,2 | 2,6 | 21,0 |
| III | 100 | 48,2 | 40,8 | 1,3 | 9,7 |
| Ба ҳисоби миёна аз рӯйи 3 варинат | 100 | 44,2 | 40,5 | 1,8 | 13,5 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф.

Дар маълумоти ҷадвали 3.2. мо сохтори иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳем, ки ба ҳисоби миёна дар се варианти таҳлилӣ омилҳои табиӣ 50-60% иқтидори истеҳсолӣ ва захиравии минтақаҳоро ташкил медиҳад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ бояд ба ин масъалаҳо диққати махсус дод.

Танзими дурусти истифодаи захираҳои табиӣ, бахусус захираҳои замин ва об, барои ба вуҷуд овардани сатҳи баланди самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ муҳим аст. Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки беҳтар кардани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, ба хусус замин ва об, метавонад ба истеҳсоли баландтар ва устувори маҳсулот мусоидат кунад. Аз ин рӯ, таҳаввулоти самаранокии истеҳсолот на танҳо бо афзоиши иқтидорҳои аграрӣ, балки бо истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ алоқаманд аст.

Низоми самаранокии таъмини бехатарии озуқаворӣ ба воситаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ асос ёфтааст. Дар асоси таҳлили дастрасии захираҳо ва рушди секторҳои аграрӣ, сарфаи вақт ва истифодаи оқилонаи захираҳои

табиӣ баланд бардоштани нишондиҳандаҳои рушди комплексҳои озуқаворӣ амалӣ мегардад. Назар ба андешаи коршиносони соҳа, амалӣ намудани равандҳои дурусти идоракунӣ ва истифодаи захираҳо барои таъмини рушди устувори кишоварзӣ аҳаммияти зиёде дорад.

Сатҳи самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар даҳсолаҳои охир паст гардида, вазъиятро барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мураккаб кардааст. Дар натиҷа, паст шудани сифати истифодаи захираҳои табиӣ ва мувозинат дар соҳаи кишоварзӣ боиси коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши таҳдидҳо ба таъмини озуқаворӣ шудааст. Ҳолати мазкур ба талаботи зиёд барои беҳдошти истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳамгироии муассир бо нақшаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлат ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи Ушачёв И.Г. сабабҳои асосии ин раванд баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ таввасути «...баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ, имконияти истифодаи иқтидори мавҷудаи заминҳои лалмии наздикӯҳӣ, доманакӯҳҳо, канори роҳҳо ва соҳилҳо, барои таъмин намудани маводҳои озуқаворӣ, сӯзишворӣ, либос, сохтмони манзилҳо, марказҳои агросаноатӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ.» [91, С.3-9] ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки ҳалли соири мушкилоти истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла замину об дар кишоварзӣ ба сармоягузориҳо алокаманд мустақим дорад. Дар ин робита, дар мисоли вилояти Хатлон Холов А.М. чунин пешниҳодот намудааст: «...Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби сармоягузорон бо мақсади навсозӣ ва такмили инфрасохтори корхонаҳо, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ, ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот, зиёд намудани номгӯй ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, такмили сохтор, таҷдид ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои

амалкунанда зарур мебошанд. Дар маҷмуъ дар КАС-и вилоят асосан чунин навъи инноватсияҳо рушд карда истодаанд: ташкили хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва зотпарварӣ, навкунии парки мошину технологии кишоварзӣ, ҷорисозии технологияи муосири обёрии зироатҳои кишоварзӣ, истифодаи усулҳои маркетинг ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои кишоварзӣ.» [152, С.26-28].

Дар навбати худ, тақсимоти оқилона ва самаранокии истифодаи захираҳои замин дар минтақаҳо ба сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, фаъолият ва рушди соҳибкории хурду миёна дар низоми комплекси агросаноатӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва афзоиши шуғли пурмаҳсули аҳолӣ бояд мусоидат намояд. Дар шароити кунунӣ ин соҳаҳо мавқеи муҳимро дар таҳкими содиротии иқтисодиёти минтақа ва манбаи даромад барои аҳолии кишвар ишғол мебошад. Тамоми маҳсулоти истеҳсолшудаи ин маҷмуи бузурги саноатию кишоварзӣ иштироки амиқи худро бевосита дар рафти ҷорӣ намудани инноватсияҳо равона месозад (ҷадвали 3.3.).

Таҳлили арзёбии сохтори майдонҳои кишт дар минтақа аз рӯйи категорияҳои заминистифодабарандагон нишон медиҳад, ки дар 10 соли охир тамоюли коҳиш ёфтани майдони кишти заминҳои кишоварзӣ ба назар мерасад, ки он 20,4 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар ин раванд, бо назардошти омилҳое, ки самтҳои ояндаи рушди соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатиро муайян менамоянд, аҳаммияти махсус дорад. Муҳимтар аз ҳама шиддат ёфтани мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии минтақаҳои мамлакат мушкилоти асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад. Ба сохтори ММД кишоварзии вилояти Хатлон аҳаммияти махсус дода мешавад, ки он беш аз 50%, аз ҷумла растанипарварӣ 70% ва чорводорӣ тақрибан ба сеяки он рост меояд.

**Ҷадвали 3.3. - Динамика ва сохтори заминҳои кишти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар аввали соли 2022, ҳазор га**

| Зироатҳои кишоварзӣ | 2005 | | 2015 | | 2022 | | 2022/2005 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | майдон | | майдон | | майдон | | Тағйирот (+, -) | |
| | га | % | га | % | га | % | бо % | |
| Майдони кишт, ҳамагӣ | 447,4 | 100,0 | 406,8 | 100,0 | 433,8 | 100 | -13,6 | 96,9 |
| Аз он ҷумла: зироатҳои ғалладонагӣ | 197,9 | 44,3 | 201,0 | 49,4 | 192,0 | 44,3 | -5,9 | 97,0 |
| -зироатҳои техникӣ | 187,7 | 41,9 | 123,0 | 30,2 | 132,8 | 30,6 | -54,9 | 70,7 |
| -картошка | 6,9 | 1,5 | 11,5 | 2,8 | 11,8 | 2,7 | 4,9 | 171,0 |
| -сабзавотҳо | 12,6 | 2,8 | 29,0 | 7,1 | 36,4 | 8,4 | 23,8 | 2,9 мар. |
| -полезиҳо | 6,6 | 1,5 | 13,1 | 3,2 | 15,8 | 3,6 | 9,2 | 2,4 мар. |
| -хӯроки чорво | 35,7 | 8,0 | 29,2 | 7,3 | 45,0 | 10,4 | 9,3 | 127,1 |

**Сарчашма:** [28].

Тайи солҳои охир аз ҳисоби кам шудани майдони кишти пахта васеъ намудани майдонҳои кишти дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ хеле назаррас мебошад. Мувофиқи ҳисобу китобҳо аз 1 гектар майдони кишти пахта фоидаи хоҷагӣ ба ҳисоби миёна 1500-2000 долларро ташкил медиҳад, ки дар ҳамон майдони боғдорӣ мутаносибан 40000-45000 доллар мебошад. Инчунин коҳиш ёфтани нархи пахта ба соҳаи кишоварзӣ зарари калон меоварад, ҳол он ки бунёди боғҳои интенсивӣ 2-3 солро дар бар мегирад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ вақти интизоршавӣ надошта, ҳанӯз ҳам ба парвариши ҳосили пахта ва зироатҳои ғалладонагӣ машғул мебошанд.

Илова бар ин, дар қисми зиёди заминҳои обёришаванда рушди соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон мебошад. Муайян карда шудааст, ки зиёда аз чор се ҳиссаи заминҳои мазкур барои истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ ғайриимкон мебошад. Қисми асосии он боришоти ночизеро гирифта, бидуни обёрӣ дар онҳо парвариши зироатҳои кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин минтақаҳое мавҷуданд, ки иқлими онҳо барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ хеле хушк буда, дар онҳо фақат истеҳсоли алафҳои табиӣ барои хуроки чорво ташкил карда шудаанд.

Дигар минтақаҳои кӯҳистон бошад барои парвариши зироатҳо ба миқдори кофӣ боришот намерасад, ки ҳосилашон хеле паст мебошад.

Масъалаи мубрам, дар ин самт вуҷуд надоштани усул ва шаклҳои нави муайян кардани меъёрҳо ва муҳлатҳои низоми обёрии зироатҳои кишоварзӣ мебошад. Аз ин рӯ, корхонаҳои кишоварзӣ бо истифода аз меъёрҳои куҳна кор мекунанд, ки ба хатогиҳои калон, бидуни ба назар гирифтани захираҳои воқеӣ, миқдори боришот, талаботи биологии зироатҳо ва ғайраҳо фаъолият менамоянд. Барои ҳалли ин мушкилотҳо, «...барномаи ислоҳоти бахши захираҳои обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 қабул карда шудаст, ки ҳадафи асосии он ворид гардидан ба шаклҳои нави идораи захираҳои обӣ, ки он як қадами саривақтӣ ва устувор дар масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ мебошад.» [10].

Рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ ва низоми обёрикунӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити буҳрони озуқаворӣ ҷустуҷӯи усулҳои нави истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об, ҷустуҷӯи усулҳои нави низоми обёрикунӣ, рушди технологияи пешқадами агротехникии парвариши зироатҳои кишоварзиро ҳамчун омили муҳими таъмин намудани аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо маводҳои хӯрокворӣ мешуморад.

Аз ин хотир, ҳосилхезии заминҳои обёришаванда дар минтақаи Хатлон аз чунин унсурҳои асосӣ таркиб меёбад: таркиби механикии қабати хок, тобовар будани заминҳо ба эрозия, шӯразанӣ ва баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва ғайра, ки дар навбати худ тавассути кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба даст оварда мешавад.

Минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус минтақаи Хатлон, имрӯзҳо дар истифодаи захираҳои замин ва об ва ТБО ба мушкилотҳои зиёде рӯ ба рӯ мешавад. Сабаби асосии ин раванд, пеш аз ҳама, тақсимоти нобаробарии захираҳои замин, пеш аз ҳама заминҳои

обёришаванда дар минтақаҳо, ки мушкилот ва маҳдудиятҳои зиёдеро дар истифодаи имконоти мавҷудаи заминҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ дар қаламрави минтақаҳо ба бор меорад. Барои ҳалли ин масъалаҳо интиқол ва тақсимоти обҳои байни ҳавзавӣ ва сохтмони обанборҳои нав зарур мебошад.

Хушвахтзода Қ.Х. ва Расулов Д.Т. масоили мазкурро дар даврони муосир таҳлил намуда, чунин андешаронӣ намуданд: «...Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)- и ватанӣ буҳрони навовариро аз сар мегузаронанд. Он ба набудани шароитҳои лозима барои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҳисоби азхудкунии дастовардҳои илмӣ-техникӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, фаъолноккунии ҷараёноро лозим аст, ки навкунии истеҳсолотро дар базаи азхудкунии дастовардҳои илм ва техника имконият фароҳам созад. Ҷараёнҳои навоварӣ бояд доимо аз тарафи давлат ба воситаи сиёсати мувофиқи навоварӣ танзим карда шавад, он ба навкунии системавӣ, дурнамои истеҳсолоти саноати аграрӣ, чорабиниҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, баландбардории самаранокии он бояд мусоидат намояд.» [80, С.185]. Дар ин самт, рушди боғдорӣ ва токпарварӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ як роҳи самараноки афзоиши маҳсулот ва беҳтар кардани таъмини озуқаворӣ мебошад.

Аз тағйироти структураи кишоварзии минтақаҳо ва истифодаи захираҳои табиӣ метавон хулоса кард, ки рушди соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ равшан нишон медиҳанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ истифодаи оқилонаи захираҳои об ва замин дар минтақаи кӯҳӣ ва дигар минтақаҳо аҳаммияти хосса дорад.

Вазъи кунунии истеҳсолоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаҳои рақобатпазири кишоварзӣ, ба монанди боғдорӣ ва чорводорӣ, истифодаи ин захираҳо метавонанд даромаднокии 11-15 маротиба аз ҳар гектар майдони ангур зиёд бошад, ки дар муқоиса бо гӯшт 8-11 маротиба бештар аст. Ҳамчунин, боғҳои хурмо метавонанд даромаднокиро аз як

гектар 15 маротиба зиёд кунанд ва шуғли меҳнатро 2,5 баробар афзоиш диҳанд. Ҳолати баамаломада нишон медиҳад, ки бо такмил ва истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ ва татбиқи амалии сиёсати дурусти аграрӣ, метавон ҳосилнокии маҳсулотро баланд бардошт.Бо боварии комил метавон гуфт, ки такмил ва амалигардонии чорабиниҳои дурусти иқтисодии аграрӣ ва истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди босуботи иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард.

Тағйиротҳои куллӣ дар тавозуни захираҳои меҳнатӣ ва сохтори маҳсулоти умумии кишоварзӣ метавонанд ба минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ таҳдид намуда, ноқисоии заминҳои лалмии камҳосил ва зарар ба дигар соҳаҳои меҳнатталаб ва сердаромадро ба вуҷуд оваранд. Барои ҳалли ин масъала, истифодаи дурусти захираҳои табиӣ, беҳдошти муҳити зист ва рушди босуръати соҳаҳои кишоварзӣ бо назардошти истифодаи сармояи инсонӣ муҳим мебошад. Профессор С.Ҷ. Комилов сармояи инсониро чунин шарҳ медиҳад: «…маҷмуи қобилиятҳои модарзодӣ, андӯхташуда, истеъдод, маҳорат, таҷрибае, ки ба рушди фаъолияти равонӣ, эҷодии шахс бо мақсади ҷалби даромад дар шароити мушаххаси иқтисодию иҷтимоӣ нигаронида шудааст.» [183, С.28]

Вақте ки бо дастовардҳои илмӣ ва дастгирии сиёсати дурусти давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва боғдорӣ, бо истифодаи усулҳои муосири коркард, ҳосилнокии маҳсулотҳои кишоварзӣ метавонад афзоиш ёбад ва ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат намояд. Дар ин раванд, дар ҳолати таъмини нерӯи барқ тамоми минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон (ноҳияҳои Ховалинг, Ш. Шоҳин, Балҷувон, Муъминобод ва ғайра.) метавонанд саҳми худро дар таъмини бехатарии озуқаворию ҷумҳурӣ гузоранд.

Агар сиёсати агроозуқавории давлат дар давраи барномаҳои дарозмуддати тараққиёти минтақаҳои Тоҷикистон оид ба коркарди

саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ дар қатори чораҳои пешбинигардида, ки дар барномаҳои давлатӣ рӯйи кор оварда шудаанд, инчунин тадбирҳои зерин низ зарур мебошад:

- таъмини суръати баланди рушди соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ, дар заминаи ҷори намудани технологияи пешқадам ва усулҳои интенсивӣ (шиддатнок);

- фароҳам овардани шароит барои ба даст овардани истиқлолияти озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- дастгирии давлатии рушди соҳаҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ (комплекси сабзавот ва полезиҳо, рушди соҳаи чорводорӣ ва парандапарварӣ ва коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ);

- такмили механизми давлатии муносибатҳои байнисоҳавӣ дар КАС, ки барои бартараф намудани номувофиқатии нархҳо дар бозори озуқаворӣи минтақа мусоидат менамояд;

- афзоиши сатҳи технологии коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва бахшидани беҳбудӣ ба сифати маводи озуқаворӣ;

- мусоидат ба азнавсозии базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ ва ташкил намудани иқтидори истеҳсолӣ-техникии ҳозиразамон дар минтақа;

- рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва намудҳои алтернативии фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ғайра.

Амалӣ намудани тадбирҳои мазкур имконият медиҳад, ки вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва демографии минтақаҳо беҳтар гардида, бартараф намудани талафоти маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва меҳнат дар комплекси агросаноатии кишвар таъмин гардад. Барои рушди боғпарварӣ чун қоида заминҳои дар нишебиҳои минтақаҳо ба ғайр аз парвариши пахта ва заминҳои лалмӣ ҷудо карда мешавад, ки истифодаи онҳо барои истеҳсоли хӯроки чорво низ зарур мебошад. Худи соҳаи боғдорӣ ва токпарварӣ манбаи муҳими

пур кардани ғизо буда, бо ташкили оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва технологияи пешқадами зироатчигӣ дар заминҳои кӯҳӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили баҳодиҳии муқоисавии захираҳои замин ва об нишон медиҳад, ки бартараф кардани сатҳи ниҳоят пасти маҳсулнокии чорворо бо роҳи ба ҳадди ақал расонидани консентратсияи парвариши чорвои ширдеҳ дар минтақаҳои водӣ, ки иқтидори биоиқлимии он заминаи беҳтарини истеҳсоли хӯроки чорво дар ин низом мебошад, самаранокии онро таъмин мекунад ва таносуби маҳсулнокии шир ва парвариши чорвои гӯштӣ дар асоси коркарди саноатӣ ба роҳ мемонад, ва имкон медиҳад, ки вазъият дар ҳалли таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар беҳтар карда шавад.

## Хулосаи боби 3.2.

Дар умум,  таҳлили маводи ин зербоб ба мо имкон дод,ки чунин натиҷагириҳо намоем:

ТБО дар кишвар, бидуни  ҳалли масъалаҳои дигари бехатарии иқтисоди миллӣ  (ба мисли бехатарии иқтисодӣ-иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра) ғайриимкон мебошад.

- истифодаи самараноки захираҳои замину об ва таваҷҷуҳи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сифатноки ғизоӣ, нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти ғизоӣ дар минтақа;
- ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо истифодаи тухмии аълосифат ва низоми обёрии пешқадам дар минтақаҳо зарур мебошад;
- танзими ҳаракати байниминтақавии молҳои озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- ғояи саноатикунонӣ бевосита ба коркарди маводҳои озуқаворӣ робита дошта, барои табдил додани кишвари аграрӣ ба саноатӣ-инноватсионӣ фаъолият хизмат менамояд.

- аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бармеояд, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, давлат бояд чораҳои мушаххас андешида, соҳаҳои аграриро бо кӯмак ва дастгирии мукаммали молиявӣ ва техникӣ таъмин намояд.

-дар танзими мукаммали маҳсулоти озуқаворӣ ва ба эътидол овардани бозори дохилӣ, нақши давлат дар коркард ва рушди инфрасохтор бо роҳи беҳтар кардани хидматрасонии давлатӣ ва саноати агросаноатӣ хеле муҳим аст;

- тадбирҳои андешидашуда бояд бо мақсади боло бурдани самаранокии истеҳсолот ва таъмини сифати зиндагии мардуми деҳот роҳандозӣ шаванд. Ин ҳама барои баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, таҳлили сатҳ ва арзёбии динамикаи нишондиҳандаҳои мазкур  барои ин гурӯҳҳо, инчунин муқоисаи ин маълумотҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки вазъи бозори озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолӣ дар минтақаи Хатлон тавсиф дода шавад. Айни замон, такмили сохтори соҳавии кишоварзӣ бо дарназардошти динамикаи таъминоти озуқаворӣ баррасӣ карда мешавад, ки рушди он дар ҷумҳурӣ характери ноустуворро якранг мебошад.

## 3.3. Модели баҳои самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити минтақаҳо, ТБО  аҳолӣ бо вазъи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, махсусан соҳаи кишоварзӣ, робита дорад, ки аз он вобаста аст, ки чӣ гуна маҳсулоти озуқаворӣ таъмин мешавад ва оё онҳо метавонанд сатҳи некӯаҳволии аҳолиро баланд бардоранд. Хусусиятҳои хоси минтақа ва вазъи демографии он боиси зиёдшавии талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ва воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ аз кишварҳои дигар мегардад.

Рақобатнокии минтақа дар бисёр мавридҳо аз самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ (ба мисли захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва ғайра), инчунин аз шароитҳои гуногуни минтақавӣ, ба мисли эътибор (нуфуз), таҷрибаи хоҷагидорӣ, дараҷаи рушди истеҳсолот ва самаранок истифодабарии онҳо манша гирифта, барои беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии онҳо шароит муҳаё месозад. Дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ва рушди устувори минтақаҳо, таъмини бехатарии озуқаворӣ масъалаи муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин росто ақидае мавҷуд аст, ки бидуни сатҳи пасти дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби водиҳо, минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ талаботи мавҷудаи минтақа бо маводҳои озуқаворӣ таъмин кардан ғайримкон аст. Аз ин рӯ, Таишева Г.Р. оиди ин мавзуъ менависад,ки «...қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаврии ватанӣ дар сатҳи муайян яке аз вазифаҳои таъмини истиқлолияти озуқаврии кишвар ба ҳисоб меравад. Сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар навбати худ, аз омилҳои беруна (объективӣ) ва дохила (субъективӣ) вобастагии калон дорад. Таъмини бехатарии озуқаврии давлат яке аз функсияҳои асосӣ барои фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ ва рушди шахсӣ мебошад.» [46]. Вай муттаҳидсозии комплекси агроозуқавориро бо назардошти шароити табиӣ-иқлимӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ зарур медонад.

Гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-инноватсионӣ дар минтақаҳои кишвар имконият медиҳад, ки на танҳо дар заминҳои обёришаванда, балки дар минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ барои ҳалли мушкилоти озуқаворӣ заминаҳои устувор гузорем. Минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳи ҳамчун «омилҳои захиравӣ» метавонад барои рушди бозори агрозуқаворӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, коркарди саноатӣ ва нигоҳдории маҳсулоти озуқаворӣ хизмат намоянд. Дар ин бора фикри Р. Толибов қобили таваҷҷуҳ аст, ки менависад:

«…Тадбирҳои дастгирии давлатӣ боиси баланд шудани фаъолияти сармоягузорӣ мегардад Дар панҷ соли охир барои дастгирии молиявии комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 93 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин нисбати панҷ соли пешин 26,6% афзоишро ташкил медиҳад. Аз ин ҳисоби фермаи калони паррандапарварӣ, чорвои ширию гӯштӣ, аз худ кардани заминҳо, обёрикунӣ ва бунёди боғу токпарварӣ бунёд гардида, барои таъмини амнияти озуқаворechii кишвар заминаи устувор гузошта шуда истодааст. Аммо соҳаи кишоварзӣ соҳаи ниҳоят меҳнатталаб ва маблағталаб мебошад. Масалан, новобаста аз он, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар барои рушди соҳа аз ҳисоби сарчашмаҳои давлатӣ 18 млрд сомонӣ, махсусан барои 29 лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 9,4 млрд сомонӣ равона гардидааст, ҳанӯз ҳам вазъи сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ ташвишовар аст.»[141, С.22].

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки тезутундшавии масъалаи бехатарии озуқаворӣ ва камшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои кишваро бо яку якбора паст шудани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замину об асоснок намудан мумкин аст. Аз ин нуқтаи назар, асоснок намудани дурнамои баҳои самараноки истифодаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили захиравии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аст.

Дар рисола муаллиф модели баҳои самаранокии истифодаи захираҳои замин ва таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақа пешниҳод намудааст, ки вай тавассути барномаи EViews сохта шудааст. Вай имконият медиҳад, ки ояндабинии самаранокии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва дар заминаи он зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Модели коррелятсионӣ-регрессивии муаллиф вобастагии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро дар минтақа аз рӯйи омилҳои гуногун ва нишондиҳандаҳои асосӣ, ба мисли ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ; ҳосилнокии зироатҳои асосии

кишоварзӣ; хароҷотҳои истеҳсолӣ ва сифати маҳсулот баҳогузорӣ менамояд.

Хусусияти хоси модели мазкур дар он аст,ки таъмини истиқлолияти озуқаворӣ дар минтақа тавассути якчанд авомил баҳогузорӣ карда мешавад:

У - нишондиҳандаи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи чор зироатҳои асосӣ (ғалла, картошка, зироатҳои равғани растанӣ ва мевагиҳо) дар минтақа. Ба сифати омилҳои калидӣ чунин нишондиҳандаҳои асосӣ интихоб гардидаанд: $X_1$ - истеҳсоли ҳаҷми маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ, сомонӣ; $X_2$ - ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ, сентнер/га; $X_3$ - хароҷотҳои истеҳсоли барои маҳсулотҳо, сомонӣ ва $X_4$ - сифати маҳсулотҳои озуқаворӣ. Ин нишондиҳандаҳо аз нигоҳи муаллиф дурнамои базавӣ (сенариявӣ), муқоисаи онҳо бо дигар омилҳои таъсиррасон, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа таъсир мерасонанд, нишон медиҳад.

Агар ба динамикаи рушди соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, маҷмуи сабзавотҳо дар доираи рушди зироатҳои хӯроки чорво назар афканем, мебинем, ки истифодаи самараноки захираҳои замин дар водиҳо, талаботи меъёри ташкили истеҳсолоти соҳаи кишоварзиро ба роҳ мондан лозим аст. Ин шароити табиӣ-иқлимии минтақаҳои кӯҳӣ дар истеҳсоли зироатҳои асосии озуқаворӣ, бахусус картошка, ғалладона ва лӯбиёгиҳо, инчунин сабзавотҳо хеле мувофиқанд (ҷадвали 3.4.).

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ратсионӣ озуқаи аҳолӣ маҳсулоти асосӣ ин картошка ба ҳисоб меравад. Агар соли 2013 истеҳсоли он ба 284,5 ҳазор тонна расонида шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2018 - 216,5 ва соли 2022 ба 224,5 ҳазор тонна расонида шудааст, ки мутаасифона наметавонад талаботи бозори дохилиро ба пурраги қонеъ намояд, чунки зиёдшавии аҳолиро низ дар минтақа ба инобат гирифтан зарур аст.

**Ҷадвали 3.4. - Нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсолӣ картошка дар вилояти Хатлон**

| Солҳо | Ҳосили умумӣ, ҳазор. тонна | Ҳосилнокӣ (ба ҳар гектари майдони кишт), с/га | Майдони кишт, хазор, га |
|---|---|---|---|
| 2010 | 209,6 | 226,3 | 8,6 |
| 2011 | 240,3 | 230,0 | 10,0 |
| 2012 | 253,3 | 222,9 | 11,0 |
| 2013 | 284,5 | 236,4 | 11,8 |
| 2014 | 227,0 | 218,9 | 10,0 |
| 2015 | 242,0 | 207,6 | 11,5 |
| 2016 | 245,4 | 214,0 | 11,2 |
| 2018 | 216,5 | 173,4 | 12,3 |
| 2021 | 213,8 | 175,2 | 12,1 |
| 2022 | 224,5 | 175,6 | 11,8 |
| Хамаги | 2356,9 | 213,7 | 110,3 |
| **Суръати зиёдшавии миёна ( %)** | **107,1** | **22,4** | **137,2** |

***Сарчашма:** [29].

Барои таҳлили омилии нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсоли картошка, истифода усулҳои эконометрикӣ муфид мебошад. Яке аз масъалаҳои асосии таҳлили эконометрикӣ ин дуруст интихоб намудани нишондиҳандаҳо (омилҳо)-и таҳлилӣ мебошад. Барои таҳлили эконометрикии нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсоли картошка ба сифати нишондиҳандаи вобаста - ҳосили умумии картошка ва ба сифати омилҳои новобаста - ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошка гирифта шудааст.

Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотӣ маълумотҳои омори расмӣ истифода бурда шудааст. Ҳамин тавр, дар асоси маълумоти омории мазкур модели эконометрикии дурнамои СИИ заминҳои кишоварзӣ ва ҳаҷми МУК дар минтақаи мавриди таҳлил қарордошта баҳисобгирӣ шудааст.

Чун қоидаи таҳлили эконометрикӣ аз қисмҳои таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ иборат мебошад. Пеш аз иҷрои таҳлили регрессионӣ, бояд барои муайян кардани вобастагии байни нишондиҳандаҳо таҳлили коррелятсиониро иҷро намудан мумкин аст. Бо истифода аз имкониятҳои ҷадвали электронии Excel таҳлили

коррелятсионии нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсоли картошка гузаронида шуд, ки натиҷаи он дар ҷадвали 3.5. оварда шудааст.

Таҳлили коррелятсионӣ нишон дод,ки миёни нишондодҳои ҳосилнокӣ ва майдони кишт вобастагии назаррас мавҷуд буда, мувофиқан ба 0,728 ва 0,482 баробар мебошад. Коэффитсиенти ҳисобкардашуда нишон медиҳад, ки ҳосили умумии картошка бештар аз ҳосилнокӣ ва майдони кишт вобаста мебошад,( ҷадвали 3.5.).

**Ҷадвали 3.5.- Натиҷаи таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсоли картошка дар вилояти Хатлон**

| | Ҳосили умумӣ, ҳазор. тонна | Ҳосилнокӣ (ба ҳар гектари майдони кишт), с/га | Майдони кишт, хазор, га |
|---|---|---|---|
| Ҳосили умумӣ, ҳазор. Тонна | 1 | | |
| Ҳосилнокӣ (ба ҳар гектари майдони кишт), с/га | 0,728 | 1 | |
| Майдони кишт, хазор, га | 0,482 | 0,099 | 1 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф бо истифода аз имкониятҳои ҷадвали электронии Excel.

Дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3.5. модели регрессионии ҳосилии умумии картошка таҳия карда шуд:

$$ҲУк = -139{,}721 + 0{,}829 * Ҳк + 17{,}358 * МКк \qquad (3,1)$$

дар ин ҷо, ҲУк - ҳосилиумумиикартошка, Ҳк-ҳосилнокии картошка ва МКк - майдони кишти картошка мебошад.

Модели таҳияшуда аз нигоҳи тавсифи омории сифат, хатогӣ ва эътимоднокӣ чунин мебошад: $R^2 = 0.699$, $\bar{A} = 5.071\%$, $DW = 1.466$.

Аз натиҷаи модели регрессионии (1) бармеояд, ки дар ҳолати ба 1 воҳид (%) зиёд гардидани ҳосилнокии картошка, ҳангоми бетағйир будани майдони кишт, Ҳосили умумии картошка ба 0,829 воҳид (%) зиёд мешавад. Дар навбати худ, ҳангоми ба 1 воҳид (га) зиёд шудани майдни кишти картошка, дар ҳолати бетағйир будани ҳосилнокии картошка, ҳосили умумии картошка ба 17,358 воҳид (тонна) зиёд мешавад.

Барои дурнамои ҳаҷмии умумии истеҳсоли картошка тибқи қоида бояд модели дурнамои ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошкаро таҳия

намуд. Бинобар ин, дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3.5. бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ модели дурнамои ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошкаро таҳия менамоем. Дар раванди таҳияи моделҳои дурнамоӣ бо баътибор гирифтани қонуниятҳои эконометрикӣ барои ҳосилнокӣ ва майдони кишт модели авторегрессионӣ мувофиқат менамояд. Дар ҷадвали зерин модели ҳисобии дурнамои ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошка бо тавсифҳои оморӣ оварда мешавад. (ҷадвали 3.6.).

**Ҷадвали 3.6.- Модели ҳисоби дурнамои ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошка бо тавсифҳои оморӣ**

| Намуди модели ҳисобии дурнамо | Тавсифи оморӣ | | |
|---|---|---|---|
| | $R^2$ | $\bar{A}$ | $DW$ |
| $Ҳк_t = 43.189 + 0.765 * Ҳк_{t-1}$ (2) | 0,578 | 5,63% | 2,60 |
| $МКк_t = 1.005 * МКк_{t-1}$ (3) | 0,991 | 5,31% | 2,15 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо дар назардошти усулҳои эконометрикӣ ва истифодаи имкониятҳои ҷадвали электронии Excel.

Аз натиҷаи тавсифи омории дар ҷадвали 3.6. овардашуда маълум мегардад, ки модели авторегрессионии таҳияшуда боэътимод буда, истифодаи онҳо барои дурнамои ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошка аз рӯи қоида мебошад. Модели ҳисобии (1), (2) ва (3) - ро истифода намуда, ҳосили умумӣ, ҳосилнокӣ ва майдони кишти картошакаро барои давраи солҳои 2020-2030 дурнамоӣ менамоем.

Аз рӯи пешгӯйи мо бо назардошти вазифаи «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020», дар назар дошта шудааст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ зиёдшавии истеҳсолӣ зироатҳои равғани растанӣ зарур мебошад. Бо назардошти ин дар соли 2022 дар муқоиса бо соли 2010 дар натиҷаи зиёд шудани майдони кишти равғани растанӣ, ҷамоварии ҳосили умумии он ба 48,5% зиёд шуд, ки ин нишондиҳанда тамоюли зиёдшавиро касб менамояд.

**Ҷадвали 3.7.- Натиҷаи таҳлили коррелятсионии ҳосили умумии зироатҳои равғандеҳро омилҳои ҳосилнокӣ ва майдони кишт дар вилояти Хатлон**

| | Ҳосили умумӣ | Ҳосилнокӣ | Майдони кишт |
|---|---|---|---|
| Ҳосили умумӣ | 1 | | |
| Ҳосилнокӣ | 0.991 | 1 | |
| Майдони кишт | 0.504 | 0.076 | 1 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи истифода аз имкониятҳои ҷадвали электронии Excel.

